ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 891.550.

УСМОНИЁН НОЗИЛА УСМОН

# МЕҲРИНИСО ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗУӢ, БАДЕӢ ВА САБКИИ АШЪОРИ Ӯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология

аз рӯйи ихтисоси: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,

профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3-6

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7-11

БОБИ I. МЕҲРИНИСО ВА МАВЗУЪВУ МУНДАРИҶАИ АСОСИИ АШЪОРИ Ӯ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 12-65

1.1. Ҳаёт ва эҷодиёти Меҳринисо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 12-22

1.2. Мавзуъ ва мундариҷаи асосии ашъори Меҳринисо. . . . . . . . . . . . . . . . . . 22-65

БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО. . . . . . . . . . 66-122

2.1. Ташбеҳ ва анвои он дар ашъори Меҳринисо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 66-78

2.2. Истиора дар ашъори Меҳринисо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79-90

2.3. Талмеҳ ва навъҳои он дар ашъори Меҳринисо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 90-105

2.4. Корбурди воситаҳои дигари тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо. . . 105-122

БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ САБКИИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО. . . . . . . . . 123-146

3.1. Корбурди вожаҳои нав ва ибораҳою ифодаҳои халқӣ. . . . . . . . . . . . . . . 124-136

3.2. Нақши таноқуз дар ашъори Меҳринисо.. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 136-139

3.3. Калимабозӣ дар ашъори Меҳринисо.. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .. . . . . 139-142

3.4. Муҷазбаёнӣ дар ашъори Меҳринисо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 142-146

ХУЛОСА. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 147-150

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .151

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 152-164

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ . . . . . . . 165

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар таърихи адабиёти охирҳои аҳди шуравӣ ва даврони Истиқлоли тоҷик шоироне ба арсаи фаъолияти адабӣ қадам гузоштанд, ки таҳқиқи аҳвол ва осори онҳо дар адабиётшиносии тоҷик аз аҳаммияти махсус бархурдор буда, боиси кушода шудани паҳлуҳои гуногуни шеъру шоирӣ ва раванди тадриҷии такомули адабиёт хоҳад гашт. Агарчи аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик рӯзгор ва осори қисмате аз шоирони давраҳои мазкур мавриди таҳқиқу тадқиқи ҷиддӣ қарор гирифтаанд, вале боз ҳам дар таърихи адабиёти муосир шоирону адибоне вуҷуд доранд, ки то ба ҳол эҷодиёти онон аз ҷониби муҳаққиқе ба таври бояду шояд таҳқиқ нашуда, адабиётшиносии тоҷик ба ҳалли ин мавзуъ ниёзи зиёд дорад. Яке аз ҳамин шоирон, ки вижагиҳои эҷодиёти вай ҳанӯз ҳам дар адабиётшиносии тоҷик нокушода мондааст ва халоеро дар ин маврид ба вуҷуд овардааст, Меҳринисо Бобобекова ба ҳисоб меравад. Меҳринисо яке аз суханварони ҳунарманду боистеъдод ва чирадасти авохири адабиёти даврони шуравӣ ва аҳди Истиқлолият маҳсуб мешавад, ки ба туфайли ашъори нобу дилнишини хеш дар қатори дигар шоирҳои тоҷик монанди Гулрухсор Сафиева, Хосият Ализода, Шаҳрияи Аҳтамзод, Раънои Мубориз ва амсоли инҳо мувофиқи қудрату тавоноии ҳунарӣ ва малакаву истеъдоди худ ба ганҷинаи сухани манзуми даврони муосири тоҷик саҳме гузошта, нақшеро низ дар ғановати шеъри тоҷик, махсусан, шеъри даврони Истиқлолият бар ҷой гузоштааст.

Меҳринисо дорои чандин маҷмуаҳои шеърӣ ва ҳамчунин, куллиёти ашъор буда, чи дар анвои шеъри суннативу анъанавӣ ва чи дар ашъори тарзи нав ба таври шоиста табъозмоӣ намудааст ва дар саҳнаи адабиёти муосири тоҷик фаъолияти назаррас нишон додааст. Аммо, бо вуҷуди фаъолияти назаррасу шоистаи адиби мазкур, то ҳанӯз ҳам оид ба эҷодиёти вай таҳқиқоти махсус ва фарогиру ҳамаҷониба сурат напазируфтааст. Бинобар ин, интихоби мавзуъ дар рисолаи мавриди назар дар робита ба ҳаёту фаъолияти эҷодиёти Меҳринисо, ба хусус вижагиҳои мавзуӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкиву услубии ашъори гуногунжанри вай дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз мубрамияту аҳаммияти

хосса иборат буда, боварӣ аст, то ҷое адабиётшиносии тоҷикро дар ин бобат пурра менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Яке аз масъалаҳои мушкиле, ки дар омӯзиши эҷодиёти Меҳринисо пеш меояд, ин мавриди таҳқиқот қарор нагирифтани ҳама паҳлуҳои фаъолияти эҷодии шоир мебошад. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик то ҳанӯз аз ҷониби ягон муҳаққиқ эҷодиёти ин шоири хушсалиқа ва пурмояи тоҷик ба таври ҷиддӣ омӯхта нашудааст. Ҳатто, дар энсиклопедияҳое, ки дар даврони Истиқлолият, яъне дар марҳалаи камолоти эҷодии шоир Меҳринисо дар ҷумҳурии мо ба табъ расидаанд, аз ҷумла дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ва «Энсиклопедияи миллии тоҷик» ҳарчанд дар бобати адибони солҳои 80-90-ум қайдҳое мавҷуданд, дар хусуси Меҳринисо маълумоте дида намешавад. Агар ҷо-ҷо паҳлуҳои эҷодиёти шоир мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор гирифта бошанд, дар маҳдудаи мақолаҳои нашриёти даврӣ, он ҳам рӯзномаҳо, анҷом пазируфтаанд.

Бояд зикр кард, ки ягона мақолаи ба меъёрҳои таҳқиқоти муосир ҷавобгӯ дар робита бо ашъори Меҳринисо мақолаи Каримова Миҷгона [59, с. 67-78] ба ҳисоб меравад. Бо ин ки мавзуи баҳси мақола фақат ба эҷодиёти Меҳринисо бахшида нашуда, иртибот бо чандин шоири муосир дорад, муаллифи он дар ҳаҷми се саҳифа ба мавзуи ашъори Меҳринисо дахл мекунад ва роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои тасвири зан-модар дар эҷодиёти Меҳринисо сухан мегӯяд.

Мақолаи дигар ба адабиётшинос Аламхон Кӯчаров тааллуқ дорад, ки зери унвони «Оинаи дил» дар таърихи 23-юми июли соли 1999 дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидааст. Бо вуҷуди камҳаҷмии худ, мақолаи мазкур дар шинохти шеъри Меҳринисо ва пояи ҳунари шоирии то ин давраи вай қобили таваҷҷуҳ аст; зеро, чунонки аз муҳтавои мақола дида мешавад, муаллифи он ба сабку услуби баёни шоир, пояи ҳунари шеърпардозии вай, чигунагии корбурди васоити тасвир ва ҷиҳатҳои сохториву шаклии ашъори ӯ назари борикбинонаву мунаққидона намудааст.

Ҳамчунин, дар матбуоти даврӣ мақолаҳои дигар ҳам ба нашр расидаанд, ки мақола – мусоҳибаҳои Султон Ҳамад [50], Валиҷон Баёнӣ [85], Бахтиёри

Абдураҳим [40], Гулноза Бобомуродова [69], Одил [67] аз зумраи онҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳарчанд ки мақолаҳои хабарнигорони мазкур бештар характери тарҷумаиҳолӣ доранд, аммо он посуххое, ки Меҳринисо бар ҳар яке аз онон додааст, то ҷое барои кушодани хусусиятҳои ҳаёт ва эҷодиёти шоир кумак мерасонанд.

Дар ду муқаддимае, ки шоир Гулрухсор ба маҷмуаҳои дастҷамъии шоирҳои ҷавон навиштааст, дар хусуси шеъру ҳунари шоирии Меҳринисо ҳам нуктаҳое дида мешаванд. Муқаддимаи аввал ба маҷмуаи «Барги сабз» [1] ва дуюм ба «Хӯшаи Парвин» (дар силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт») [2] тааллуқ дорад. Агар дар маҷмуаи якум ба таври умумӣ дар хусуси ҳунару истеъдоди шоирони ҷавон сухан рафта бошад, дар маҷмуаи дуюм дар хусуси ҳунару истеъдоди ҳар шоир, аз ҷумла оид ба Меҳринисо, ба таври алоҳида изҳори андеша шудааст. Агарчи назари мунаққидонаи Гулрухсор дар ин маҷмуа роҷеъ ба шеъри Меҳринисо, ки он замон дар адабиёти тоҷик навқадам маҳсуб мешуд, қобили таваҷҷуҳ аст, аммо он се-чаҳор ҷумлае беш нест. Худи муқаддима бошад, як саҳифаро дарбар мегирад ва он барои муайян кардани шеъру шоирии Меҳринисо кофӣ нест.

Як муқаддимаи дигар ба шоири хушадо Фарзона тааллуқ дорад, ки ӯ ба куллиёти Меҳринисо – «Оҳанги зиндагӣ» навиштааст. Агарчи дар ин муқаддима ҳам оид ба баъзе паҳлуҳои эҷодиёти Меҳринисо, аз ҷумла мавзуъҳои ишқ ва Ватан дар ашъори шоир ва вижагии шоирии вай дар ҳаҷми чанд ҷумла изҳори андеша шудааст, аммо ин муқаддима низ ба ҷиҳати камзарфии худ (ҳамагӣ ду саҳифа) барои кушодани пояи истеъдод ва вижагиҳои шеърии эҷодиёти Меҳринисо кофӣ нест.

Муқаддимае, ки шоири ҳунарманд Камол Насрулло [13, с. 15-16] бар куллиёти мазкури Меҳринисо навиштааст, нисбатан калонтар буда, дар он ба чанде аз масъалаҳои эҷодиёти шоир, аз ҷумла ашъори ба тараннуми Ватан ва меҳандӯстӣ бахшидаи вай, васф ва тасвири зан-модар, ҳамчунин, ба андешаҳои шоиронаи Меҳринисо дахл карда шудааст.

Муқаддимаҳои худи Меҳринисо ҳам, ки барои маҷмуаҳои хеш – «Барги сабз», «Меҳроби меҳр» ва «Оини хуршед» навиштааст, агарчи ҳар ду аз дусаҳифагӣ иборатанд, дар шинохти шоирии вай ва чигунагии тафаккураш то ҷое кумак мерасонанд.

Чи мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва рӯзномаҳои даврӣ аз ҷониби адабиётшиносон ва рӯзноманигорон навишта шудаанд, чи муқаддимаҳое, ки адибон барои маҷмуаҳои шоир мураттаб сохтаанд ва чи муқаддимаҳое, ки худи шоир барои се маҷмуаи хеш навиштааст, ба ҷиҳати камҳаҷмии худ дар таҳқиқи эҷодиёти Меҳринисо ва муайян кардани хусусиятҳои асосии мавзуӣ-ғоявӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкӣ-услубии эҷодиёти ин шоири хушсалиқа кофӣ нестанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷагириҳо аз таҳқиқи мазкур метавонад дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ мусоидат намояд. Мавзуи таҳқиқи илмӣ яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади аслии таълифи диссертатсия муайян намудани хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Барои ноил шудан ба мақсади дар кори диссертатсионӣ гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин тақозо мешаванд:

- муайян намудани зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Меҳринисо Бобобекова;
- муайян кардани асоситарин мавзуъҳои ашъори Меҳринисо;
- муайян намудани асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо;
- таҳқиқи хусусиятҳои сабкии ашъори Меҳринисо.

**Объекти таҳқиқ**и диссертатсияро адабиёти муосири тоҷик, махсусан назми охирҳои аҳди шуравӣ ва ибтидои даврони Истиқлол ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқи** диссертатсияро омӯзиши хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо Бобобекова ташкил медиҳанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Дар таҳқиқот афкори назарӣ ва пажӯҳишҳои суратгирифтаи муҳаққиқони муосири ватаниву хориҷӣ, монанди устод С. Айнӣ, И.С. Брагинский, Маликушшуаро Баҳор, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, Т. Зеҳнӣ, Н. Маъсумӣ, Б. Сирус, Р. Мусулмониён, М. Рейснер, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзод, А. Сатторов, А. Насриддинов, М. Шукуров, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Ҳакимов, А. Давронов, Р. Ваҳҳобов, М. Аҷамӣ, Шафеии Кадканӣ, Сируси Шамисо, Муаззама Иқболӣ, Маҳмуд Ибодиён, Асъод Абдулҳодӣ ва дигарон роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни шеъру адабиёт мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бар асоси методҳои анъанавии муқоисавию таърихӣ, нигоҳи муҳаққиқонаи оморӣ бар матолиби алоҳидаи асари бадеӣ ва, ҳамчунин, таҳлили сохтории мавзуи таҳқиқ сурат пазируфтааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқот маҷмуаҳои дар солҳои гуногун батабърасидаи Меҳринисо, монанди «Замзамаи зебоӣ», «Исми

шаби ишқ», «Марде аз табори равшанӣ», «Меҳроби меҳр», «Меҳроби розам – модарам», «Оини Хуршед», «Шароби нур», маҷмуаҳои дастҷамъӣ бо дигар шоирҳо амсоли «Нафаси субҳ», «Хӯшаи парвин» ва куллиёти охирини вай зери унвони «Оҳанги зиндагӣ», ҳамчунин, фарҳангномаҳо ва осори дигари илмии классикон ва муҳаққиқони муосир роҷеъ ба назарияи адабиёт мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Оид ба ашъори Меҳринисо Бобобекова, мавзуъҳои асосӣ ва марказии он, вижагии корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори ӯ, шакл ва навъҳои санъатҳои истифодашуда дар иртибот бар ҷиҳатҳои сохториву дарунии онҳо, роҷеъ ба хусусиятҳои услубиву сабкии эҷодиёти Меҳринисо дар рисола аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти серпаҳлу бурда шудааст. Мавзуъҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта дар ҳама бобҳои рисола дар худ навгонӣ дошта, қаблан аз ҷониби ягон муҳаққиқе мавриди пажӯҳиш воқеъ нагирифтаанд. Саҳми муаллиф ҳам дар он муайян мегардад, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин бор ба мавзуи эҷодиёти Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии он дахл карда шуда, он дар шакли як рисолаи диссертатсионии мукаммал ва алоҳида таҳқиқ ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Ашъори Меҳринисо Бобобекова аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа ғаноманду рангин буда, дар он аслан анъанаҳои ғоявии адабиёти даврони шуравӣ ва муосири тоҷик, амсоли Ватан ва меҳанпарастӣ, ташвиқи сулҳу ваҳдат, тасвири зан-модар, инсондӯстӣ ва ишқу муҳаббат идома ёфтаанд.

2. Меҳринисо дар пайравӣ аз анъанаи гузаштагон ба истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ таваҷҷуҳи зиёд намуда, дар ҳама анвои шеърӣ, чи ашъори суннатӣ ва чи ашъори ба тарзи нав сурудашуда санъатҳои мазкурро ҷиҳати зебову муассиртар гаштани афкораш ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

3. Дар ашъори Меҳринисо истифодаи вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои нав ҷилваи махсус дорад. Хусусияти назарраси воҳидҳои мазкур дар хушоҳангӣ ва тарзи истифодаи онҳо вобаста ба услуби забони муҳовараи имрӯзи тоҷикӣ

инъикос гашта, асосҳои сабкии ашъори шоирро ба вуҷуд меоварад. Яке аз вижагиҳои назарраси ашъори Меҳринисо ин истифодаи ҳунармандонаи вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳои халқӣ мебошад. Мақолу зарбулмасал ба зумраи чунин воҳидҳои халқӣ тааллуқ дошта, дар ин маврид ҷанбаи таъсирбахшии афкори шоирро тақвият бахшида, мазомини ашъори ӯро рангинтар менамоянд.

4. Дар ашъори Меҳринисо таноқуз яке аз вижагиҳои сабкии онро ташкил медиҳад. Ҳарчанд ки истифода аз таноқуз дар ашъори вай падидаи нав нест ва нишоне аз истиқболу пайравӣ ба шеваи сухангустарии устодони пешин аст, аммо бо тарзи ифодаи таъсирбахш ва бо санъатҳои бадеӣ ифода ёфтанаш дар худ як навъ навгоние пайдо намудааст.

5. Яке аз хусусиятҳои ашъори Меҳринисо истифода аз эҷоз ба ҳисоб меравад. Дар эҷодиёти Меҳринисо назаррастарин намунаи эҷоз дар хаёлпардозиҳои шоиронаи вай дар иртибот бар баёни матолиби гуногун, аз ҷумла дар тасвири мазомини зебову дилнишини ишқӣ, мавзуи модар ва бузургдошти зан мушоҳида мегардад, ки баёнгари сабки вижаи шоир маҳсуб мешавад.

6. Миёни ҷамеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо санъати истиора мақоми меҳварӣ дорад, зеро теъдоди истиораҳои истифоданамуда дар ашъори шоир аз ҳазор адад ҳам гузашта, қисмати аъзами тасвирҳои маҷозии вай тавассути корбурди ҳамин санъати бадеӣ роҳандозӣ шудааст. Истиораҳои ашъори Меҳринисо аз ҷиҳати сохт ҳам сода ва ҳам мураккаб буда, дар тасвири мафҳумҳо шоир аз ҳар ду истифодаи васеъ намудааст.

7. Дар ашъори Меҳринисо миёни санъатҳои бадеӣ мақоми дувумро ташбеҳ ишғол менамояд. Ба эътибори адот ё воситаи монандкунӣ ташбеҳоти Меҳринисо музмару сареҳ, ба эътибори иштироку омезиш бо санъати талмеҳ – ташбеҳи талмеҳӣ ва вобаста ба сохтор муфраду мураккаб мешаванд.

8. Дар тасвири образҳову мазомини ашъори Меҳринисо санъати талмеҳ низ мақоми марказӣ дорад. Дар талмеҳоти Меҳринисо ишорат ба номҳои шахсони таърихӣ, динӣ, шоҳон ва қаҳрамонони бостон, сулолаҳои сиёсӣ-таърихӣ, китобҳои динӣ, фарҳангӣ ва бадеӣ, ҳакимону донишмандон ва шоирон, қаҳрамонони ишқномаҳои маъруф мақоми меҳварӣ доранд.

9. Дар ашъори Меҳринисо нақши санъатҳои бадеии ташхис, таҷнис, маҷозу киноя низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳарчанд ки дар қиёс бо истиора, ташбеҳ ва талмеҳ санъатҳои мазкур дар мақоми дувум қарор доранд, аммо қисмати бузурге аз тасвири мазомину матолиб тавассути онҳо матраҳ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** иборат аз он аст, ки таҳқиқи эҷодиёти Меҳринисо ва хусусиятҳои ғоявиву мавзуӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкии он дар муайян кардани раванди шеъри муосири тоҷик, махсусан, дар даврони Истиқлолият бетаъсир нахоҳад буд, зеро Меҳринисо на танҳо миёни шоирҳои тоҷик, умуман, тамоми шоирони ҳирфаии муосири тоҷик яке аз суханварони ҳунарманду боистеъдоди адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Истеъдоди шеърпардозии Меҳринисо дар ҳама ҷанбаҳои адабӣ: ҳам дар тасвиру тавсифи мавзуъҳо ва мазомин, ҳам дар тарзи истифодаи моҳирона ва ба худ хос аз санъатҳои бадеӣ ва ҳам дар сабки дилнишини ӯ инъикос мегардад. Дар баъзе аз ин ҷанбаҳо навовариву навпардозиҳои шоир ва саҳми вай дар инкишофу ривоҷи онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад. Чун таҳқиқот дар мавзуи эҷодиёти Меҳринисо аввалин кори илмии алоҳида аст, маводи онро дар ҳама корҳои минбаъдае, ки иртибот бо назми охирҳои даврони шуравӣ ва даврони Истиқлолияти адабиёти тоҷик доранд, метавон чун намунаи боэътимоди кори илмӣ истифода кард. Бинобар ин, натиҷагириҳо ва хулосабандиҳои назарии таҳқиқотро ҷиҳати мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, китобҳои дарсиву таълимӣ, васоити гуногуни таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва дигар навъҳои корҳои илмӣ-таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.0101- адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии мавод оид ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, таҳқиқу таҳлили ашъори шоир Меҳринисо ва таснифи хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори шоир зоҳир

мегардад. Натиҷаҳои дар диссертатсия ва мақолаҳо бадастомада саҳми қобили таваҷҷуҳи муаллифро оид ба мавзуи интихобнамудааш инъикос менамоянд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мазмуну муҳтаво, масоил ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар баромад ва маърузаҳои конфронсҳои сатҳи донишгоҳӣ ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара(№3, 3.09.2020) ва ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№6.19.01.2021) муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб (бобҳо дар маҷмуъ иборат аз 10 фасл), хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмуъ 165 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I
# МЕҲРИНИСО ВА МАВЗУЪВУ МУНДАРИҶАИ АСОСИИ АШЪОРИ Ӯ

## 1.1. Ҳаёт ва эҷодиёти Меҳринисо

Меҳринисо Бобобекова зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Вай 19-уми январи соли 1949 дар шаҳри Панҷакент дар хонаводаи хидматчии давлатӣ дида ба дунё кушодааст. Дар як мусоҳибае, ки Султон Ҳамад бо Меҳринисо барпо дошта ва онро соли 2010 дар шакли як мақолаи бузургҳаҷм зери унвони «Дунёи меҳр» дар ду шумораи ҳафтавори «Нури зиндагӣ» ба чоп расонида буд, Меҳринисо нақл менамояд, ки падараш Мирраҳим Бобобеков аввалин пионер, аввалин комсомол ва аввалин коммунисти шаҳри Панҷакент будаанд ва миёни мардум обрӯву эътибори хосса доштанд [50, 8].

Шоир Меҳринисоро дар муҳити хонаводаи падарияш аз хурдсолӣ бо исми Саъдинисо ном мегирифтанд, на бо номи расмии имрӯзаш. Худи шоир дар ҳамин маврид зимни мусоҳиба бо хабарнигори «Ҷавонони Тоҷикистон» Валиҷони Баёнӣ нақл менамояд: «Ман баъди ба дунё омадан чанд моҳ бе ном будам. Бароям номи муносиб ҷустуҷӯ мекарданд. Аввал гуфтанд, ки номашро Зинатуннисо мемонем, зеро хоҳари Зебуннисост. Баъдан гуфтанд, ки номашро Меҳринисо мемонем, ба хотире ки аммаи Зебуннисост. Ва ниҳоят гуфтанд, ки не, як хоҳари падарам нобуд шудааст ва ба хотири ӯ номашро Саъдинисо мемонем. Танҳо падарам маро Саъдинисо нею Меҳринисо ном мегирифтанд, дигар аксарияти ҳамсояҳо, мардуми гузар маро ба хотири падарам Саъдинисо ном мегирифтанд. Ман ба падарам мегуфтам, ки: – Дада, чаро маро Саъдинисо ном мондед? – Охир, Саъдии Шерозӣ... Саъд – хушбахтӣ, духтарам, мегуфтанд падарам. Ман туро дар ҳуҷҷатҳоят Меҳринисо ном мондагӣ. Ҳамин ки номаи камол гирифтию боз ба хондан рафтӣ, номат абадан Меҳринисо мешавад» [85, 8].

Мирраҳим Бобобеков, падари Меҳринисо марди бисёр фозилу илмпарвар ва дӯстдори санъат буд ва ҳамеша фарзандони худро дар рӯҳияи китобхонӣ тарбия менамуд. Дар мусоҳибае, ки хабарнигори «Чархи гардун» Шаҳрбону

Тошева бо Меҳринисо барпо намуда буд, шоир дар хусуси падари худ чунин нақл мекунад: «Падарам барои пешрафту маърифатнок шудани мо хеле кумак расонидаанд. Аллаҳои модарро дар хотир надорам, лекин сурудҳои падарамро дар хотир дораму ҳамеша замзама менамоям. Ҳамон симои падарам, маърифатнокӣ, дӯст доштани китоб, ки якчанд китобашон ба ман мерос мондаанд, ҳамеша маро талқин мекунанд, ки шоистаи номи он падари номдору ҳалиму бообрӯ бошам. То имрӯз агар ба Панҷакент равам, падарамро мардум ба некӣ ёд намуда, мегӯянд, ки хеле як шахси оличаноб ва бофарҳанг буданд. Достонҳои Низомиро қариб ки аз ёд медонистанд. Аз ҳазрати Хайём рубоие намонда буд, ки падарам Мирбобо Бобобеков сарфи назар карда бошанд. Фалсафаро низ хеле хуб медонистанд» [71, 8].

Меҳринисо Бобобекова таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби таҳсилоти умумии шаҳри Панҷакент ба анҷом расонидааст. Соли 1967 ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Дониш– гоҳи миллии Тоҷикистон), ба факултети таърих дохил шуда, онро соли 1972 бо ихтисоси муаллимаи фанҳои таърих ва ҷамъиятшиносӣ хатм намудааст.

Пас аз хатми донишгоҳи мазкур, Меҳринисо дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси корманди илмӣ адои вазифа намудааст. Як сол баъд, вай ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (ҳозира Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ҳамроҳи шавҳараш профессор Шаҳбозбек Кабиров ба сафари хидматӣ рафта, то соли 1976 дар он ҷо мемонад. Соли 1976 Меҳринисо ба Тоҷикистон баргашта, дар вазифаи қаблии худ дар Институти шарқшиносӣ адои вазифа менамояд. Соли 1979 ӯро бори дувум ҳамроҳи шавҳараш ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон мефиристанд ва ин сафари хидматии ӯ ин дафъа чаҳор сол идома меёбад.

Пас аз баргашт аз хидмати давлатӣ, аз соли 1983 то соли 1985 Меҳринисо дар мактаби таҳсилоти умумии №41-и шаҳри Душанбе ба ҳайси муаллимаи фанни таърих ва ҷамъиятшиносӣ фаъолият менамояд. Солҳои 1985-1987 Меҳринисо дар Омӯзишгоҳи касбии №3-и шаҳри Душанбе ба сифати муаллимаи фанҳои фавқуззикр фаъолият мекунад. Солҳои 1987-1989 Меҳринисо дар Бунёди

фарҳангии Тоҷикистон ба сифати коршинос кор кардааст. Аз соли 1989 фаъолияти иҷтимоии Меҳринисо самти дигарро мегирад, вай дар маҷаллаи «Фирӯза» ба ҳайси муҳаррири шуъбаи маърифат ва илм фаъолият менамояд. Дар ҳамин сол ӯро ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ қабул мекунанд. Фаъолияти муҳарририи Меҳринисо то соли 1991 идома ёфта, дар соли мазкур ӯ дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мутахассис адои вазифа менамояд. Баъд аз панҷ соли фаъолият дар кумитаи мазкур, аз соли 1996 фаъолияти Меҳринисо дар созмонҳои байналмилалӣ оғоз меёбад. Солҳои 1996-2007 вай дар Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити мадании Тоҷикистон бо мамолики хориҷӣ ба ҳайси саррефе– рант ва солҳои 2004-2005 дар Хазинаи занони Созмони Милали Муттаҳид ба сифати мутахассис оид ба дастрасии занон ба моликият фаъолият менамояд. Меҳринисо ҳамчунин аз соли 1996 то имрӯз ба ҳайси сарвари созмони ҷамъиятии Бунёди байналмилалии «Хубони порсигӯ» адои фаъолият намуда истодааст. Дар хусуси сабабҳои таъсиси созмони мазкур Меҳринисо дар мусоҳиба бо хабарнигори «Адабиёт ва санъат» мегӯяд: «Ин созмон аз соли 1993 фаъолият дорад ва соли 1996 қонунӣ шуд ва мо як гурӯҳ бонувони эҷодкор ва аҳли ҳунару санъат ба хулосае омадем, ки ба ҳимоя ва дастгирии бонувони эҷодкор омода бошем. Онҳоро аз ҷиҳати руҳонӣ ва маънавӣ дастгирӣ намоем.

Ва ҳамчунин ин созмон барои баланд бардоштани маърифати бонувон ва ошно кардани онҳо бо шахсиятҳои маъруфи ҷаҳон корҳои назаррасе анҷом додааст» [70, 12].

Зимни фаъолият дар созмони мазкур, Меҳринисо ба аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар сафар намуда, оид ба таҳкими ваҳдат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мардуми кишвар семинарҳои маърифативу ҳуқуқӣ мегузаронад. Ӯ занону ҷавононро дар руҳияи сулҳу дӯстӣ, ваҳдат, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ифтихор доштан аз давлати соҳибИстиқлол таблиғу ташвиқ намуда, дар ин самт саҳми хешро то ҷое дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастии мардуми тоҷик мегузорад. Нақши Меҳринисо чун як зани адиб дар бедор ва руҳбаланд кардани занони кишвар, хусусан занони деҳот, дар оғози даврони Истиқлоли Ҷумҳурии

Тоҷикистон арзанда мебошад. Дар ҳамин айёми таблиғот аз ваҳдату дӯстӣ буд, ки тавассути вай моҳномаҳои «Сабо» ва «Меҳр» таъсис мегарданд ва ба сифати минбари таблиғу ташвиқ аз арзишҳои ватандориву ваҳдатталабӣ дар фазои иттилоотии кишвар ҳамчун мунодии сулҳу видод интишор мегарданд.

Меҳринисо зимни фаъолиятҳои иҷтимоии худ ба якчанд мамлакат– ҳои хориҷ, аз ҷумла ба Федератсияи Россия, Қирғизистон, Қазоқистон, Қоҳира, Туркия, Ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон сафар намуда, аз тариқи маърузаҳои марбут бар ҳуқуқи занон баромад менамояд ва бо ин тариқ, дар ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои муътабари тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тариқи минбарҳои баланд суханрониҳо менамояд.

Хидматҳо ва кӯшишҳои собитқадамонаи Меҳринисоро дар самти бедории занони тоҷик, ташвиқоти ваҳдату дӯстӣ, якпорчагии Тоҷикистон ва таблиғоти содиқонаи ӯро марбут бар таҳкими пояҳои ватандӯстиву меҳанпарастӣ ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро дар соли 2011 бо мукофоти давлатии ордени «Шараф» сарфароз гардонид. Ҳамчунин, 30-юми марти соли 2015 бо фармони Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Меҳринисо ба ҳайси узви Маҷлиси миллӣ таъйин карда мешавад. Моҳи апрели ҳамон сол Меҳринисо ба ҳайси муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа интихоб мегардад. Дар ин вазифаи пурифтихор Меҳринисо то ҳанӯз фаъолият карда истодааст.

Меҳринисо Бобобекова соли 2002 ба узвияти Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон қабул гардид ва соли 2009 бо Қарори Маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ ба ҳайси узви раёсати ҳизби мазкур интихоб карда шуд. Фаъолиятҳои шоёну пурсамари сиёсӣ-иҷтимоии Меҳринисоро ба назар гирифта, 19-уми марти соли 2020 бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №778 ӯ бо Ифтихорномаи давлатӣ сарфароз гардонида мешавад.

Ба фаъолияти эҷодии Меҳринисо ва соҳиби донишу фазл гаштани ӯ, пеш аз ҳама, муҳити хонаводагияш – падару модараш мусоидат карданд ва ин сабаб гардид, ки ҳанӯз аз овони кӯдакӣ дар дили вай тухми муҳаббат нисбат ба шеъру шоирӣ реша бар кунад. Падараш Бобобеков Мирраҳим, нисбат ба шеъру адаб ва санъату мусиқӣ мароқи зиёд дошт, аз ашъори шоирон шеърҳои зиёдро дар хотир дошта буд ва онҳоро, ҳатто, бо оҳанг менавохт. Худи Меҳринисо дар ин бобат мегӯяд: «...Хеле хуб тор менавохтанд, суруд мехонданд ва шеъри зиёд медонистанд. Ҳамеша аз Бедил мисолҳо меоварданд. Ба гумонам, тамоми рубоиёти Хайёмро аз ёд медонистанд. Ба мо насиҳат мекарданд, ки шумо рубоиёти Хайёмро дар ҳар маърака ва ё маҳфил бештар бихонед, ҳамон қадар обрӯи шумо баланд мешавад дар назди мардум. Аммо агар шумо бихоҳед, ки забони шумо ширинтар шавад, аз Низомии Ганҷавӣ порчаҳо аз ёд кунед. Худашон китоби Низомӣ доштанд ва онро ба мо ба мерос гузоштанд. Падарам агар чизеро навиштанӣ мешуданд, ҳатман бо ҳуруфи форсӣ менавиштанд. Ҳамеша дар рӯйи мизашон китоби Бедил буд. Баъдан, вақте китоби Туғрал нашр шуд, онро ҳам дар як гӯшаи мизашон мемонданд. Аз фалсафа ҳам хуб огоҳ буданд. Дар хонаи мо ҳамеша суҳбатҳои тулониву самимӣ дар бораи олимону шоирон, ҳунарпешаҳо мерафт... Азбаски аз хурдӣ дар гӯши мо шеъру мусиқӣ садо медод, он моро дилбастаи шеъру ҳунар намуд» [50, 8].

Модари Меҳринисо Мубашшира ном дошт ва бо сабаби зебоӣ Мубашшираи нозанинаш ном мегирифтанд, зани бисёр покизарӯзгор будааст. Ӯ, бо ин ки ҳамагӣ то синфи ҳафтум хонда буд, чунонки худи Меҳринисо нақл менамояд, се хат – форсӣ, лотинӣ ва кириллиро хуб мехонд ва доимо ҳар рӯзномаву маҷаллаи тозанашрро, ки пайдо мекард, сар то по ҳамаро дар назди фарзандони худ мехонд ва мазмуни онҳоро нақл менамуд. Ашъоре, ки дар эҷодиёти Меҳринисо дар мавзуи зан-модар навишта шудаанд, шоир бештари онҳоро аслан ба ҳамин модари фарҳангдӯсти худ бахшидааст. Аз рӯйи суханоне, ки Меҳринисо дар мусоҳиба бо хабарнигори «Бонувони Тоҷикистон» Гулноза Бобомуродова иброз дошта, маълум мегардад, ки вай аввалин касе будааст, ки Меҳринисои хурдсолро ба дунёи шеъру шоирӣ роҳбаладӣ кардааст: «Ростӣ, тамоми умр кӯшидаам, то

ормонҳои модарамро амалӣ созам. Нахустин шеърҳои маро модарам чун сарват зери болини гаҳвораи додарону хоҳаронам ҳифз мекарданд. Шояд онҳо шеър набуданд, эҳсосҳои кӯдаконаи ман буданд, ки рӯи варақ мерехтанд» [69, 12].

Чунин муҳити солиму фарҳангӣ, албатта, ба рушди минбаъдаи фарзандони Бобобеков Мирраҳим ва Мубашшираи нозанин, махсусан, Меҳринисо, ки бештар аз ҳар фарзанди дигаре нисбат ба шеъру шоирӣ муҳаббати бештаре дошт, бетаъсир намонд.

Меҳринисо Бобобекова яке аз адибони пурмаҳсули адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Чунонки аз фаъолияти адабии вай дида мешавад, ӯ ҳанӯз дар 14-солагӣ ба эҷоди шеър пардохта, истеъдоди хешро аз даврони мазкур ба тадриҷ такмил додааст. Худи Меҳринисо дар муҳосиба бо Султон Ҳамад, хабарнигори «Нури зиндагӣ» нақл менамояд, ки ҳанӯз чорсола буд, ба муносибати Иди занон «шеъре» гуфт ва хост онро дар ҳузури модаркалонаш хонад, аммо модаркалонаш дар посух мегӯяд, ки онро баъдтар бихонад. Ӯ аз ин сахт меранҷад. Аммо каме баъд, ҳангоме ки Меҳринисо дар синфи ҳафтум мехонд, ин шеъраш дар нашрияи devории мактабашон ба чоп мерасад:

Шеър агар баҳре бувад, ман баҳрнавардӣ мекунам.
Шеър агар кӯҳе бувад, ман кӯҳнавардӣ мекунам.

Ин рухдод ба Меҳринисо, ки ҳанӯз кӯдак буд, таъсири бузургеро барҷой мегузорад ва чунонки дар ҳамон мусоҳибааш зикр менамояд, ҳар гоҳ ки ӯ аз назди нашрияи деворӣ мактабашон мегузашт ва чашмонаш ба он шеър мерасид, як ҷаҳон руҳу илҳом мегирифт. Дар мусоҳибаи дигар бо мухбири «Ҷавонони Тоҷикистон» Валиҷон Баёнӣ, Меҳринисо зикр намудааст, ки шеъри мазкурро соли 1961 дар рӯзномаи «Зарафшон» чоп кардаанд [85, 8]. Мухбири мазкур дар рӯзномаи «Зарафшон» ин шеъри Меҳринисоро пурратар меоварад, баъд аз ду мисраи зикршуда мисраъҳои зеринро низ зикр мекунад:

Мепарам андар ҳавои шеър то паҳлуи меҳр,
Дар фазояш рӯзу шаб кайҳоннавардӣ мекунам [85, 8].

Бар асари ин болидаруҳӣ 19-уми январи соли 1967 яке аз шеърҳои Меҳринисо, ки дар шакли ғазал навишта буд, дар озмуни адибони ҷавон ҷойи

аввалро соҳиб гардида, дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба нашр мерасад. Матлаи ғазали мазкур чунин аст:

Баҳори ишқи мо дунёи дилро гулбасар созад,
Кӣ битвонад дарахти ишқи моро бесамар созад?

Соли 1987 ашъори Меҳринисо дар силсиламаҷмуаи «Барги сабз», ки дар он намунаи ашъори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик ҷой дода шуда буд, тавассути нашриёти «Адиб» ба табъ мерасад [1]. Дар ин маҷмуа шеърҳои «Умеди зан», «Дуои модар», «Ояд хушам», «Лола», «Ташна», чаҳор рубоӣ, як ғазал ва як мухаммаси Меҳринисо ҷойгузин гаштанд.

Соли 1989 дар маҷмуаи «Навниҳолони боғи адабиёт” дар қатори ашъори баргузидаи шоирҳои навқалам монанди Хосият Вализода, Маҳтоб Зокирова ва Санавбар Соҳибова мунтахаби ашъори Меҳринисо Бобобекова зери унвони «Хӯшаи Парвин» дар нашриёти Адиб»-и Душанбе ба табъ мерасад [2]. Дар маҷмуаи мазкур аввалин бор ашъори нисбатан ҷиддии Меҳринисо ҷойгузин гардидаанд. «Хӯшаи Парвин» иборат аз 61 шеър дар анвои гуногун буда, теъдоди ками онҳо рубоиву ғазал ва аксари онҳо дар қолаби шеъри нав суруда шудаанд. Аввалин шеъри ин маҷмуа «Шуъла» номгузорӣ шуда, аз 12 байт иборат аст.

Маҷмуаи сеюми ашъори баргузидаи Меҳринисо соли 1992 дар нашриёти «Адиб» ба чоп расид. Дар маҷмуаи мазкур дар қисмати аввал ашъори Шаҳрия низ зери унвони «Шамими нур» ва дар қисмати баъдӣ ашъори Меҳринисо бо номи «Нафаси субҳ» дар ҳаҷми 57 саҳифа ба табъ расид. Дар ин маҷмуа 74 шеъри тозаи Меҳринисо ҷойгузин шуда, ҳамагӣ дар қолаби нав эҷод гардидаанд.

Аввалин маҷмуаи ашъори даврони Истиқлолияти Меҳринисо дар шакли алоҳида, яъне бе дастҷамъӣ соли 1996 зери унвони «Шароби нур» дар матбааи «ТДК» ба чоп расидааст. Маҷмуаи мазкур аввалин маҷмуаи бузурги Меҳринисо буда, фарогири 149 шеъри гуногуннавъ ва гуногунмавзуи вай мебошад.

Соли 2001 дувумин маҷмуаи Меҳринисо бо номи «Замзамаи зебоӣ» дар нашриёти «Адиб» ба табъ мерасад, ки он дарбаргирандаи 85 шеъри нави шоир буда, фарогири навъҳо ва мавзуъҳои гуногуни шеърӣ мебошад.

Соли 2006 маҷмуаи нави шеърҳои Меҳринисо таҳти унвони «Меҳроби меҳр” дар нашриёти «Адиб» ба чоп мерасад. Маҷмуаи мазкур дорои хусусияти фарққунанда буда, аз 8 фасли алоҳида иборат аст, ки вобаста ба унвонгузории ҳар фасл мавзуоти маҷмуа гурӯҳбандӣ гардидаанд. Фасли якум унвони «Мазҳари ишқу умедам» дошта, ашъори он марбут бар мавзуи Ватан, ватандӯстӣ, ишқу муҳаббат нисбат ба сарзамини обоӣ ва монанди инҳо мебошад. Фасли дувум унвони «Суруди сулҳи Осиё»- ро дошта, шеърҳои он ба васфи кишварҳои Осиё, махсусан, шаҳрҳои таърихии Афғонистон бахшида шудаанд. Дар фасли сеюм – «Шароби меҳр» шоир зебоиҳои ватан ва зодгоҳи худро васф намудааст. Дар фасли чаҳорум –«Ҷоми таманно» мавзуи ишқу муҳаббати самимӣ ва баҳору ҷавонӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Фасли панҷум – «Рӯъёи сабзи кӯдакӣ» ба хотироти даврони кӯдакӣ, модар, аҳли оилаи падарии худи шоир, хоҳарону додаронаш ва ҳамчунин, фарзандонаш бахшида шудааст. Дар фасли шашум, ки унвони «Ба номи зиндагӣ»-ро дорад, мавзуи мавриди тасвир хотирот аз ишқи даврони ҷавонӣ, сӯзу гудоз ва таассурот аз ишқ мебошанд. Фасли ҳафтум – «Поиз мерасад» бештар оҳанги маъюсона дошта, таассуроти шоиронаи Меҳринисоро, ки бар асари фасли хазону сармо ба вуҷуд омадаанд, дар бар мегирад. Шеърҳои фасли охир, ки «Пораҳо аз сахраҳо» унвонгузорӣ шудааст, ба мавзуъҳои гуногун бахшида шудаанд.

Соли 2011 маҷмуаи бузургтари Меҳринисо дар ҳаҷми 319 саҳифа зери унвони «Оини хуршед» дар нашриёти «Адиб» ба табъ мерасад. Маҷмуаи мазкур аввалин маҷмуаи ҳаҷман бузурги шоир ба ҳисоб меравад. Хусусияти фарққунандаи маҷмуаи фавқуззикр аз он иборат аст, ки муаллиф дар оғози он муқаддимаи хурде оварда, дар ибтидои он гуфтааст: «То ҳол дар китобҳои пешин дебочае оид ба шеъри худ наовардаам. Ҳамеша хонандагоне, ки китобҳоям дастрасашон гаштааст, аз ман тақозо мекунанд, ки чаро сарсухане дар китоб нест ва инак хостам чанд сухан оид ба ҳолати эҷод ва шеър ба хонандагон андешаҳои худро нависам» [12, 3]. Пасон, Меҳринисо суханҳои хешро дар бобати ҳайсияти шеър, чигунагии суханони шоирона ва ҳамчунин, дар бораи ашъори худаш идома дода, агарчи ба таври бисёр кӯтоҳ, аммо басо муассиру дилнишин дар ин мавзуъ

сухан меронад. Дар ҳақиқат, дар ягон маҷмуаи шеърие, ки то соли 2011 Меҳринисо ба табъ расонидааст, муқаддимае вуҷуд надорад. Хусусияти дувуми маҷмуаи мазкур он аст, ки дар он ашъори хеле зиёди шоир ҷойгузин гардидаанд, ки агар қисмате аз онҳо қаблан дар маҷмуаҳои пешин ба чоп расида бошанд, қисми зиёди онҳо наву тоза ба шумор меравянд ва нахустин бор рӯйи чопро дидаанд. Маҷмуаи «Оини хуршед» фарогири 454 шеър дар мавзуъҳо ва жанрҳои гуногун мебошад. Хусусияти дигари маҷмуа иборат аз он аст, ки солҳои эҷоди шеърҳои Меҳринисо дар он зикр гардидаанд. Вижагии дигари маҷмуаи «Оини хуршед» иборат аз он аст, ки дар он ба ғайр аз ашъори дар қолаби нав сурудаи шоир, ҳамчунин, шеърҳои дар қолаби анъанавӣ эҷодшуда низ ҷойгир шудаанд. Дар маҷмуаи мазкур 27 рубоӣ, 52 дубайтӣ ва 178 ғазал ҷой дошта, мавзуи онҳо гуногун мебошад.

Соли 2019 дар нашриёти «Адиб» як маҷмуаи нави Меҳринисо дар ҳаҷми 133 саҳифа бо номи «Меҳроби розам– модарам» ба табъ мерасад. Чунонки аз унвони маҷмуаи мазкур маълум аст, мавзуи марказии ин маҷмуа ба модар бахшида шудааст ва он аз 96 номгӯйи ашъор иборат аст.

Дар соли мазкур боз як маҷмуаи Меҳринисо таҳти унвони «Оҳанги зиндагӣ» дар нашриёти «Адиб» дар 579 саҳифа ба табъ мерасад. Бояд зикр намуд, ки маҷмуаи мазкур бузургтарин асари то ба ҳанӯз чопнамудаи Меҳринисо ба ҳисоб меравад ва онро метавон ба ҳайси як маҷмуаи ҷомеъ ва нисбат ба маҷмуаҳои қаблӣ комилтар эътироф кард. Дар ин маҷмуа зиёда аз 500 шеъри ҷудогуна ва силсилашеърҳои шоир дар жанрҳои гуногуни муосиру анъанавӣ манзури хонандагону ихлосмандони каломи мавзун гардидаанд. Аз жанрҳои анъанавӣ ҷойи аввалро дар маҷмуа ғазалиёти шоир мегиранд, ки аз 226 номгӯ иборатанд. Рубоиёти маҷмуа 37 адад мебошанд. Дар маҷмуаи мазкур нисбат ба маҷмуаҳои қаблӣ теъдоди ками дубайтиҳо ҷойгир шудаанд. Агар дар «Оини хуршед» 52 дубайтӣ мавҷуд бошад, дар «Оҳанги зиндагӣ» 13 адад дида мешаваду бас.

Чунонки дида мешавад, фаъолияти адабии шоир Меҳринисо қобили таваҷҷуҳ буда, ӯ тавонистааст то имрӯз маҷмуаҳои зиёдеро иборат аз анвои

гуногуни шеърӣ ба чоп расонад. Агар силсиламаҷмуаҳои «Барги сабз» ва «Навниҳолони боғи адабиёт»-ро, ки дар онҳо ашъори ҷудогунаи Меҳринисо дар қатори дигар шоирҳои тоҷик ба чоп расидаанд, ба назар нагирем, ашъори Меҳринисо ба таври алоҳидагӣ зери унвонҳои «Замзамаи зебоӣ», «Исми шаби ишқ», «Марде аз табори равшанӣ», «Меҳроби меҳр», «Меҳроби розам – модарам», «Нафаси субҳ», «Оини Хуршед», «Оҳанги зиндагӣ» ва «Шароби нур» дар нашрияҳои гуногуни Тоҷикистон чоп гардидаанд, ки ин шаҳодат аз пуркориву сермаҳсулии ин бонуи адиб медиҳад.

Дар иртибот бар ашъори шоир Меҳринисо метавон ҳамин нуктаро қайд намуд, ки имрӯз миёни мардуми тоҷик, ба хосса аҳли санъат ҳаводорони бисёр доранд. Чунончи аз мусоҳибае, ки шоир бо хабарнигори ҳафтаномаи «Оила» анҷом додааст, маълум мегардад, ки имрӯз беш аз 700 шеъри ӯро ҳофизони тоҷик оҳанг баста, дар жанрҳои гуногуни мусиқии тоҷикӣ месароянд. Чунонки худи шоир дар ин маврид баён карда, аксари ононе ки аз рӯйи ашъори вай суруд хондаанд, ҳунармандони баноми мусиқии муосири тоҷик мебошанд [67, 12]. Аз маъруфтарин сурудхонони тоҷик, ки ашъори Меҳринисоро бо оҳанг замзама намудаанд, инҳо Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Муродов, Сабоҳат Наҷмиддинова, Олим Бобоев, Нигина Амонқулова, Зулфиқори Азиз, Фахриддини Малик мебошанд. Ин нукта аз таваҷҷуҳи зиёди мардуми тоҷик нисбат ба ашъори Меҳринисо гувоҳӣ медиҳад.

Меҳринисо Бобобекова ҷуз аз шоирӣ, ки фаъолияти асосии эҷодии вай маҳсуб мешавад, ҳамчунин гоҳ-гоҳ ба навиштани асарҳои публисистӣ шуғл меварзид. Аз ҷумла, яке аз асарҳои нисбатан калонҳаҷми вай «Нақши зан дар раванди демократӣ» мебошад, ки иборат аз 104 саҳифа мебошад [10]. Асари мазкурро Меҳринисо ҳанӯз солҳои дар созмони ҷамъиятии Бунёди байналмилалии «Хубони порсигӯ» адои вазифа намуданаш таълиф намудааст. Мавзуъ ва мундариҷаи асосии асари зикршуда таърифу тавсифи занони тоҷик дар марҳалаи ба Истиқлолияти сиёсӣ қадам гузоштани мардуми Тоҷикистон, ба шоҳроҳи озодии комил ворид шудани занон ва дар эъмори Тоҷикистони соҳибИстиқлол саҳм гузоштани онон ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, Меҳринисо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ мақолаҳои алоҳидаи публисистӣ, мусоҳибаҳо ва анвои дигари осори хурдҳаҷми аҳаммияти иҷтимоиву фарҳангӣ доштаро ба табъ расонидааст. Аз ҷумлаи инҳо метавон мақолаҳои зери унвони “Аз сулҳ то бунёди Роғун” ва “Дастони ман – дармони ту”-ро ном гирифт, ки аввалӣ мақолаи публисистӣ дар васфи НБО Роғун ва дувумӣ мусоҳиба бо як тан аз табибон-экстрасенсони тоҷик Саида Анварова буда, дар «Адабиёт ва санъат» ва «Занони Тоҷикистон» ба чоп расидаанд [3, 11; 4. 3; ].

Осори насрии Меҳринисо Бобобекова дар қиёс бо шеърҳои ӯ бисёр кам мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки майлу рағбати Меҳринисо ба шеър бештар буда, маҳорату қобилияти вай дар ин навъи адабӣ инъикос ва ҷилваи назаррастар дорад.

## 1.2. Мавзуъ ва мундариҷаи асосии ашъори Меҳринисо

Дар ашъори Меҳринисо мавзуъҳои гуногун мвриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар баёни ҳар яке аз онҳо шоир ҳунари қобили таваҷҷуҳе нишон додааст. Мавзуъҳои марказӣ дар ашъори Меҳринисо мавзуи Ватан ва меҳанпарастӣ, ташвиқи сулҳу ваҳдат, тасвири зан-модар дар эҷодиёти Меҳринисо, афкори гуманистӣ ва инсонпарварона ва мавзуи ишқу муҳаббати самимӣ ва воқеии инсонӣ ба шумор меравнд. Ҷуз аз мавзуъҳои мазкур дар ашъори Меҳринисо ҳамчунин мавзуъҳое амсоли: тасвири табиати Тоҷикистон ва зебоиҳои он, тасвири шаҳрҳои бостонии тоҷикон ва мавзуъҳои пандуахлоқӣ ва монанди инҳо ба назар мерасанд, ки дар мавриди ҳар яке ҳунари хосси шоир инъикос мегардад. Аммо, қайд кардан шоиста аст, ки дар сархатти ҳама мавзуоти ашъори Меҳринисо ҳамонҳое дохил мешаванд, ки дар фавқ мо онҳоро дар радифи мавзуоти марказии эҷодиёти шоир зикр намудаем. Зеро мавзуъҳои зикршуда чи дар таҳлили оморӣ ва чи дар таваҷҷуҳи бештари Меҳринисо бар онҳо нисбат бар дигар мавзуот бартарӣ доранд.

Мавзуи Ватан, ватандӯстӣ, ватандорӣ, ишқу муҳаббат нисбат ба Ватан ва сарзамини аҷдодиву зодгоҳ ҳам дар назм ва ҳам дар насри даврони Истиқлолияти

тоҷик ба яке аз маъмултарин мавзуъҳо табдил ёфта, адибони тоҷик тайи зиёда аз ду даҳсола дар ин мавзуъ осори хубу хонданӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар эҷодиёти Меҳринисо ҳам ин мавзуъ дар сархатти мавзуъҳои вай қарор дорад ва нишондиҳандаи ғояву идеяи ӯ мебошад. Мавзуи мазкур қариб дар ҳама маҷмуаҳои батабърасидаи шоир бархӯрд мешавад. Аммо лозим ба ёдоварист, ки дар маҷмуаҳое, ки дар даврони Истиқлолият ба табъ расидаанд, таваҷҷуҳи шоир ба мавзуи мазкур боз бештар гардида, дар ин зимн беҳтарин сурудҳои ватандӯстонаи вай ба вуҷуд омадаанд. Ҳамчунин, шакли шеърие, ки Меҳринисо барои баёни эҳсосоти ватандӯстонаи хеш интихоб намудааст, дар аксари мавридҳо жанрҳои анъанавӣ нестанд, ашъори дар ин мавзуъ сурудаи шоир бештар дар шакли шеъри нав эҷод гаштаанд. Гӯё жанрҳои анъанавӣ ҷиҳати ифшои ин мавзуъ барои тахайюли шоиронаи вай тангӣ мекардаанд. Дар эҷодиёти шоир ғазалҳо, рубоиёт ва дубайтиҳое ҳам вомехӯранд, ки дар мавзуи ватан ва ватандӯстӣ суруда шудаанд. Аммо дар муқоиса бо ашъори дар шакли нав сурудаи шоир онҳо бисёр каманд ва ҷилваи худро дар баробари шаклҳои нави шеърӣ аз даст медиҳанд.

Дар ашъори ба мавзуи меҳандӯстиву ватандорӣ бахшидашудаи Меҳринисо, аслан, сабки содаву оммафаҳм, равониву хушбаёнӣ истифода гардида, тарзи баён, бакоргирии вожаҳову таркибҳо ва истиораҳои дилнишин сухanoни ӯро ба тарзи гуфтори халқ бисёр наздик намудаанд. Носирҷон Маъсумӣ ҳам яке аз афзалиятҳои ҳунари ҳар суханварро дар ҳамин ҷиҳати дар боло зикршуда маънидод карда, қайд кардааст, ки халқӣ будани асар забони вазнин ва муғлақбаёнӣ дар забонро рад мекунад [66, 211].

Мавзуи ватандорӣ бо тобишҳои нави худ маҷмуаҳои ашъори Меҳринисоро зебу зинат медиҳад. Ашъори дар ин мавзуъ сурудаи шоир агар, аз як сӯ, бар хонандагони худ лаззату ғизои маънавӣ бахшад, аз сӯйи дигар, бар онон донишу маърифати хосса бахшида, ҷаҳонбинии онҳоро тақвият мебахшад. Шоири ҳунарманди тоҷик Камол Насрулло ҳам вазифаи аслии шеърро дар талқини ғояву мазмуни баланди он ва бахшидани донишу сафо ва маърифат меҳисобад, ки қобили таваҷҷуҳ аст [81, 99]. Ашъори дар васфи Ватан ва ватандӯстӣ эҷоднамудаи

Меҳринисо аз беҳтарин ва пурсӯзтарин сурудаҳои вай ба ҳисоб рафта, ғояи баланди ишқу муҳаббати содиқона нисбат ба Меҳанро талқину таблиғ менамоянд ва маърифати хонандагони худро такмил медиҳанд. Қаҳрамони лирикии Меҳринисо чунон меҳани худро дӯст медорад, ки ҳатто, аз Худо талаб менамояд, ки баҳри боз ҳам хуб дидани ватани азизаш ва лаззати бештар гирифтан аз ҳусни нотакрори он боз чашми дигаре атояш фармояд, то тавассути он хумори худро аз ҷамоли Ватан бишканад:

Ду чашмам додаӣ, чашми дигар деҳ,

Худовандо, ки хуш бинам Ватанро [9,35].

Устод Худоӣ Шариф қайд менамояд, ки шеър ҳамон вақт ба ҳайси асари воҳиду ягона шинохта мешавад, ки бо мақсаду нияте гуфта шуда бошад ва ҳамин мақсад аз нигоҳи муҳаққиқи мазкур идея ё ғояи шеър ба ҳисоб меравад [137, 122]. Дар ашъори дар мавзуи Ватан сурудаи Меҳринисо ду ғоя ё идея дар сархат қарор доранд: тараннуми Ватан ва таблиғи ваҳдати миллӣ. Яке аз аввалин зермавзуъҳои мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори Меҳринисо аз тараннум ва тасвири деҳа оғоз меёбад. Шоирони муосир ба васфи деҳа, ҳусни дилнишини он ва мардуми содадили деҳот ашъори зиёд бахшидаанд. Меҳринисо ҳам дар яке аз шеърҳояш, ки он соли 1986 суруда шуда, дар маҷмуаи дастҷамъии навқаламон зери унвони «Деҳа» ба чоп расида буд, деҳаи худро мавриди тавсиф қарор додааст. Ин шеър аз 8 байт иборат буда, мавзуи он ба пуррагӣ ба зодгоҳи шоир бахшида шудааст. Шеъри мазкур яке аз аввалин ашъори батабъррасидаи Меҳринисо ба ҳисоб рафта, он чи аз ҳайси услуби баён ва чи аз нигоҳи корбурди вожаҳову ибораҳо бисёр равону дилнишин аст. Шоир дар абёти оғозини шеъри зикршуда хонандаи худро ба деҳааш таклиф менамояд, то дилнишинии зодгоҳи ӯро бубинад:

Ба паҳлуи гулу себарга хуфтан,

Ҳама шаб рози худ бо чашма гуфтан.

Саҳар чун ғунчаҳои тар шукуфтан,

Агар хоҳӣ, биё бар деҳаи ман [2, 141].

А. Сайфуллоев қайд намудааст, ки ҳар як соҳибқалам дар тараннуми Ватан метавонад ва ҳақ дорад аз деҳа ва зодгоҳи худ, ки маншаи ҳаёт ва руҳияи вай

ҳисоб мераванд, тасвири худро оғоз намояд ва тавассути он ишқу муҳаббати худро нисбат ба Ватан ифода намояд [95, 112]. Тасвири деҳа ба ҳайси зодгоҳ дар шеъри Меҳринисо басо зебост, деҳа ҷоест, ки дар он ҷо ҳар кас худро дар назди гулу себарга ҳис мекунад, рози хешро ба чашма мегӯяд. Чунонки дар саҳаргоҳон ғунчаҳои тар мешукуфанд, дар деҳа низ бар асари боду ҳавои форам хушобу ҳавоӣ ва таровату накҳати сабзаҳо чун ғунчаи навшукуфта аз хоб бармехезӣ. Дар деҳа будан – ин дар канори боғ будан аст. Мардуми деҳот, ба хосса пирони он, ҳама насиҳатгӯй ва хирадманданд, яъне деҳа макони ахлоқ аст. Рӯзона насиҳати пирон ба инсон ғизои маънавӣ медиҳанд, шабона навои обшорон ва шамими накҳати раёҳин ба ҳар кас руҳи тоза мебахшад:

Канори боғу даври хон гуворост,
Насиҳатгӯйии пирон гуворост.
Дили шаб бо навои обшорон
Шамими накҳати райҳон гуворост [2, 141].

Хандаҳои гул ва овози гӯшнавози булбул аз хосиятҳои деҳа аст. Ин аст, ки гаҳвораи кӯдаки деҳотиро шоир ба таври бисёр зебо «бистари ноз» ном гирифтааст. Насими нарм ва бӯйи тозаи деҳ, дар ҳақиқат, ҳуши ҳар касеро рабуда, ба худ ҷалб менамояд. Шоир дуруст қайд мекунад, ки ҳусни табиат дар деҳа дигаргуна аст:

Зи як сӯ хандаи гул мебарад дил,
Чӣ хуш овои булбул мебарад дил.
Буни гаҳвора, рӯйи бистари ноз
Ғанобу тифли қандул мебарад дил [2, 141].

Тасвири зодгоҳ ва деҳа дар шеъри муосири тоҷик барои шоирон ба ҷустуҷӯи анъанаҳои миллӣ роҳ кушода, ҷанбаи фалсафии онро тақвият мебахшад [143, 131]. Меҳринисо аз тасвири зебоиҳо ва таровати деҳа фаротар рафта, ба васфи шаҳре, ки дар он ба дунё омада, мепардозад. Васфи Панҷакент ва дигар шаҳрҳои бостонии ҷумҳуриямон дар эҷодиёти Меҳринисо ҷилваи махсус дорад. Ишқи ватан, албатта, барои ҳар инсони соҳибдиле аз ишқи зодгоҳ ва муҳаббат бар он сарзамине, ки дар он ҷо ӯ рӯ ба дунёи ҳастӣ овардааст, оғоз меёбад.

Адабиётшинос Ю. Акбаров дар ҳамин маврид дуруст қайд кардааст, ки «парастидани зодгоҳ як навъ ватанпарастист ва ибтидои ватандӯстӣ ҳам аз ҳамин аст. Шоир ва умуман шахсе, ки хона, деҳ ва зодгоҳи худро аз дилу ҷон дӯст намедорад, тамоми Ватанро дӯст дошта наметавонад» [22, 103]. Меҳринисо ба зодбуми хеш чун ҳар фарди соҳибдилу вафодор муҳаббати беандоза дорад. Ҷуз аз ду мафҳуми муқаддас – Худо ва Модар, ки ягон мафҳум ва ягон чизе ҷойи он дуро ҳаргиз нахоҳад гирифт, дар қалби ҳассоси Меҳринисо ишқ нисбат ба зодгоҳаш – Панҷакент ҷой гирифтааст:

Куҳандиёрам, Панҷакент,
Кавни таборам, Панҷакент.
Баъд аз Худову модарам
Парвардигорам, Панҷакент [3 ,27].

Дар ҳақиқат, ишқу муҳаббат нисбат ба зодбум аст, ки муҳаббати Ватанро дар қалби ҳар инсоне ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, меҳри зодгоҳ аст, ки тавассути он ишқ нисбат ба Тоҷикистонро дар қалби Меҳринисо дар ҷӯш меоварад ва сарчашмаи розу ниёзмандиҳои вай дар баробари остони Ватан мегардад. Панҷакент барои Меҳринисо як шаҳри одӣ нест, он шаҳри нур аст, ҷилвагоҳи шону шаъни вай аст, он макони «Яшт»- у «Авесто» аст:

Эй шаҳри нур, эй шони ман,
Яшти Авастохони ман,
Бо ҷовидон, то ҷовидон,
Ҷовид монӣ, ҷони ман [13, 264].

Шоир даврони бебозгашти кӯдакии худро дар ин шаҳри бостонӣ ҷустуҷӯ менамояд. Ӯ сари худро рӯйи замини зодгоҳ ниҳода, аз он таърихи бостонии суғдро ҷӯё мешавад ва қалби вай ба хотири таърихи куҳани диёраш саршори муҳаббат мегардад. Дар эҷодиёти Меҳринисо шеъре мавҷуд аст зери унвони «Қайнарато, салом», ки иборат аз 170 байт ва ё аз 85 банди чаҳормисраӣ мебошад ва он дар истиқболи манзумаи маъруфи шоири эронӣ Шаҳриёр суруда шудааст. Хонанда, чун бо манзумаи шоир ба пуррагӣ шиносоӣ пайдо кунад, муҳаббати саршори ӯро нисбат ба зодгоҳаш дарк менамояд. Манзумаи мазкур дар сабки

бисёр содаву оммафаҳм суруда шуда, унсурҳои зиёди халқӣ дар он истифода гардидаанд, ки баъдан қайд хоҳанд шуд. Як хусусияти тарзи нигориши ин манзума дар он аст, ки мухотаби муаллиф дар он на инсон, балки чашмаи Қайнарато аст, ки дар шаҳри Панҷакент ҷойгир аст. Муаллиф тавассути муколама бо чашмаи мазкур ба тавсифи зодгоҳаш ва ёдкарди таърихи бостони он ҳам пардохта, ки басо ҷолиб баромадааст. Аз ҷумла, дар абёти поён бо лаҳни гӯшнавоз дар хитоб ба Қайнарато чунин мегӯяд:

Қайнарато, медонӣ, ҳо,

Панҷекати зебои мо

Гулгашти шоҳони ниё

Хоки бузургон будааст [11, 121].

Дар абёти баъдии манзумаи мазкур Меҳринисо аз он меболад, ки устод Рӯдакӣ, ки шеъри вай сармашқи ҷамеи девонҳои шоирон аст, аз зодбуми вай аст; аз он меболад, ки Саразм, ки яке аз қадимтарин сарзаминҳои тамаддунсози инсоният аст ва аз даврони Кӯшониён аст, дар зодгоҳи ӯст. Он теппаҳои пасту баланди Саразм ойинаи таърихи миллати тоҷиканд, онҳо дар давраи худ қасру кушкҳои шоҳнишини суғдҳо будаанд [11, 122].

Меҳринисо дар мавзуи Ватан аз васфи зодбуми хеш фаротар – ба тавсифи Ватани ягонаи мардуми тоҷик – Тоҷикистон меравад. Он гуна ки аз ашъори Меҳринисо бармеояд, ӯ ифтихор ва мояи ғурури ҳар фарди тоҷик ва навовариҳову накӯкориҳои ӯро иборат аз Ватан медонад ва зимни ин гуфтаҳо Тоҷикистонро биҳишти дунё, ҳатто, маъбади тоҷикон меҳисобад:

Тоҷикистон, ҷаннати рӯи замин,

Маъбади тоҷик ҳамин асту ҳамин [3, 5].

Дар ҳамчунин ашъор эҳсосоти меҳандӯстии Меҳринисо ҷӯш мезананд. Ӯ аз ғалабаи эҳсосот Тоҷикистонро маъбади тоҷикон меҳисобад ва аз сари завқ ҷаннати рӯйи заминаш мепиндорад. Ин ифтихороти шоир, албатта, бе сабаб

нестанд, зеро Тоҷикистон барҳақ зодгоҳи шеъру фарҳанг ва ҳунару истеъдодҳост ва чунонки худи шоир мегӯяд, остони офариниши ориён мебошад:

Зодгоҳи шеъру фарҳангу ҳунар,
Остони ориёноофарин [3, 5].

Дар ашъори ба Ватан бахшидаи Меҳринисо эҳсоси баланди ватандӯстонаи ӯ аён мегардад. Аскар Ҳакимов мавҷуд будани ҳамчунин эҳсосро аз аломатҳои камолоти шеър қаламдод кардааст, ки қобили қабул аст [119, 11]. Меҳринисо дар намоз ҳам ёди Ватан мекунад ва тоҷикӣ намоз мегузорад, дар баробари накҳати атромези кишвараш мадҳуш мегардад ва дар ситоиши он инони ихтиёр аз даст медиҳад ва зеботарин суханҳоро ба меҳани биҳиштосои худ мебахшад:

Тоҷикистон, ман намозамро ба номат мегузорам тоҷикӣ,
Ифтихорам тоҷикӣ, дору надорам тоҷикӣ.
Атромезу фараҳафзо ҳавои кишварам,
Лафзи ширину забони ширадорам тоҷикӣ. . . [12, 12].

Дар мусоҳибае, ки хабарнигори маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» Гулноза Бобомуродова бо Меҳринисо анҷом дода буд, шоир дар мавриди шеъри мазкур чунин изҳори ақида намуда буд: «Вақте аз зебоиҳои Ватан саршор мешавам, аз дастовардҳояш хурраму саодатманд мегардам ва ё аз дардҳояш ба худ мепечам, ин шеърҳо бо эҳсоси ифтихор ё аз дард тавлид мешаванд. Шеъре, ки Шумо ба хотир овардед, дар рӯзҳои хеле сахту мудҳиш, дар рӯзҳое, ки будан ё набудани Тоҷикистон чун давлат ба миён омада буд, соли 1990 иншо шудааст. Бо ҳамин фарёду фиғони қалбамро ифшо сохтам, ки мо тоҷикон ҳамеша мардуми сарбаланду сарфароз, мардуме будем, ки ҳаргиз бо касе ҷангу даъво накардаем ва таҳаммулу одоби ҳамидаамон боиси таҳсин будааст. . . » [69, 11-12].

Дар ашъори ба мавзуъҳои Ватан, ватандорӣ, ваҳдат ва сулҳи тоҷикон бахшидаи Меҳринисо эҳсосоти самимии шахси шоир нисбат ба муқаддасот ба назар мерасад ва чунонки устод Худоӣ Шарифов дар мавриди ҳамин навъ ашъор қайд менамояд, аз онҳо «ба машом бӯйи дили сӯзон ва қалби ҷӯшон» мерасад [138, 110].

Хусусияти дигари ашъори ватандӯстонаи Меҳринисо он аст, ки дар онҳо як навъ сабки хосси ӯ ҷилвагар мешавад. Вожаҳову таркибҳои содаву дилнишин, ибораву таркибҳои хубу муассир, мазомини наву гуворо ва ниҳоятан вазнҳои сабуку хотирнишин, ашъори ватанхоҳонаи Меҳринисоро басо хонданиву таъсирбахш гардонидаанд. Аз ҷумла, дар байтҳои поён аз шеъри «Тоҷикистон, Тоҷикистон» гуфтаҳои боло собит мегарданд:

Куҳсорат пуштибонам,
Чашмасорат ҳамзабонам.
Ман биҳишти ҷовидонро
Ҷуз канорат менадонам.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон
Нуктадонӣ, хушзабонӣ,
Оини мо меҳрубонӣ.
Мазҳари ишқи Илоҳӣ,
Маснади пири маонӣ.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон [13, 5].

Шоир бар он итминон дорад, ки меҳани азизамон – Тоҷикистон доиман дар ҳифзу илтифоти Худой аст ва ҳамчунин дар ишора бар душманон хитоб менамояд, ки бигзор онҳо дар оташи бухлу ҳасад бисӯзанд:

Тоҷикистонро Аҳуро раҳнамоӣ мекунад,
То бисӯзад аз ҳасад ҳафтод пушти Аҳриман [13,10].

Бояд қайд намуд, ки ашъори ватандӯстонаи Меҳринисо бо он чӣ дар боло мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, анҷом намепазиранд, зеро сар то интиҳои эҷодиёти Меҳринисо, хусусан, эҷодиёти даврони Истиқлолияти ӯ, саршор аз афкори ватанпарварона ва таблиғу ташвиқи ваҳдату дӯстӣ аст. Меҳринисо дар мавриди мавзуи мазкур худ ба чунин андеша аст, ки тавсифу таърифи Ватан ва муҳаббат бар он анҷомнапазиранда аст ва инсони ҳассосу шоирпеша дар тамоми

мароҳили ҳаёт ва фаъолияти хеш доимо бар ин мавзуи муқаддас таваҷҷуҳ изҳор менамояд:

Васфи ту поён надорад, кишварам,

Месароям, месарояд ӯву ман.

Равнақатро, эътиборатро ба меҳр

Ахтари болидаруҳи саъди ман [13,126].

Мавзуи ваҳдат ва таблиғу ташвиқи сулҳу дӯстӣ, ки аз зермавзуъҳои устувори ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ ба ҳисоб меравад, дар адабиёти даврони соҳибИстиқлолии тоҷик яке аз мавзуъҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, суханварони тоҷик тавассути сурудани ашъори ваҳдатхоҳонаи хеш саҳми бузурге дар устувор гаштани дӯстиву видоди мардум ва миллати тоҷик бар ҷой мегузоранд. Чунончи, шеъри «Таронаи Ваҳдат»-и шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ, «Суруди Ваҳдат»-и Низом Қосим, «Ғазали Ваҳдат»-и Сафар Айюбзодаи Маҳзун, “Ҳадиси Ваҳдат»-и Раънои Мубориз, «Ғазали Ваҳдат»-и Нуқраи Суннатниё, «Ваҳдат»-и Гурез Сафар, ашъори «Ваҳдат», «Таронаи Ваҳдат» ва «Суруди Ваҳдат»-и Хайрандеш, «Ваҳдат»-и Зайниддин Ҷомӣ, «Ваҳдат»-и Ғаффоралӣ Сафар, «Меъмори Ваҳдат»-и Амиршоҳи Хатлонӣ ва даҳҳо шоирони дигар ба мавзуи таблиғу ташвиқи сулҳу дӯстӣ ва якпорчагиву ягонагии миллату давлати тоҷик бахшида шуда, дар тарбияи худшиносии ҷомеа нақши арҷмандеро бар ҷой мегузоранд.

Мавзуи ваҳдат дар эҷодиёти Меҳринисо ҳам яке аз асоситарин мавзуъҳои шинохта мешавад. Зимни мусоҳибае, ки хабарнигори «Адабиёт ва санъат» бо Меҳринисо анҷом дода буд, шоир ваҳдати миллиро асоси бахту иқболи тоҷикон дониста, нақши наҷибонаи Пешвои кулли тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин самт басо бузург меҳисобад: «Таҳкими сулҳу ваҳдат мояи пирӯзӣ ва саодату хушнудиву хушбахтии мардум аст. Ҳамаи ин файзи Истиқлолияти ин мамлакат аст, ки мардуми он шоистаи ин гуна бахту саодат низ ҳастанд. Лекин нақши барҷаста ва созандае, ки Пешвои миллати мо барои таърих ва обрӯи Тоҷикистон, барои ба сатҳи баланд бардоштани сиёсати давлатдории навин гузоштаанд, қобили зикри махсус аст. Он иқтидор, тафаккур, хирад, меҳрубонӣ,

ғамхорӣ ва ин қадр ҷоннисорие, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доранд, дар ангуштшумор сарварон дида мешавад. Бо гирифтани номашон инсон худро хеле болову воло эҳсос мекунад» [3, 11].

Тараннуми ваҳдати байниҳамдигарии тоҷикон, ифтихор аз соҳибватан будан, фахр аз зебоии сарзамини аҷдодӣ – инҳо аз рукнҳои муҳаббати шоир нисбат ба Ватан – Модар мебошанд. Ашъори ӯ дар ин мавзуъ бисёр дилчаспу ҷаззобанд, хонандаро бо содагиву дилнишинии худ зуд ба хеш ҷазб менамоянд. Калимаҳои фаҳмову услуби оммафаҳм – ҳама зебоиву ҷаззобият дар ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи ӯро ба вуҷуд овардаанд. Меҳринисо ваҳдати миллиро шиори кору фаъолияти рӯзмарраи иҷтимоӣ шумурда, онро сабабгори бахту иқболи мардуми тоҷик медонад, ки ҳақиқати маҳз аст. Ӯ орзу дорад, ки мисли имрӯз Тоҷикистони азизамон ҳамеша зери нури хуршеди дӯстиву рафоқат қарор бигирад. Зеро, чунонки вай қайд карда, имрӯз мардуми тоҷик бар ваҳдати куллӣ даст ёфта, ба шарофати он аз Ватан ва ватандорӣ ифтихор менамояд:

Ваҳдати миллат шиори кори мо,
Бахт бошад ҷовидона ёри мо.
Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,
Ибтикори ҳар накӯкорӣ, Ватан.
Яктану якҷону якрӯ бо Ватан,
Халқ бошад қувваи имони мо [3, 5].

Меҳринисо ваҳдатро шиори кори худ нишон дода, қайд намудааст, ки танҳо тавассути дастбурд бар ваҳдати умумимиллӣ бахту иқбол насиби ҳар тоҷику тоҷикистонӣ хоҳад гашт. Ваҳдати умумимиллӣ бошад, танҳо ба василаи ба даст овардани сулҳу дӯстӣ муяссар тавонад шуд. Аз соҳиби ваҳдат гардидан, мардум бояд шукрро ба ҷой оваранд ва ин неъматро ҳамчун қиматтарин ганҷ ҳифз намоянд. Меҳринисо аз он меболад, ки халқи тоҷик яктану якрӯ гардида, дар эъмори Ватан камари ҳиммат бастаанд.

Ҷойи дигар шоир Меҳринисо бо эҳсоси ба як зан – шоир хос меваи ваҳдати тоҷиконро ба қалами тасвир кашида ва аз ватани тинҷу ором ва пурфайзи кишвари маҳбубаш изҳори хушнудиву фараҳмандии зиёд менамояд:

Сомонӣ ба сомон шуд, сомон муборак бод!
Покиза ба даврон шуд, даврон муборак бод!
Субҳе, ки дамид бо сулҳ, пайғоми вафо овард,
Паймона ба паймон шуд, паймон муборак бод! [3, 43]

Зинда шудани номи Оли Сомон, самараи шаҳдбори сулҳу видоди миллӣ, эҳёи фарри каёнӣ ва бар сари миллату давлат фаро омадани бози иқболу хушбахтӣ – ҳама сарчашмаи илҳом ва барангехтани эҳсосоти ботинии Меҳринисо гардида, ӯро ба дунёи тахайюлоти шоирона равона сохтаанд.

Дар як шеъраш Меҳринисо ваҳдатро тасвири басо дилнишину таъсирбахш намуда, онро овои паёмбар номидааст. Ҳамчунин, ба хонандаи худ таъкид намудааст, ки агар хостгори озодӣ бошӣ, ваҳдатро аз таҳти дил дӯст бидор ва онро парастиш бикун:

Ободии кишвар аст, ваҳдат,
Овои паямбар аст ваҳдат.
Озодӣ ба коми дил бихоҳӣ,
Дарёбу ба ҷон параст ваҳдат [13,11].

Ашъори дар мавзуи Ватан сурудаи Меҳринисо ҳамагӣ пандомӯз ва дорои ҳикмати меҳанпарастӣ ҳастанд. Онҳо дар ниҳоди ҳар хонанда дунёи меҳру муҳаббатро эҳё намуда, олами ботинии ӯро пур аз нури ватандӯстӣ менамоянд. Бо шиносоӣ аз ҳамчунин ашъори Меҳринисо, дар вуҷуди ҳар хонандаи закитабъ эҳсоси шукру сипос аз ин беҳтарин ҳадяи Худованд – Ватан пайдо мешавад ва ӯро ба дунёи зебоиҳо раҳнамун месозад. Хонанда бар худ меболад, ки ватани зебо ва хушбоду ҳавое дорад, ки қадри онро бояд ҳамеша бидонад. Ин Ватанро Меҳринисо ба таври басо зебо «оинаи қудсии ҷаҳони ману ту, «инъоми Худо», «шаҳболи ҳумо» ва «зарринвараҷи китоби зебои ҳаёт» гуфта, хушнудӣ аз он мекунад, ки он бо меҳру муҳаббати ҳама фарзандонаш рӯз ба рӯз дар нашъунамо аст. Ватан дар тасвири Меҳринисо ҳамин хел як сарзамини одӣ нақш наёфтааст,

он сарзамини қудсӣ аст, ки метавон ҳар пораи хоки онро зиёрат намуд; он ягонаву ангуштнамо аст, он бебадал аст. Шоир аз он меболад, ки бо вуҷуди ҳамин ватани муқаддас ҳеҷ касе дар худ ғурбату бекасиро эҳсос наменамояд. Зеро Ватан аст, ки дар шебу фарози зиндагӣ роҳнамои мост; Ватан аст, ки сарриштаи сарнавишти ҳар тоҷику тоҷикистонӣ бо он пайванди ногусастанӣ дорад. Зеро Ватан, дар ҳақиқат, модари мост:

Хушбоду ҳаво Модар-Ватан аст,
Инъоми Худо Модар-Ватан аст.
Оинаи қудсии ҷаҳони ману ту
Ангуштнамо Модар-Ватан аст.
Бар равнақу шони одамиён бар даҳр
Шаҳболи ҳумо Модар-Ватан аст.
Зарринвароқи китоби зебои ҳаёт
Дар лавҳу ливо Модар-Ватан аст [12, 20].

Миёни ҷамеи шоирони даврони Истиқлолият нақши Меҳринисо дар таблиғу ташвиқи ваҳдати тоҷикон ва тараннуми ватандӯстӣ аз тариқи шеър қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ҳама маҷмуаҳои дар даврони мазкур батабърасонидаи шоир ашъори зиёдеро метавон пайдо намуд, ки ба ин мавзуи муҳим бахшида шудаанд. Камол Насрулло дар ин маврид дуруст қайд менамояд: «Ҳамин мавқеи солими ватандӯстона буд, ки Меҳринисо на танҳо яке аз шоирони ватандӯсту ваҳдатпарвар, балки яке аз фаъолони ҳаракат ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар ҷодаи эҳёи навини кишвар гардид ва эҷодиёти саропо ватандӯстонааш низ ба ин ҳадафи баланд – худшиносии миллӣ ва эҳёи Тоҷикистони навин равона карда шуд» [80, 4]. Шеърҳои дар мавзуи ватандӯстӣ ва ваҳдату якпорчагии Ватан сурудаи Меҳринисо яке аз намунаҳои шоистаи тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи дӯст доштани Ватан, эҳтироми қалбӣ нисбат бар ҳар як порчаи хоки Ватан буда, аз аҳаммияти хуби таблиғиву ташвиқотӣ дар иртибот бар муҳаббат нисбат ба зодгоҳу Ватан бархурдоранд.

Мавзуи зан – модар дар адабиёти муосири тоҷик аз мақоми калидӣ ва меҳварӣ бархурдор аст. Дар иртибот бар ин адабиётшинос А. Кӯчаров баҷо қайд

менамояд: «Мавзуи модар дар назми муосири тоҷик мақоми марказӣ дорад. Шоире нест, ки ба ин вуҷуди муқаддас шеър набахшида ва сарчашмаи ҳаёти музаффарро васф нанамуда бошад» [60, 191].

Мавзуи мазкур, чунонки дар эҷодиёти ҳар шоири ҳунарманди адабиёти муосир ба таври ба худ хос мавриди тавсиф қарор гирифтааст, дар эҷодиёти Меҳринисо низ ҷилваи махсус дорад. Меҳринисо чи дар эҷодиёти даврони шуравӣ ва чи дар ашъори даврони Истиқлолияташ нисбат ба мавзуи зан–модар таваҷҷуҳи хосса изҳор намудаст. Мавзуи мазкур дар ҳама марҳалаҳои эҷодиёти шоир дар баробари мавзуъҳои Ватан ва ватандӯстӣ, ишқу муҳаббат аз мавзуъҳои дӯстдошта ва писандидаи ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳам дар ашъоре, ки дар жанрҳои анъанавӣ монанди ғазал ва рубоӣ сурудааст ва ҳам дар шеърҳое, ки ба тарзи наву муосир эҷод кардааст, Меҳринисо ба мавзуи зан ва модар руҷӯи самимонаву содиқона намудааст. Агар пас аз Абулқосим Лоҳутӣ ва устод Турсунзода Лоиқ Шералӣ аввалин шоире ба ҳисоб равад, ки ба мавзуи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, маҷмуаи алоҳидаеро зери унвони «Дасти дуои модар» ба табъ расонида бошад, Меҳринисо ҳам дар пайравӣ аз устоди худ маҷмуаи ҷудогунаро зери унвони «Меҳроби розам – модарам» ба чоп расонидааст. Агар маҷмуаи устод Лоиқ ҷамъан 57 номгӯйи ашъор иборат аз анвои суннативу анъанавиро дар бар бигирад [87, 190], маҷмуаи Меҳринисо дар маҷмуъ фарогири 194 адад шеъри гуногуннавъ мебошад, ки ин аз таваҷҷуҳи жарфи ӯ бар мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад.

Дар аксари ашъори ба мавзуи зан – модар бахшидаи Меҳринисо латофат ва таъсирбахшии сухан ба тарзи махсус эҳсос мешавад, ҳар мисраъ ва байти он ашъор диққати ҳар хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Адабиётшинос Юсуф Акбарзода дуруст қайд менамояд, ки шеъри ноб бояд аз аввалин мисраъҳо диққатро ба худ кашад, вагарна он шеъри хуб нахоҳад буд ва онро касе нахоҳад хонд [24, 91]. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки ҳама шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидаи Меҳринисо дилчаспу дорои таъсири вижа ва бар болои ин, бисёр равону хушоҳанганд, забони содаву тарзи адои дилнишин доранд. Хонанда бо

хондани онҳо аксари онҳоро метавонад бе мушкилӣ аз худ намояд, зеро онҳо дар қалби ҳар хонандае ҷой мегиранд.

Дар тасвирҳои Меҳринисо зан– модар масъули асосии сарнавишти ҳар инсон мебошад. Масъулияти бузург модаронро вазифадор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзандони худ онҳоро дар руҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳувияту ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу бум тарбия намояд. зан– модар, ки меҳвари асосии ҳар хонадон аст, аз ибтидо рисолати ба дунё овардани фарзанд ва дар ниҳоди ӯ ҷойгир намудани ахлоқи ҳамида, одоб, муҳаббат, эҳсоси ватанпарварию меҳандӯстиро дорад. Чунонки Меҳринисо мегӯяд, имону виҷдон ва бахту сарнавишти инсоният ҳам ба зан вобастагӣ дорад; яъне зан ба нури отифӣ ва фитрии худ офаридгор ва эҳдокунандаи имони башарият аст, ин нур қалби ӯро ба сӯйи осмон – ба покиҳо савқ медиҳад:

Зан ба нури хештан неруи имон офарад,
ҲамчуИброҳим зи оташ ӯ гулистон офарад.
Бо кашиданҳои сад дарду балои зиндагӣ,
Ҷон ба каф бигрифта ӯ, фарзанди инсон офарад. . . [9, 61].

Меҳринисо зимни мусоҳибае, ки бо хабарнигори маҷаллаи «Зан ва мард» Шаҳрбону Тошева анҷом дода буд, оид ба мақому манзалати зан – модар чунин изҳори ақида намуда буд: «Модар мисли шеър муқаддас аст. Тамоми мардуми олам нисбати модар меҳри беандоза доранд ва муҷассамаи модарро бо тамоми бузургиаш офаридаанд. Ва назди модар мо ҳама оҷизем. Модар мисли Худованд беназир аст» [68, 4]. Мақоми зан дар назаргоҳи шоиронаи Меҳринисо ба ҳадде баланд аст, ки фарозтар аз онро наметавон тасаввур кард, чун он баъд аз Худо мавқеъ дорад:

Ман занам, ман модарам, ман ёварам,
Чархро баъд аз Худо ман доварам [3, 21].

Ба андешаи шоир, қалбе, ки муҷиби ҳастии башарият гашта, ибтидои зиндагӣ бо вуҷуди вай робитаи ногусастаниву мустақим дорад, тамоми ҷароҳатҳои дунёро шифо мебахшад, қалбе, ки барои ҳар шермарде ҷиҳати

пешрафтҳояш дуо медиҳад, агар дили зан – модар набошад, пас, дили кӣ метавонад бошад?

Диле, ки зиндагиро ибтидо дод,
Ҷароҳатҳои оламро шифо дод.
Диле, ки баҳри пайдои адолат,
Ба роҳи шермардонаш дуо дод.
Дили зан нест ин дил, пас дили кист? [9, 60]

Дар як мусоҳибае, ки хабарнигори «Адабиёт ва санъат» Робия бо Меҳринисо дошт, дар суоли вай, ки зан бояд чӣ гуна бошад, шоир чунин посух медиҳад: «Устувор бошад, завқ дошта бошад, боварӣ дошта бошад ва аз ҳама асосӣ – дӯст дошта тавонад. Зан бояд доимо дар ёд дошта бошад, ки беҳтарин нақши рассом нақши зан аст, беҳтарин шеъри шоир дар васфи зан аст ва зан бояд ҳамчун зан нафосат, одоб, шарму ҳаёи занона, бахусус тоҷикона дошта бошад» [103, 12].

Меҳринисо занро ҳамчун мазҳари тамоми хубиҳо, зебоиҳо ва покиҳо дидан мехоҳад. Аз ин ҷиҳат аст, ки Меҳринисо дар ашъори худ мақому манзалати зан–модарро чунон бар осмон бардоштааст, ки болотар аз онро ҳеч наметавон тасаввур намуд. Ӯ мегӯяд, ки зан – ин неъмати Офаридгор аст, бинобар ин, қалби зан ҳам мазҳари ишқу муҳаббати ӯст:

Маро зан будан инъоми Худоист,
Дилам ҳам мазҳари ишқи Илоҳист [9, 55].

Як хусусияти модарномаҳои Меҳринисо иборат аз ҷанба ва тафаккури миллии он аст. Хонанда бо шиносоии онҳо руҳи модари тоҷик ва тасвири тоҷиконаи модарро эҳсос менамояд. Зимнан бояд қайд намуд, ки ҷанба ва махсусияти миллӣ дар тасвири модар дар адабиёти муосири тоҷик дар эҷодиёти устод Турсунзода ҷилваи махсус дорад, ки инро муҳаққиқони осори устод ҳам қайд намудаанд [29, 305; 148, 208].

Дар аксари ашъори ба мавзуи мазкур бахшидаи Меҳринисо ҳамин хусусият, яъне ҷанба ва тафаккури миллӣ эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар як ғазалаш Меҳринисо бо истифода аз тарзи тафаккури тоҷикона, муносибати тоҷикона бо

модар – ин олиҳаи ҳастӣ ва бо истифода аз вожаҳои халқӣ ба тасвири басо тоҷиконаи модар даст ёфтааст, ки дар он саропо дарду сӯзи шоир барои модари шодравонаш инъикос гардидааст. Шоир нозпарвардии модарашро ба хотир меоварад, чӣ хел модар дар назди вай нози модарона мекард. Бар асари ин, тоқат наёварда, дар хитоб бар равони модар мегӯяд: «Бар рӯйҳои заъфаронии ту ҷонам!» Ӯ аз сари эҳсосот боз ба лафзи мардумӣ хитоб мекунад: «Садқаи қалби бузурги ту бод равони ман!»:

Бе ту андар зиндагӣ барги хазонам, модарам,
Бе ту ман танҳои танҳо дар ҷаҳонам, модарам.
Рӯзгоре орзуҳо аз дили ман рафтааст,
Ноумеду хаставу озурдаҷонам, модарам.
Пеши чашмам лаҳзаҳои вопасини умри ту,
Бар ду рӯйи заъфаронии ту ҷонам, модарам.
Нозпарвар будиву нозам ҳамедодӣ ба меҳр,
Садқаи қалби бузурги ту равонам, модарам . . . [9,55].

Истифодаи вожаҳои махсус ва ибораҳову таркибҳои риққатовар монанди: *барги хазон, танҳои танҳо, рӯзгор, орзу, ноумед, хаставу озурдаҷон, пеши чашм, лаҳзаҳои вопасини умр, ду рӯйи заъфаронӣ, нозпарвард, ноз, меҳр, садқа, дасти ларзон, дил таҳ кашидан, дили чун арғавон, ғарқоби хун, фироқ, во, дареғ, ганҷи равон* ҳама дар атрофи як мавзуи воҳид – мавзуи мо дар мутамарказ гардида, дар додани обу ранги бадеӣ ва эстетикии он саҳми қобили таваҷҷуҳ гузоштаанд. Муҳаққиқи ҷавон Каримова Миҷгона дар ин маврид дуруст қайд менамояд, ки тавассути бакоргирии таркибҳои тоза ва орояҳои мухталифи адабӣ адибони тоҷик, аз як ҷониб, кӯшиш ба харҷ додаанд бузургии ин олиҳаи ҷаҳони ҳастӣ, аз сӯйи дигар, саҳми ӯро дар ҷомеа таҷассум намоянд [59, 69].

Ғайр аз он чӣ ки қайд гардид, дар ғазали фавқ лаҳни мардумӣ ё халқияти оҳанги дарунии он ҳам назаррас аст ва бо мавзуи мавриди эҷоди шоир ҳамоҳангии зич дорад; *танҳои танҳо мондан, садқаи қалби модар шудан, дасти ларзон, вой бар ҳол* (-и дили чун арғавон) ва *водареғ* гуфтан, инҳо – ҳама бӯйи

лаҳни мардумӣ доранд, ки дар зиндагонии рӯзмарраи мардум гоҳу ногоҳ мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар модарномаи мазкури Меҳринисо хонанда ба дунёи розу ниёзҳои ин беҳтарин ва поктарин офаридаи ҳама давраҳо модар ворид мегардад ва мақоми баланди ӯро дар тақдири инсоният хубтар дарк менамояд.

Дар эҷодиёти Меҳринисо чандин шеър дар мавзуи модар вомехӯранд, ки таронагуна буда, аз ҳайси оҳанг бисёр мавзуну сабуканд. Аз ҷумлаи онҳо ашъоре амсоли «Модари ман», «Ман тоқа мондам, оча», «Бемислу мисол», «Боли ҳумо», «Хумор», «Модарам монанди ман», «Аё модар», «Ҷон модари ман» ва монанди инҳо мебошанд, ки басо равону дилнишин мебошанд. Як хусусияти ашъори мазкур дар он инъикос мегардад, ки дар онҳо сабку салиқаи махсуси муаллиф возеҳ ҳис карда мешавад, вай тавассути ашъори кӯтаҳрукн тавонистааст дар мавзуи модар суханони риққатовар ва ҷаззобро, ки ҳар хонандаро метавонад зери таъсир қарор диҳад, ба назм дарорад.

А. Сайфуллоев лирикаро ифодаи афкору эҳсосоти шоир қаламдод карда, қайд намудааст, ки он ба таъсири воқеаҳои мухталифи зиндагӣ ва муносибатҳои гуногуни инсонӣ ба вуҷуд меояд» [92, 120]. Шеъри «Хумор»-и Меҳринисо ҳам, ки зери таъсири ҳамин воқеияти зиндагӣ – вафоти модар ва эҳсоси танҳоии баъд аз даргузашти ӯ суруда шудааст, бисёр хотирнишину таъсирбахш ва аз ҳайси оҳанг басо равону сабук аст.

Овози фораматро,
Чашми гунаҳраматро,
Шодиву ҳам ғаматро,
Ман ёд кардам, оча.
Болину бистаратро,
Рӯмолаки саратро,
Тӯмори дар баратро,
Ман ёд кардам, оча. . . [9, 14].

Агар, аз як тараф, вазни сабуку оҳанги равони шеъри мазкур дар хотири хонанда тез нақш бандад, аз ҷониби дигар, услуби он, ки омехта бо тарзи

ҳузновари мардумӣ ё гуфтори халқ аст, таъсири дигареро дар ботини ҳар кас ба вуҷуд меоварад ва ҳар хонандаро бо дунёи ғаму андӯҳ ва сӯзу дарди шоир ошно мегардонад. Абдунабӣ Сатторов шеъреро, ки аз зиндагӣ ва сӯзу дарди он дур аст, ба мисли гули коғазӣ шуморидааст, ки бо вуҷуди зебоии худ орӣ аз тароват ва бӯйи хуш аст [97, 116]. Як хусусияти шеъри фавқи Меҳринисо дар он равшан мегардад, ки он инъикоскунандаи ҳаёти воқеӣ ва сӯзу дарди он аст, дар он услуби гӯйиши мардумӣ ва истифода аз вожаҳои хосси забони мардум ба назар мерасад. Вожаҳои *оча, рӯмолак* ва ибораҳои *рӯмолаки сар, тӯмори дар бар* шеъри мазкурро дилнишинтару таъсирбахштар намудаанд. Дар шеъри «Бемислу мисол» ҳам, ки ба мисли тарона суруда шудааст, Меҳринисо тавонистааст симои модарро ба таври бисёр мауссир қаламдод намояд. Дар манзари хаёли шоир модар шахси бемислу монанд ва авҷи тамоми камолоти зиндагӣ таҷассум ёфтааст. Модар барои шоир ҳамчун фариштаи заминиест, ки ҷамеи фариштагони осмон дар зебоӣ ба вай баробар намешаванд, ӯ беҳтарин офаридаи хилқат аст ва чунонки худи шоир гуфта, Худо дар дастгоҳи офаринишаш беҳтар аз модари ӯро насириштааст:

Ғамхори бемисол
Модар, фақат туӣ.
Авҷи ҳама камол
Модар, фақат туӣ.
Ҳаргиз дар ин ҷаҳон
Мислат фаришта нест.
Беҳтар зи ту Худо
Фарде сиришта нест [13, 150].

Дар шеъри «Модарам монанди ман» Меҳринисо худро ба модараш монанд намуда ва зимни он ӯро туҳфаи Худованд ва беҳтар аз фаришта хондааст:

Модарам монанди ман,
Ман монандам ба ӯ.
Модари отифаи ман,
Аз Худованд туҳфаи ман.
Модарам беҳ аз фаришта,

Хонадору босаришта [9, 30].

Дар шеъри «Аё модар», ки он ҳам бисёр равону хушоҳанг аст, Меҳринисо бо истифода аз ташбеҳҳои зимнӣ модари худро шеъри беҳтарин, атри ёсамин, моҳи нозанин ҳатто, Худои дар замин тасвир кардааст:

Ту шеъри беҳтарини ман,
Ту атри ёсамини ман.
Ту моҳи нозанини ман,
Худои дар замини ман,
Аё модар, фидоят ман . . . [9, 79].

Гулрухсор Сафиева дар муқаддимае, ки бар маҷмуаи ашъори шоирҳои навқалами тоҷик навиштааст, қайд менамояд, ки шеъри имрӯз бояд чун нафас тоза бошад ва аз димоғ озод берун барояд, «чун берун наравад, нафасгир мешавӣ» [45, 5]. Ин гуфтаҳо дар мисоли шеъри фавқи Меҳринисо исботи худро меёбанд, зеро он чи аз ҳайси тарзи баён, чи аз лиҳози истифодаи вожаҳову ибораҳо ва чи аз ҷиҳати услуб сазовори таҳсин аст. Бояд қайд намуд, ки аввалин шеъри дар васфи модар сурудаи Меҳринисо дар маҷмуаи дастаҷамъии «Навниҳолони боғи адабиёт» зери силсилашеърҳои вай – «Хӯшаи парвин» бо номи «Модар» ба табъ расида буд. Агарчи маҷмуаи мазкур соли 1985 чоп гардида буд, аммо шеъри мазкурро шоир дар соли 1975 эҷод намудааст. Бо ин ки шеъри мазкур дар эҷодиёти Меҳринисо аз зумраи аввалин ашъори ба истилоҳ шогирдона ва ё навқаламона ба ҳисоб меравад, он бисёр дилнишину хушоҳанг аст ва бо услуби содаву оммафаҳм суруда шудааст:

Ҳар зан чу модар мешавад,
Дубора дилбар мешавад.
Чашмони тифлаш баҳри ӯ
Хуршеду ахтар мешавад [2, 135].

Дар шеъри зикршуда муаллиф ба дарёфти мазмуни нав низ даст ёфтааст. Дар ҳақиқат, вуҷуди тифл сабаби зебоии ҳам равонӣ ва ҳам ҷисмонии ҳар модар аст, зеро ба дунё омадани ҳар тифл агар, аз як тараф, омили зиёд гардидани насл

дар хонаводa бошад, аз сӯйи дигар, сабаби хушбахтии хонавода ва пеш аз ҳама, шахси модар мегардад.

Дар шеъри «Боз борон асту борон», ки Меҳринисо дар тарзи нав навиштааст, намунаи такомули андешаи шоирро дар иртибот бо тарзу услуби хосса, парвози хаёл ва тасвирҳои таъсирбахши модар метавон пайдо намуд. Меҳринисо ҷиҳати тасвири бузургии модар суханро аз сармову сардборон оғоз карда, қаҳри осмон ва вуҷуди ҳузновари табиатро дар баробари ҳузури нурбахшу файзовари модар ночизу бетаъсир медонад:

Сардборон буду мерехт,
Осмон бо элаки худ, гӯиё ки қаҳр мебехт.
Модарам дар хонаам меҳмон буд,
Рӯйи ҳавлӣ шиб-шивар аз ашки борон,
Хонаам аз файзи модар ҳамчу тобистон буд [9, 21].

Дар абёти баъдӣ модар дар манзари хаёли Меҳринисо ҳамчун як шахси ҳушманду огоҳ ва ҳакиму файласуф инъикос мешавад. Бо вуҷуди он ки модар бо ҳузури худ қаҳристони табиатро ба гармои фараҳбахш мубаддал мегардонад, ӯ худ ғамгин аст, гӯё он ҳама сармову сардиҳоро бар худ гирифта, онро бар оҳи ҷигарсӯзи худ иваз менамояд:

Модарам ғарқи хаёле сӯйи боғча чашм медӯхт аз тиреза,
Дафъатан зери лабонаш ҳарфҳо мегуфт хомӯш, беситеза.
Баъд аз он оҳе кашида бо алам изҳор кард:

Эй аҷаб, ки баъди борон
Ҳар гиёҳе мекашад сар аз дили хок.
Ҳайфи одам, бо ҳама эҳсосу идрок,
Менарӯяд не баҳору не зимистон аз мағок,
Ин ҳама хеле аламнок. . . [9, 21].

Адабиётшинос Ю. Бобоев дар мавриди симои зан–модар дар адабиёт навишта буд: «Зебоиписандӣ ва одобу эҳсон дар адабиёт бо номи зан–модар пайваста аст. Ӯ чун олиҳаи ҳусн, гуҳарбори зиндагӣ, рамзи ишқу меҳру муҳаббат бо сурату сираташ ба ҳар гуна таърифу тавсиф арзанда аст» [38, 177]. Чунонки аз

шеъри боло дида мешавад, Меҳринисо ҳам тавассути ибрози суханони ҳакимона кӯшиш дорад модари худро, ки барои вай яккаву ивазнашаванда ва ҳамчун Худои дар замин аст, ба ҳайси як шахси дорои маърифати баланд ва ақлу заковати хосса нишон диҳад. Ин тасвири модар пас аз даргузашти ӯ аз ҷониби шоир анҷом мепазирад. Ин аст, ки Меҳринисо бо ҳасрат он овони меҳмонии модарашро ёд мекунад, аз он ҳасрат мехӯрад, ки он лаҳзаҳо шояд модараш мехост укдаи дили худро кушояд, ба қавли худи ӯ, қуфли армонашро во намояд. Аммо чӣ чора созад, ки акнун модараш дар бараш нест, модаре, ки саропо сукуту андеша буд. Боз ҳамон борон асту сардиҳои пайомади он:

Оҳ, он дам модарам мехост шояд суфраи ҳасрат кушояд,
Лаҳзае бо ман нишаста қуфли армон во намояд.
Лек ӯ санги сукуте буду хомӯш,
Лоҷарам мешуст борон ду бари рӯ-ш.
Он замон, бо ҳузн шояд, ӯ ба умқи олами худ дида медӯхт?
Ман ҷудо аз дарди модар, лойи дегам шуъла мепухт. . .
Оҳ, модар, боз борон асту борон,
Хона сарду ашки ман ҷӯйи равон [9, 21].

Шеъри зикршуда дорои ҷанбаи ахлоқӣ низ ҳаст. Агар, аз як ҷониб, худи мавзуи он бархӯрдор аз ин ҷанба бошад, аз сӯйи дигар, ҳадафи муаллиф, ки иборат аз шинохтани қадри модар дар овони дар ҳаёт будани вай мебошад, ҷанбаи дигари ахлоқии он аст. Тасвирҳои ҳузновари табиат, таассуфҳои модар дар баробари табиат, ҳасратхӯриҳои вай ва ахиран ҳасратхӯриҳои худи муаллифи сатрҳо – ҳама панди ҳадафманде мебошанд дар ин хусус ки модар ганҷи дастнаёфтанӣ аст. Шоир нишони модари худро пас аз даргузашташ миёни сабзаҳои навбаҳорон меҷӯяд, ки шояд ӯ ҳам бори дигар амсоли осори табиат аз нав пайдо гардад. Аммо чун модарашро намеёбад, миёни чархи гардун ва анбӯҳи одамон худро танҳову бекас меёбад ва таассуф мехӯрад, ки аз ҳузури модар хумори хешро нашикастааст:

Бо нигоҳи хастаи худ аз миёни сабзазорон,
Сабзазорони баҳорон,

Аз ту меҷӯям нишон . . .

Бо қазои рӯзгорон,

Бо дареғу ғафлати аз худ пушаймон . . . [9, 22].

Дар як шеъри дигар зери унвони «Хазон», ки дар тарзи нави шеърӣ эҷод шудааст, Меҳринисо бо истифода аз унсурҳо ва ҷузъиёти табиат манзараи ҳузновари набудани модарро сохтааст, ки басо таъсирбахш ва ҷаззоб баромадааст. Бо вуҷуди он ки шеъри мазкур аз 24 мисраъ иборат аст, вожаи модар дар он 3 бор истифода гардидааст. Дар ин шеър чаҳор тасвир ва ду гурез ба чашм мерасад ва бо ин тариқ метавон гуфт, ки он дар умум аз шаш қисмат иборат аст. Қисматҳои аввал, дувум, савум ва чаҳорум қисматҳои тасвирии шеъри мазкур ба ҳисоб меравaнд. Муаллиф дар се қисмати аввал тавассути тасвири аносири табиат кӯшиш мекунад, ки манзараи ботини хешро тасвир намояд. Дар қисмати аввал ӯ сукути боғ ва офтоби софу кабудро тасвир намуда, дар қисмати дувум якбора тавассути оби ҷӯй манзараи ғамгинеро рӯйи сафҳа мекашад. Дар қисмати савум, ки ба тасвири бод бахшида шудааст, таваҷҷуҳи хонандаро ба бод ва сайри ҳузновари он ҷалб мекунад. Дар қисмати чаҳоруми шеъри мазкур, ки қисмати гурези он аст, муаллиф аз тасвири табиат ба худ руҷуъ мекунад ва эътимоди хешро ба фасли поиз изҳор дошта, мегӯяд:

Ман ба поиз, ки имон дорам,

Интизорам, ки бо эъҷозе

Модарамро, ки дар ин фасл зи мо бирбудааст,

Ногаҳон мисли сабо меорад. . . [9, 36].

Дар қисмати панҷуми шеър, ки дар навбати худ қисми чаҳоруми тасвирии он мебошад, Меҳринисо боз ба тасвири ашки чашмони худ мепардозад, ки ба хотири модараш рӯйи дастони дуопарвараш шоридаанд:

Ашк аз оинаи чашми тарам мешорад,

Рӯйи кафҳои дуопарвари ман қатраҳо меборад [9, 36].

Дар қисмати охир шоир боз санъати гурезро истифода бурда, аз тасвири табиат руҷуъ ба модар мекунад. Дар ин қисмат, ки аз мақтаи муассире иборат аст, Меҳринисо аввалан бо андӯҳ ба хотир меорад, ки модараш дар сукути боғ зери

замин хуфтааст, вале бар худ ларзида, сухани хешро инкор мекунад, ки «На! Модари ман на зери замин, бал дар қалби ман хобидааст»:

Боғ осудаву орому хамӯш,

Модарам зери замин. . .

На! Модарам дар дили ман хобидааст! [9, 36]

Ҳам дар маҷмуаи «Меҳроби розам – модарам» ва ҳам дар маҷмуаи бузурги шоир «Оҳанги зиндагӣ» зиёда аз сӣ ғазал ба модар бахшида шудаанд. Ин бар он далолат мекунад, ки дар жанрҳои анъанавӣ низ шоир ба мавзуи модар таваҷҷуҳи хосса доштааст. Агарчи дар жанрҳои дубайтӣ ва рубоӣ низ Меҳринисо ба мавзуи модар таваҷҷуҳ намудааст, аммо истифодаи мавзуи мазкур дар ин жанрҳо дар қиёс бо жанри ғазал бисёр каму ночиз аст. Зимнан, қайд намудан бамаврид аст, ки дувумин мавзуи марказӣ дар ғазалиёти шоир – ин мавзуи модар аст. Мавзуи модар пас аз мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалҳои шоир дурахш ва ҷилваи махсус дорад. Дар куллиёти ашъори Меҳринисо чандин ғазал бо радифи «модарам» ба чашм мерасанд, ки онҳоро метавон дар қатори беҳтарин ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи вай ҷой дод. Дар ғазалҳои бо ин радиф сурудааш шоир сабки сода, вожаҳои осонфаҳм, калимаву ибораҳои халқӣ ва оҳанги равону хушояндаро мавриди истифода қарор додааст. Масалан, дар яке аз ғазалҳояш, ки дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф (фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун/фоъилун) ва радифи «модарам» суруда ва матлаи он чунин аст:

Бе ту андар зиндагӣ барги хазонам, модарам,

Бе ту ман танҳои танҳо дар ҷаҳонам, модарам [9, 55],

Меҳринисо ба тарзи бисёр содаву равон аз набудани модар ва танҳоии хеш изҳори андуҳ намудааст. Набудани модар дар қалбу ботини ӯ таассуроти ғамовареро ба вуҷуд овардааст, ӯро ба барги хазон, ки бар асари боди ночизе ҳам ба ҳар сӯ пош мехӯрад, шабеҳ кардааст; орзуҳои вай – ҳама аз дилаш бадар гардидаанд, ӯро хаставу бемадор ва озурдаҷон намудаанд. Дар пеши чашмони шоир охирин лаҳзаҳои дар айни ҳаёт будани модараш таҷассум меёбанд, вай аз ин дар бесабрӣ меафтад ва дар хитоб бар модараш нидо бармедорад, ки «фидои рӯйи заъфаронии ту гардам». Ӯ лаҳзаҳои нозпарвардии хешро ба хотир меорад, ки

модар вайро бо меҳри зиёд дар оғӯши ноз мепарварид. Дастони ларзони модари пир хотироти Меҳринисоро мушавваш месозанд ва ӯ мехоҳад ба хилвати дил паноҳ бубарад, аммо чун мебинад, дилаш аз ёди модар ҳама арғувонӣ гаштааст. Пайкари шоир аз алами фироқи модар месӯзад ва ғарқоби хун мегардад ва фарёду шеван мебардорад:

Рӯзгоре орзуҳо аз дили ман рафтааст,

Ноумеду хаставу озурдаҷонам, модарам.

Пеши чашмам лаҳзаҳои вопасини умри ту,

Бар ду рӯйи заъфаронии ту ҷонам, модарам.

Нозпарвар будиву нозам ҳамедодӣ ба меҳр,

Садқаи қалби бузурги ту равонам, модарам.

Дасти ларзони ту медидам, дилам таҳ мекашид,

Вой бар ҳоли дили чун арғавонам, модарам.

Пайкарам месӯзаду ғарқоби хунам аз фироқ,

Во дареғо, қиматам, ганҷи равонам, модарам [9, 55].

Истифодаи вожаҳову таркибҳои халқӣ, ибораҳои муассир ва услуби сода ғазали зикршударо бисёр дилкашу гуворо намудаанд. Калимаҳои *хаста, садқа*, ибораҳои *садқаи қалби бузург, дасти ларзон, ғарқоби хун, ганҷи равон*, маҷозҳои *дил таҳ кашидан* ва истифодаи халқии *ҷон* дар маънои фидо будан бар асарбахшии ғазал басо афзудаанд.

Дар як ғазали дигар, ки он ҳам дар радифи «модарам» ва баҳри рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст, услуби содаву тарзи баёни дилписанд истифода гардида, равониву оҳангнокии он ҳар хонандаро зери таъсир қарор медиҳад. Дар матлаи ин ғазал Меҳринисо суханро аз *аллаҳои модар* ҳусни оғоз бахшида ва онро чун дуое қаламдод кардааст, ки басо дилнишин баромадааст:

Мерасад форам ба гӯшам аллаҳои модарам,

Зиндагӣ рангин бароям бо дуои модарам [9, 9].

Дар абёти баъдӣ шоир нигоҳҳои гарми модарро равзаи ризвони ҷонаш, ҳамчунин, шодиҳои рӯзгорашро бо баракати модараш қаламдод кардааст. Ӯ аз он меболад, ки зери шаҳболи муҳаббатҳои модараш ба воя расидааст. Ин аст, ки аз

сари меҳр хоки пойи модарашро дар дидагони худ мемолад. Модар шабу рӯз бори гарони заҳматҳои зиндагониро бар дӯши хеш мекашад, бинобар ин, шоир аз сари андӯҳ бар худ савол медиҳад: «Кист, то бар вай бигӯяд, ки оё тавонистаӣ ба модарат хидмати шоистае бикунӣ?». Ҳеҷ фарзанде заҳматеро, ки модар барои вай кашида, бароварда наметавонад. Партави рӯйи модарро Меҳринисо чароғи равшани чашму дили худ қаламдод карда, садои вайро ҷонбахшову масеҳоӣ мегӯяд. Панду андарз ва таҷрибаҳое, ки шоир аз зиндагӣ баргирифтааст, онро дар баробари ҳикматҳои модараш бас ночиз медонад ва аз он ба унвони накҳат ёдовар мешавад. Ёди модараш ӯро ончунон ба худ кашидааст, ки ҳар гоҳ хаёли чизеро дар сар парварад, нидои модараш он хаёлро беихтиёр ба сӯйи худ ҷалб менамояд. Тамоми хушиҳои ҳаёт, ки муаллиф онро хушиҳои саодатофарин унвон ниҳодааст, ибтидои худро аз чашмаи сидқу вафои модар касб мекунанд.

Дар мақтаи ғазал муаллиф тамоми ганҷи оламро дар баробари ранҷе, ки модар барои фарзандаш кашида, ночизу ҳақир медонад ва бо истифода аз санъати тафзил муддаои модарро болотар аз кулли ганҷҳои дунё нишондод менамояд:

Бо кадомин ганҷи олам ранҷи ӯ бармекашам,
Беҳтар аз ҳар ганҷи дунё муддаои модарам [9, 9].

Дар ғазали фавқ вожаҳову ибораҳои зебову мувофиқ ва истиораҳои ҷаззобу дилнишин, агар аз як тараф, омили эҷоди маънову мазмуни байтҳо гашта бошанд, аз сӯйи дигар, сабабгори хушоҳангиву равонии мисраъҳову байтҳои он гардидаанд. Анқариб дар ҳар як байти ғазал вожа, ибораи маҷозӣ ва истиораи хубе истифода гардиданд ва бори маъноиву таъсирбахшоии онро зиёдтар намудаанд. Ибораҳои маҷозии *дар дида молидан, ғарқи хаёл шудан*, истиораҳои *равзаи ризвони ҷон, шаҳболи муҳаббат, чароғи равшани чашму дил, гулситони ҳадяҳо, чашмаи сидқу сафо* дар тасвири симо ва образи воқеии *модар* нақши муассиреро бар ҷой гузоштаанд.

Дар ғазали дигар, ки он низ бо радифи *модар* суруда шудааст, андешаҳо ва дунёи хаёли Меҳринисо амиқтару паҳнотар мешаванд ва ба олами руъёҳои дастнорас парвоз мекунанд ва бо сӯзу фироқи бештар омехта мегарданд. Аз матни ҳар байти ғазал маълум мегардад, ки муаллиф онро пас аз даргузашт ва аз даст

додани модараш рӯйи сафҳа овардааст. Дар ин ғазал вожаҳои қофияшавандаи амсоли хумор, канор, интизор мазор, раҳгузор ва ғубор ба мазмуни байтҳо ҳузну ғам бахшида, ҳар хонандаро ба олами андӯҳу таассуф ворид месозанд. Интихоби вазни ғазал ҳам аз ҷониби муаллифи он беҳуда нест, он дар баҳри музореи мусаммани ахраб (--v /-v--/--v/-v--) суруда шудааст, ки аз авзони дилнишин ва дар навбати худ ҳузновар низ мебошад. Муассирии ин вазн дар он аст, ки бо табдил додан ё пасупеш кардани ҳиҷоҳои он рукнҳои онро метавон тағйир дод ва аз он вазни дигаре ба сурати раҷази мусаммани маҳзуф (--v-/v--/--v-/v--) ҳосил кард. Ҳар ду вазн аз ҷанбаи таъсирбахши равонӣ бархӯрдоранд, зеро дар худ як навъ оҳанги маҳзункунанда доранд. Бинобар ин, тавассути вазни мазкур дар ҳар байти ғазали мазкур як навъ оҳанги шитобзадагиву ошуфтаҳолӣ ва изтиробу беқарории муаллифи он эҳсос мешавад. Дар ғазали мазкур агар, аз як ҷониб, тарки дунё кардани модари муаллиф бо андӯҳи зиёд тасвир шуда бошад, аз сӯйи дигар, сарсониву саргардонӣ ва ошуфтагиву беқарории худи шахси муаллиф дар баробари фироқи модараш инъикос гаштаанд. Матлаи ғазал бо вожаи *вой*, ки инъикоскунандаи ҳадди баланди ғаму андуҳ ва сӯзу гудоз ва нидои таассуфи зиёд аст, оғоз мешавад. Вожаи мазкур бар ҳузновариву бариққатоварии матлаъ афзудааст. Дар мисраи пасини матлаъ муаллиф феъли маҷозӣ-халқии *гум задани дил* (дил гум задан)-ро ба кор гирифта, ки он ҳам ҳикоят аз ғам ва изтироби ботинии муаллиф мекунад:

Эй вой, ҷони модар, ҷонам нисори модар,
Гум мезанад дилам, гум, андар хумори модар [9, 68].

Дар ғазали мазкур шоир вожаҳову таркибҳо ва ибораҳоеро интихоб намуда, ки онҳо инъикоскунандаи пазмон шудан, дар хумори модари аздастрафта будан ва мутаассиф шудан мебошанд. Масалан, дар байтҳои минбаъдаи ғазал *овози форам, чашми гунаҳрам, ёд кардан ва дур аз канори модар мондан*, *дар чорсӯйи роҳ қарор доштани шоир* ва *интизории сахти модарро кашидани вай* хаёлоти хонандаро ба сӯйи модари аздастрафтаи шоир мекашонанд:

Овози форамашро, чашми гунаҳрамашро,
Ман ёд мекунам, ёд, дур аз канори модар.

Дар чор сӯйи роҳам, руъёву хобу оҳам,

Оинаи нигоҳам дар интизори модар [9, 68].

Ёди модари аздунёрафта, ёди овози гӯшнавоз ва чашмони бегуноҳи модар, ки муаллиф онро ба таври бисёр зебои шоирона – *гунаҳрам* ном гирифтааст, ӯро ғарқаи баҳри ғаму андӯҳ мегардонад; бар асари танҳоие, ки якбора бар шахси шоир ҳуҷум намудааст, вай басо музтариб гаштааст. Бинобар ин, Меҳринисо бовар надорад, ки ин, дар ҳақиқат, ҳуҷуми тақдир аст ё худ руъёву хоб. Ӯ бар ин натиҷа мерасад, ки бурузи ин ҳодиса ҳақиқат дорад. Аммо боз ҳам умеде дар қалби вай нисбат ба дидори дуюбораи модараш нуҳуфта аст, бинобар ин, ӯ худро оинаи нигоҳ мегардонад ва бо тамоми вуҷуд ҷустуҷӯйи модари худ мекунад ва бозгашти ӯро интизорӣ мекашад. Меҳринисо бар асари маҳрумият аз ягона муттако ва ғамгусори хеш худро дар чаҳорсӯйи роҳи зиндагӣ мебинад, раҳгумзадаву сарсон намедонад кадоме аз онҳоро ҷиҳати тақдири ояндаи худ интихоб намояд. Аммо чун чашмони шоир бар санги мазори модар бармехӯранд, фарёд бармекашад, ки ман чӣ гуна санги мазори модарро ба дӯши худ бикашам, он хориҷ аз таҳаммул аст:

Ӯ ранҷи заҳмати ман бар дӯш мекашидӣ,

Бар дӯши ман гарон аст санги мазори модар [9, 68].

Меҳринисо бо дидани санги мазор ҳам ҳушу гӯш ба ҳузури модар аст. Дар рӯйи ҷойнамоз ҳангоми розгӯйиҳояш бо Худо модарашро ҷӯё мешавад, вале чӣ чора, ки дигар модараш абадан ӯро тарк гуфтааст:

Дар рӯйи ҷонамозам, ҳангомаҳои розам,

Ҷӯям, вале наёбам чашми хумори модар [9, 68].

Дар байти пасини ғазал бо истифода аз истиораи зебои *меҳроби қомат* шоир қомати хамидаи модарашро дар силки хотир мекашад ва аз он дили худро таскин медиҳад ва сиёҳии чашмони худро нишоне аз раҳпойии модараш мепиндорад:

Меҳроби қомати ӯ дар чашми ман нишаста,

Ин тӯтиёи дида аз раҳгузори модар [9, 68].

Мақтаи ғазали мазкур ҳам мазмунан шабоҳате бо ғазали қаблӣ дорад, аммо дар ҷойи *муддаои модар* Меҳринисо *гарду ғубори модар*ро ба кор гирифтааст ва дар он ҳам тафзил ба чашм мерасад:

Ҳар ганҷро ба олам қимат бувад, валекин
Бемислу дарнаёбам гарду ғубори модар [9, 68].

Дар натиҷагирӣ аз мавзуи мавриди назар метавон қайд намуд, ки мавзуи зан–модар, албатта, бо он чи Меҳринисо дар маҷмуаи мазкур ва дигар маҷмуаҳояш дар атрофи он қаламфарсоӣ намудааст, ҳоло ҳам анҷомпазиру тамомшуданӣ нест. Зеро дунёи модар бас бузургу беканора аст, ҳатто, бузургтар аз андешаи ҳар шоир, бинобар ин, тасвири ниҳоии дунёи зебои модар ва ҳолоти ботинии модарон аз доираи тавоноии ҷамеи ҳунармандони ҷаҳон берун аст. Аммо бо вуҷуди ин ҳама, метавон гуфт, ки Меҳринисо тавассути ашъори таъсирбахш ва зебову риққатовари хеш то ҷое, ҳатто, то ҷойи қобили таваҷҷуҳ, қитъаи бузурге аз ин дунёи бузургро фатҳ кардааст.

Яке аз мавзуъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо гуманизм ё афкори инсондӯстона мебошад. Афкори гуманистӣ ё инсондӯстона дар эҷодиёти адибони даврони Истиқлолият, ба хусус Меҳринисо, маншаи худро аз эҷодиёти адибони даврони шуравӣ гирифтаанд. Дар адабиёти даврони шуравии тоҷик меҳвари асосӣ дар матраҳ намудани ҳама мавзуъҳои роиҷ инсондӯстӣ ва ба истилоҳ гуманизм буд. Шиори маъруфи «дӯстии халқҳо», ки аз шиорҳои роиҷи сиёсати шуравӣ буд, дар шеъру адаби он даврон низ ҳамчун маҳаки фикру андеша қарор гирифта буд ва андешаи ҳар шоири тоҷикро ҳам дар сари таблиғи дӯстии халқҳо мутамарказ мекард. Бинобар ин, дар эҷодиёти шоирони даврони шуравии тоҷик мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ бо навъе аз гуманизм омехта гардида буд. Рустами Ваҳҳоб дар ин зимн дар як таҳқиқоте, ки ба шоири маъруфи даврони шуравӣ Боқӣ Раҳимзода бахшида буд, дар хусуси ҷанбаи гуманизми эҷодиёти шоирони муосир чунин навиштааст: «Агар аз дидгоҳи гароишӣ ва меҳвари ақидатӣ ба ин нукта таваҷҷуҳ шавад, ки насли навини адабиёти тоҷик ба кадом ҷанбаи маънавии эҷодиёти пешиниён таваҷҷуҳ кардааст, бешубҳа ин натиҷа ҳосил мегардад, ки ин нуктаи маънавӣ инсондӯстӣ ва ё гуманизм будааст. Инсондӯстӣ, гуманизм ҳастаи аслии

адабиёти оламгири форсии тоҷикиро ташкил медиҳад ва ҳамин амр боиси он гардид, ки масалан устод Турсунзода мунодии дараҷаи аввали паёмҳои башардӯстонаи низоми шуравии собиқ дар олами он рӯз шинохта шавад. Таваҷҷуҳ ва таъкиди хосси шоирони тоҷик бар моҳияти инсонӣ ва башардӯстонаи шахсият ва осори пешкисватони ин адабиёт, аз ҷумла устод Боқӣ Раҳимзода, на танҳо гувоҳи садоқати онҳо ба ин шахсиятҳо, балки гувоҳи пойбандӣ ва садоқати самимии онҳо бар ин асли маънавии андешаи адаби форсии тоҷикӣ, яъне башардӯстӣ ё гуманизм буд» [41, 134].

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҳам, ки тарбиятёфтаи устодони суханпарвари ҳамон даврон амсоли устод Турсунзода буд, афкори гуманистӣ ё инсонпарварона нақши басо назаррас доранд. Меҳринисо ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ, ки дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ зери силсилашеърҳо ба табъ расида буданд, ба ин мавзуъ руҷуъ намуда, зимни он дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва назари шахсии худро нисбат ба ҳаёту ҷомеа иброз доштааст. Гуманизми Меҳринисо маншаи худро, пеш аз ҳама, аз дӯст доштани ҳаёт мегирад ва ин ҷанбаи ақидавии ӯ нишон медиҳад, ки вай нисбат ба зиндагӣ, муҳит ва ҷомеа назари манфӣ ва ба истилоҳ пессимистӣ надорад. Дар шеъре, шоир онро соли 1972 навишта, зери унвони «Тароннуми ҳаёт» дар радифи силсилашеърҳои «Хӯшаи парвин» ба табъ расонида буд, назари хушбини вай нисбат ба ҳаёт чунин инъикос гардидааст:

Ман туро бо хандаи ширини тифлонам ба хоб,
Ман туро бо партави хуршеди раста аз саҳоб,
Ман туро бо ҷилваи барқи шаби бемоҳтоб,
Ман туро бо шаршара, бо пайкари ларзони об,
Дӯст медорам, ҳаёт! [2, 130]

Инсондӯстӣ ва гуманизм, албатта, аз дӯст доштани ҳаёт ва зиндагонии воқеӣ сарчашма мегирад, зеро касе, ки дар ниҳоди хеш нисбат ба ҳаёт ва умре, ки беҳтарин гавҳари инсоният аст ва ҳамчунин нисбат ба атроф ва муҳити иҳотакардаи хеш муҳаббат надошта бошад, ӯро наметавон инсони башардӯст ва хушбин ном гирифт. Ҳамин аст, ки дар гуманизми Меҳринисо ҳама кас ва ҳама чиз, ки нишони ҳаёт ва зиндагонии воқеӣ мебошанд, иштирок менамоянд. Шоир

ҳаётро бо хандаҳои тифлони дар ҳолати хоббуда, бо партави хуршеде, ки аз банди абрҳо раҳидааст, бо ҷилваҳои барқу соиқае, ки дар шабҳои сияҳ медурахшанд ва ҳамчунин бо овози шаршарае, ки аз пайкари ларзони замин мешорад, дӯст медорад. Дар фалсафаи гуманизми Меҳринисо дӯст доштани ҳаёт бо муҳаббати инсонҳо, меҳр нисбат ба ашёи модӣ ва унсурҳои табиат тавъаманд, бинобар ин, ҳаёт ва муҳит ҳар ду нишоне аз як мафҳумро медиҳанд. Мисоли собиттари ин мавзуъ дар байтҳои баъдии шеъри мазкур инъикос мегардад. Меҳринисо садои хониши булбулро дар саҳаргоҳон, нишоти шабнами ларзонро дар гулбаргони тар, қатори турнаҳои аз сафар баргашта, пуштаҳои ҳафтранги кӯҳсор, қуллаҳои сарсафедеро, ки муҳитро иҳота кардаанд, даштҳои бопаҳнои аз гандуму дигар ғаллот зарнисоргашта – ҳамаро монанди инсон, монанди тифле, ки дар оғӯши падар лаҳзаҳои хушбахтонаи худро сипарӣ менамояд, монанди инсоне, ки дар аҳди хеш устувор аст, дӯст медорад:

Бо садои хониши булбул ба ҳангоми саҳар,
Бо нишоти шабнами ларзони гулбаргони тар,
Бо қатори турнаҳои бозгашта аз сафар,
Ман туро бо тифли хушбахте дар оғӯши падар,
Дӯст медорам, ҳаёт!
Ман туро бо пуштаҳои ҳафтранги кӯҳсор,
Ман туро бо қуллаҳои сарсафеди бурдбор,
Ман туро бо даштҳои беканори зарнисор,
Ман туро бо неруи ҳар фарди бар аҳд устувор,
Дӯст медорам, ҳаёт! [2, 130]

Ниҳояти гуманизми Меҳринисо дар байти зерини вай инъикос мегардад, ки бозгӯкунандаи ҳадди баланди инсонгароиву инсондӯстии ӯ буда, далолаткунандаи ахлоқи шоиста ва ба гуфтаи худи шоир «бо меҳр оганда» аст:

Манам бо одамон зинда, дилам аз меҳр оганда,
Шароби нур мехоҳам, майю соғар намехоҳам [12, 275].

Инсондӯстии Меҳринсо дар тамоми маҷмуаҳои ашъори вай ҷилваи ҷудогунае дорад. Дар шеъре, ки зери унвони «Агар қудрате медоштам» дар

солҳои ҷанги бародаркуш ва муташанниҷтарин даврони сарнавишти миллати тоҷик – соли 1992 навишта шуда, дар силсилашеърҳои таҳти унвони «Нафаси субҳ» ба табъ расида буд, гуманизми вай ба ҳайси афкори инсонпарваронаи як зан–шоир ҷилваи муассиртар дорад. Шеъри мазкур ҳаммонанди рубоиҳои маъруфи Умари Хайём мебошад, ки дар онҳо рӯҳи муборизи ҳаким дар иртибот бар авзои замон инъикос мегардад. Меҳринисо афкори инсонпарваронаи хешро бар асари авзои муташанниҷи солҳои ҷанг иброз дошта, аз он таассуф мехӯрад. Ӯ мегӯяд:

Агар ман қудрате медоштам,
Намемондам, ки ғамгин бошад инсоне. . .
Агар ман қудрате медоштам,
Гиёҳи меҳр корида ба қалби мардуми дунё,
Гули лабханд мебудам ба таскини дили танҳо.
Ба ҳаҷри талхи навмедон шукӯҳи сабр мебудам,
Шаранги интизориро магар позаҳр мебудам,
Агар ман қудрате медоштам. . . [11,123-124].

Яке аз хусусиятҳои назаррас дар афкори инсонпарваронаи Меҳринисо тасвири маънавиёт ва пояи ахлоқи миллат аст, чунончи дар шеъри боло намунаи он эҳсос мешавад. Мунаққиди рус В. Г. Белинский ҳам дар мавриди ҳамин шахсиятҳо зикр кардааст, ки нишони бузургии инсон тасвири халқи худ ба воситаи худ аст [34, 134]. Ин чунин маъно дорад, ки шоир ба василаи тасвири ахлоқу тамизи хеш руҳи халқи худро инъикос менамояд ва хонанда бо хондани ашъори вай миллату халқи шоирро дар зеҳни худ қабул менамояд.

Унсурҳои табиат дар гуманизми Меҳринисо иштироки фаъол доранд. Дар як шеъри ба ҳодисаи ғамгини деҳаи Шарора бахшидаи вай, ки бар асари ин ҳодиса танҳо як тифли маъсум зинда монда буд, то чи дараҷа ширкат варзидани аносири табиат ва изҳори ҳамдилӣ кардани онҳо бар одамони ба фалокат дучоршуда эҳсос мешавад: хок бар асари ин ҳодиса фиғон бармедорад, лолаҳои пуштаҳо аз андӯҳ ҷигарсӯхта гаштаанд, дашту саҳро оҳи пурсӯз мебароранд,

пуштаҳо шӯр бармедоранд, доманаҳо ҳузнангезанд ва мурғони шабовез аз дили пурдард фиғон мебароранд:

Ин хок, ки донандаи рози ҳамагон аст,
Як сина фиғон аст.
В-ин лолаи хандони ҷигарсӯз гувоҳ аст,
Ин бодия оҳ аст.
Дил оби Шарора.
Шӯрест дар ин пуштаи хомӯш, азизон,
Ҳузнест дар ин домани гулпӯш, азизон.
Дардест дар оҳанги дили мурғи шабовез,
Аз мотами як деҳи сияҳпӯш, азизон.
Дил оби Шарора.
Дар чашми пуробам алами тифлаки маъсум,
Дар қалби кабобам сифати офати раҳгум.
Дар маҳбаси андуҳ фитодем агар мо,
Озод шуд Оҳармани осоиши мардум.
Дил оби Шарора. . . [11, 130].

Агар як хусусияти гуманизм ва афкори инсонпарваронаи Меҳринисо иборат аз омезиш ёфтани ақидаҳои ҳаётдӯстона бо ашё ва унсурҳои табиат бошад, хусусияти дигари он иборат аз он аст, ки дар он инсонҳо ба таври умумӣ ё куллӣ тасвир ёфтаанд. Ба маънии дигар, дар гуманизми Меҳринисо як нафар ё гурӯҳи муайян иштирок намекунанд, он маҳдуд бар гурӯҳ ё миллати муайян нест, ин гуманизм ба умуми инсонҳо ва ҷамеи халқҳои дунё равона карда шудааст. Зимнан бояд қайд кард, ки гуманизм худ дар асл бояд чунин бошад, зеро дар сурати маҳдудият ба вуҷуд омадан дар ин мавзуъ он бадал ба тафриқаангезӣ ва ҷудоификанӣ миёни мардум мегардад. Инро ҳам бояд дар назар гирифт, ки агар дар ниҳоди инсон, ба хосса шахси шоир, меҳри инсонпарварӣ вуҷуд надошта бошад, ӯ нисбат ба муҳит, халқу миллатҳои дигар низ муҳаббате дошта наметавонад. Ва бадтар аз ин, инсоне, ки дар шахси хеш эҳсосоти инсондӯстиро тарбият накарда бошад, наметавонад нисбат ба наздикон, ақрабои худ, авлоду

аҷдоди худ ва ниҳоятан нисбат ба миллату халқи худ муҳаббате дошта бошад. Бинобар ин, аслу сабаби дӯст доштани миллати худ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, хусусан эҳтиром нисбат ба ваҳдати миллӣ, ин дар ниҳоди худ парваридани гуманизму инсондӯстӣ аст. Чунин навъи гуманизм, аз як ҷониб, назари таҳаммулгароёнаи Меҳринисоро нисбат ба кулли инсоният нишон диҳад, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи вусъати назари вай нисбат ба инсонҳо ва умуман башарият мебошад.

Меҳринисо зери унвони «Суруди сулҳи Осиё» шеъре дорад, ки онро соли 1996 эҷод намудааст. Дар шеъри мазкур ӯ итминон бар он дорад, ки Суруди сулҳи Осиё рӯзе ҳамчун таронаи башарият танинандоз мегардад, ба ҳайси мунодии сулҳу оштӣ ва ғалабаи сулҳ бар ҷангу ситез паҳн мегардад ва чун дирафши коваёнӣ дар тамоми дунё партавфишонӣ менамояд:

Суруди сулҳи Осиё таронаи башар шавад,
Ҷаҳони бекаронаро каронаи зафар шавад.
Зи нури офтоби дил ба дидаи назар шавад,
Дирафши ковиёнае барои баҳру бар шавад.
Садои сулҳи Осиё – сурӯши мо, сурӯши мо,
Бақои сулҳи ҷовидон ба дӯши мо, ба дӯши мо [8, 18].

Чунонки устод Турсунзода дар даврони шуравӣ мунодии сулҳу дӯстии башарият буданд, Меҳринисо низ дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси дастпарвари устод нидои сулҳу дӯстии кулли инсониятро мекунад. Ин нидои Меҳринисо, агарчи сабки устодро ба ёд меоварад, бо гунае навтар ва муосиртар ҷилвагар мегардад. Дар даврони муосир, ки хатари ҷангҳои таҳмилӣ, таассуби диниву мазҳабӣ ва экстремизми байналмилалӣ дар фазои сайёра ҳамчун вабои аср паҳн гаштаанд, нидои сулҳхоҳонаи Меҳринисо арзиши гуманистиву инсонпарваронаи худро ба ҳеҷ ваҷҳ аз даст намедиҳад. Меҳринисо дар яке аз шеърҳояш, ки унвони «Ман ҳам фаришта не»-ро дорад, ба таври бисёр сода қайд менамояд, ки ӯ бо нифоқу мухолифати инсонҳо душман аст ва бо оштиву сулҳи онон дӯст аст:

Ман душмани нифоқ,

Ман дӯсти иттифоқ.

Нозам ба ақлу меҳр

Бо майлу иштиёқ [12, 57].

Меҳринисо дар шеърҳояш инсонҳоро ба дӯстдории ҳамдигар таблиғ мекунад ва дурӣ ҷустан аз ҷафокориро талқин менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки инсонҳо қалбҳои хештанро аз меҳру муҳаббат нисбат бар якдигар ороиш диҳанд, ҳар нафасеро, ки бо ҳам мезиянд, ғанимат шумуранд, то бо ин васила аз ғаму андӯҳи дунё озод бигарданд. Шиори Меҳринисо дар мавзуи гуманизм, пеш аз ҳама, ба ҳам омадани инсонҳо ва нисбат бар якдигар хушбин будани онҳост, зеро дар сурати бо якдигар душманӣ варзидан онҳо ҷуз аз ҷудоӣ кайфари дигареро нахоҳанд дид. Ӯ талқин менамояд, ки ба ҷойи неш нӯши забонро истифода барем, охир, забон, ки беҳтарин ҳадяе барои банӣ инсон аст, на барои неш задану дил озурдан офарида шудааст:

Азизон, бар вафои ҳам бикӯшед,

Ҷафо бо кас вафодорӣ надорад.

Дили худро биороед бо ишқ,

Ки дил завқи сабукборӣ надорад.

Ғанимат ҳар нафас, ёрон, ғанимат,

Нафас колои бозорӣ надорад.

Ғами худро ба мулки тан гузоред,

Ки ғам ҳаргиз харидоре надорад.

Ба ҳам оеду хуш гӯеду болед,

Ҷудоӣ ҷуз халал хоре надорад. . .

Чаро нешем, агар нӯшин набошем,

Забон, ки каждуму море надорад. . . [13, 103].

Дар афкори инсонпарваронаи Меҳринисо хуррамиву хушнудии инсонҳо дар мақоми аввал қарор дорад. Шоир баҳри дастбурд бар хуррамии инсонҳо таъкид бар дурӣ ҷустан аз хиёнату ҳасодат менамояд. Ӯ меҳрубонии байниҳамдигарии инсонҳоро омили асосии мавҷудияти бахту иқбол қаламдод карда, онро ҳамчун зевари одамӣ тавсиф намудааст:

Одамон, эй одамон, эй одамон,
Аз хиёнат, аз ҳасодат алъамон.
Хуррамӣ ороиши баҳру бар аст,
Одамиро меҳрубонӣ зевар аст [13, 304].

Меҳринисо худро дар ҳузури дӯст хушбахт меҳисобад ва аз ғайбати ӯ изҳори шиква менамояд. Ҷаҳони модӣ, албатта, бе дӯст тираву тор аст. Бинобар ин, аз нигоҳи Меҳринисо дӯст беҳтарин нафарест, ки ҳатто, тақдири инсон бо вуҷуди вай робитаи мустақим дорад. Дӯст роҳнамо ва чорагари инсон аст, воситаи ғамзудоии ӯст ва метавонад, ки гаҳвораи тақдири инсонро дар ҳаракат бидарорад:

Туӣ пирам, туӣ тадбирам, эй дӯст,
Намон дар хонаи дилгирам, эй дӯст.
Ба дасти меҳрубони худ бичунбон,
Гаҳе гаҳвораи тақдирам, эй дӯст [12, 77].

Дӯст ягона такягоҳест, ки ҳангоми фишори ғаму андӯҳ ба фарёди инсон мерасад. Бо таъсири ҳузури дӯст ва суҳбатҳои дилгармкунандаи вай муносибати инсон ба дунё ва ҷомеа аз нав зинда мегардад ва дар қалби ӯ тухми умеду орзуҳои ширини зиндагӣ бори дигар реша бар мекунад. Меҳринисо, бинобар ин, дӯстро ба имдод мехоҳад, то ғами кулфатбореро, ки вай бар асари даргузашти модари худ бар он гирифтор шудааст, тавассути дӯст аз дил бизудояд:

Биё, эй дӯст, то бинӣ рухи аз ғам хазонамро,
Ба зери мотами модар фитода ҷисму ҷонамро.
Шикаста қомати сарви ман аз дарду парешонӣ,
На тадбире фалак ҷӯяд, на парвое замонамро [12, 99].

Дӯст аз нигоҳи Меҳринисо касест, ки дар набудани ӯ қалби инсон аз ғайбати вай беҷо шавад ва дарди фирокро эҳсос намояд, дӯст касест, ки дили инсон баҳраш ба сӯзиш меояд ва чунонки шоир гуфта, аз фироқаш, ҳатто, қалам мегиряд:

Аз фироқи дӯст месӯзад дилам,
Аз фироқи дӯст мегиряд қалам [12, 278].

Дар гуманизми Меҳринисо шахси дӯст мақоме бас баландтар аз ҳар инсонро дорад. Шоир зиндагонии хешро бе вуҷуди инсонҳои қарину қалбан наздик, яъне дӯстонаш тасаввур карда наметавонад. Бинобар ин, дар набудани дӯсташ роҳи ӯро мепояд ва интизорӣ мекашад. Аз фироқи дӯсти хеш ӯ худро афгору бемадор эҳсос менамояд ва орзуи дидори дубораи дӯсташро мекунад. Аз ин ки вай дар баробари касони бемеҳру нотавонбин бо сабаби ёди дӯсташ мавриди ғайбат қарор мегирад, боке надорад. Охир, дӯст ягона нафарест, ки шоир ғами дилро ба вай изҳор менамояд ва андӯҳи ботинии хешро тавассути вай яксӯ менамояд:

Эй дӯст, биё, биё, ки афгор манам, ман,
Дар ҳасрати рӯйи ту гирифтор манам, ман.
Аз матлаби дидори ту дар чашми рақибон
Бечоратар аз сурати девор манам, ман.
Ғайри ту касе нест, ки гӯям ғами дилро
Бе лутфи ту аз умр чи безор манам, ман [12, 290].

Меҳринисо то ҷон дар рамақ дорад, дӯстгонӣ месарояд ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз ситоиши шахси дӯст даст намекашад. Дар сурудаҳои шоир ҷойи дӯст ҳамеша ҷудову баргузида аст ва дар садри мавзуъҳои эҷодиёти вай қарор дорад. Меҳринисо мегӯяд, ки то он лаҳзае ки аз зиндагонӣ умеде ҳаст, барои дӯстонаш ғазал месарояд, то он лаҳзае ки баҳору ҷавонӣ вуҷуд дорад, ёди дӯст менамояд; ғубори хотири дӯстро бо сиришки чашмонаш мешӯяд; хаёлан худро дар қудуми дӯстонаш ба рамзи истиқбол меафканад; аз ҳар куҷо дӯстони худро ҷустуҷӯ менамояд ва лаҳзае аз он сар барнамепечад:

Ҳанӯзам, ки умеди зиндагонист,
Барои ту ғазал мегӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки баҳор асту ҷавонӣ,
Гули ёди туро мебӯям, эй дӯст.
Саҳар чун шона мепечад ба мӯям,
Кушода уқдаҳо мемӯям, эй дӯст.
Ғубори хотири неки туро ман
Ба ашки шодиям мешӯям, эй дӯст.

Агар афтам чу дона дар қудумат,
Ба марзи ёдҳо мерӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ба ту дорам ниёзе,
Туро аз ҳар кучо мечӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ҳанӯз асту ҳанӯз аст,
Биё бар хилвати гесӯям, эй дӯст [12, 292].

Дар ашъоре, ки ба мавзуи гуманизму инсонпарварӣ бахшида шудаанд, Меҳринисо услуби бисёр равону хушояндро корбаст карда, бо ин васила таваҷҷуҳи ҳар хонандаро, новобаста ба дараҷаи фаҳмиши вай, ба худ ҷалб менамояд. Чунончи, «гули ёди дӯстро бӯйидан», «дар мӯйи шоир печидани саҳар», «ғубори хотири неки дӯстро бо ашки шодӣ шустан», «дар марзи ёдҳо рӯйидани шоир» мисолҳои равшани ин гуфтаҳо дар ашъори фавқ ба ҳисоб меравнад. Меҳринисо ба мавзуи гуманизм дар тамоми анвои шеърияш, чи шеърҳои дар тарзи анъанавӣ ва чи ашъори ба тарзи нав сурудааш табъозмоӣ намудааст. Ва дар ин маврид метавон гуфт, ки вай дар таблиғу ташвиқи инсонҳо ба сӯйи дӯстдориву эҳтиром ба муваффақиятҳои назаррас ҳам ноил гардидааст. Зимнан бояд қайд намуд, ки нуқтаи ғоявии гуманизми Меҳринисо тасвири ишқу муҳаббати самимӣ ва беолоиши инсонҳо нисбат бар якдигар мебошад, ишқу муҳаббате, ки маншаи худро аз қалб ва замири пок мегирад. Ҳамин нуктаи ғоявӣ дар меҳрномаҳои шоир мавзуоти пурҷилва ва завқбарангези эҷодиёти ӯро ба бор овардааст, ки дар баробари дигар мавзуъҳои марказии мунтахаби ашъори вай дар саҳифаҳои маҷмуаҳояш дурахши махсус дорад ва шеъри ӯро ба ҳайси мунодии ишқу муҳаббати самимии инсонӣ муаррифӣ менамояд.

Дигар мавзуи марказии эҷодиёти Меҳринисо ишқу муҳаббат мебошад. Ин мавзуъ ҳам дар эҷодиёти даврони шуравӣ ва ҳам даврони Истиқлолияти Меҳринисо мақоми намоёнро ишғол менамояд. Муҳаққиқ ва шоири ҳунарманди тоҷик Муҳаммадалии Аҷамӣ дуруст қайд кардааст, ки дар мавзуи ишқ ҳар қадар шоирон сухан гӯянд, боз ҳам ҷиҳатҳои ногуфта ва нокушодаи он боқӣ мемонад ва боз ҳам достони ишқ тозагии дигаре пайдо мекунад, зеро ҳар кас ишқро вобаста ба тавоноии худ ва вобаста ба авотифи қалбии хеш тасвир менамояд [33, 35].

Мавзуи ғиноӣ, ки дар садри он ишқу муҳаббати инсонӣ қарор дорад, дар эҷодиёти шоирони чи даврони шуравӣ ва чи даврони Истиқлолият инъикоскунандаи ормонҳои қалбиву ботинии адибони тоҷик мебошад. Ин ки муҳаққиқи эронӣ Марҷон Алиакбарзода дар хусуси мавзуи ишқ дар шеъри даврони шуравии тоҷик навиштааст, ки мавзуи мазкур дар шеъри ин давра комилан таҳти таъсири ақоиди ҳоким қарор дошт, ба андешаи мо, қазовати беинсофона мебошад. Мазкур менависад: «Маъшуқ, вижагиҳои ӯ ва ҳатто далелҳои барҷастагӣ ва дилдории ӯ дар ин давра комилан бо тафаккуроти сотсиалистӣ ҳамхонӣ дорад. Бисёре аз шеърҳои ошиқонаи ин давра комилан рангу бӯйи коммунистӣ доранд ва ба таври комил ишқҳои сотсиалистӣ мебошанд» [27, 234]. Дар ин мавриd ҳукми комил ва қатъии муҳаққиқи мазкур, ба андешаи мо, дур аз инсоф хоҳад буд. Масалан, дар нигоҳ ба ашъори даврони шуравии Меҳринисо равшан мегардад, ки ҷиҳати тасвири ормонҳои қалбии хеш вай таҳти таъсири ақоиди ҳоким қарор нагирифтааст ва баёни матолиби ишқӣ дар ашъори ӯ ба таври басо шаффофу хориҷ аз ҳар гуна чаҳорчӯб сурат гирифтааст. Авотифи ботинӣ, андешаҳои ошиқонаву ғиноӣ ва пурсӯзу гудоз ва розу ниёзҳои қалбӣ то он дараҷа дар эҷодиёти Меҳринисо нуфуз доранд, ки шеъри ӯро бадал бар шеъри ишқ ва меҳр гардонидаанд. М. Ҳазратқулов дар мавриди шоирони форсу тоҷик дуруст қайд намудааст, ки «забони шеър барои шоирони мо забони рамзу ишқ, забони сеҳру намод аст, ҳадисест, ки забон мегӯяду гӯш мешунавад ва ба инсон ҳаловат мебахшад» [118, 123].

Дар мавриди нуфузи эҳсосоти қалбӣ ва авотифи ошиқона дар шеъри Меҳринисо метавон гуфтаҳои худи шоирро ҳамчун далел овард, ки дар дебочаи маҷмуаи «Меҳроби меҳр»-аш баён доштааст ва ба василаи он метавон қазовати ғайривоқеии муҳаққиқи эрониро нисбат бар мавзуи ишқ дар ашъори шоирони тоҷик маълум намуд: «Ишқе, ки дар шеъри ман аст, аз тасвиру тасаввури ман болотар аст, ки онро метавон эҳсос карду нафас кашид. . . Агар аз бевафоӣ гуфтам, таманноям шояд тантанаи вафодорист, агар аз дард менолам, мақсудам дармони руҳи озурдаи инсон, агар аз ҳаҷру ҷудоӣ ба наво омадаам, ҳадафам арҷ гузоштан ба висоли азизон ва пайванди ҷовидонаи инсонҳост» [12, 4].

Ишқномаҳои Меҳринисо, аз нигоҳи куллӣ, баёни пурсӯз ва таъсирбахши устод Лоиқро ба хотир меоваранд ва дар баёни ин мавзуъ пайравии Меҳринисо аз устод Лоиқ то ҷое эҳсос мешавад. Чунонки адабиётшинос Ю. Акбаров дар мавриди эҷодиёти Лоиқ зикр намудааст, маншаи ашъори устодро мавзуъҳои ҷовидонӣ, аз ҷумла мавзуи ишқу муҳаббат ташкил медиҳад [25, 4]. Зимни гуфтаҳои адабиётшиноси мазкур, дар иртибот бар эҷодиёти Меҳринисо ҳам метавон қайд намуд, ки маншаи ашъори ӯ низ иборат аз ин мавзуи ҷовидонаи адабиёт, яъне ишқу муҳаббат ба ҳисоб меравад, зеро мавзуи мазкур саропои эҷодиёти шоирро дар худ печида, руҳи ашъори ӯро меҳронаву ошиқона намудааст.

Дар аввалин силсилаи шеърҳои Меҳринисо, ки зери унвони «Хӯшаи Парвин» дар маҷмуаи дастҷамъии «Навниҳолони боғи адабиёт» ба табъ расида буд, ӯ ишқро сабаби ҳастии инсоният шумурда, таъкид намудааст, ки агар дар ҷаҳон ишқ намешуд, ҳаёти инсонҳо ба мисоли як пири барҷомондаи бемор мебуд:

Одамиро гар набуд майле фузун,
Ё ҷавониро набуд ишқу ҷунун.
Зиндагӣ чун пири барҷомонда буд,
Дил ба паҳлуяш шаҳиди ғарқи хун [2, 131].

Ҳақ бар ҷониби Меҳринисо аст, зеро дар ҳақиқат, бе вуҷуди ишқу муҳаббат замину осмон, табиат бо унсурҳои худ ва тамоми инсоният чун баргҳои хазони фасли хазон беҷону бемадор мегаштанд ва ояндаи нохушоянде онҳоро истиқбол мегирифт, ки ҷуз аз нидои ваҳшату бим ва нестӣ онро номи дигар наметавон гузошт. Аскар Ҳаким дар мавриди ашъори лирикӣ дуруст қайд менамояд, ки шахси шоир дар тамоми ишқномаҳои ӯ бояд «мавқеи аввал» дошта бошад [120, 150]. Абдураҳмон Абдуманнонов ҳам дар ҳамин маврид қайд менамояд: «Фардияти симои шоир дар лирикаи ошиқона барҷастатар ифода мегардад» [21, 98]. Дар ишқномаҳои Меҳринисо ҳам зане тасвир гашта, ки бо қалби саршор аз меҳру муҳаббати хеш нидои ҳастӣ мезанад. Қаҳрамони ин ишқномаҳо занест, ки қалби вай маҳалли зуҳури ишқи азалӣ аст.

Ишқи тасвирнамудаи шоир омезиши зиёд бо фалсафаву ҳикмат дорад, бинобар ин, шинохти он хонандаро ба дунёи пуртахайюл ва рангин равона месозад. Ҷанбаи тахайюлӣ ва маънавии мафҳуми ишқ дар тасвирҳои Меҳринисо басо таъсиркунанда ва нишондиҳандаи асолати гуфтори вай аст. Ю. Акбарзода ҳам дастёбӣ бар шеъри асилу баландро аз тариқи андеша ва қудрати тахайюли шоирӣ донистааст ва нақши зоҳири сухан ва васоити тасвирро дар чунин шеър дар қиёс бо андешаву тахайюл ночиз шумурда, илова кардааст: «Иртифои андеша ва иртифои тафаккури шоир ҳар қадар ки болотар бошад, шеър ҳамон қадар пурбортар аст» [23, 126]. Васфи зан дар манзари тахайюли Меҳринисо ҳам бештар аз тариқи тафаккури баланд ва қудрати тахайюли вай сурат мегирад. Меҳринисо ишқро ҳамин хел як дӯстдории одӣ, як ҳисси хушку холӣ тасвир наменамояд. Дар ишқномаҳои вай шахси зан, ки қаҳрамони асосии онҳо маҳсуб мешавад, чун мазҳари покиву иффат баромад мекунад ва дунёи ботинии худро ба ҳайси оинаи ахлоқу некуӣ ба намоиш мегузорад. Ин ишқ одамиро ба олами зебои зан ба ҳайси офаридаи баргузидаи олами ҳастӣ равона месозад. Ин ишқ омили боз ҳам зеботару фаттонтар гаштани зан мегардад ва ҳар чиро, ки бар сари вай меояд, зеботар мегардонад. Бе нидои ин ишқ дунё ба ҳайси макони хомӯшон пурсукуту мурда аст, тавассути қувваи ин ишқ аст, ки имрӯзу фардои кулли мавҷудот ва аз ҷумла инсонҳо, ба вуҷуд меояд. Ин ишқ ҳамчун иксирест, ки дарвешони даҳрро сарватманд мегардонад ва онҳо дар назди дороён бо ин неъмати худ меболанд. Вуҷуди ҳамин ишқ буд, ки Робиаро сарбаланд гардонида буд, ишқе, ки мазҳари покӣ буд. Ин ишқ ба инсон танҳо покиву мастуриву некуӣ меомӯзонад ва аз ҳамин ҷиҳат пандомез аст. Онро метавон омӯхт ва чун намунаи беҳини ишқи зан ва умуман инсон эътироф кард, зеро он, чунонки шоир гуфта, «устурлоби асрори Худованд» аст:

Зан агар ошиқ шавад, хеле фиребо мешавад,
Ҳар чи ояд бар сараш, иклили зебо мешавад.
Бе садои ишқи зан дунё хамӯшу холӣ аст,
Баски бо неруи ӯ имрӯзу фардо мешавад.
Иксири ишқи зан аст, ки пеши дороёни даҳр

Миси дарвешони олам кони тилло мешавад.

Таъзими Робиа омад Каъба андар поси ишқ,

Ҳар кӣ ин маънӣ надонад, кай мубарро мешавад?

Покиву мастуриву некуӣ меёбад вуҷуд,

Аз камоли ишқи зан Ҳурмузд эҳё мешавад.

Ишқ устурлоби асрори Худованд аст, ки дил

Ҳафт шаҳри ишқро паймуда, бино мешавад [12, 69].

Муҳаммадҷон Шукуров мавзуи ишқро аз мавзуоте қаламдод кардааст, ки аз туғёни ҳиссиёти одамӣ ва исёнҳои қалбии инсон сухан меронад [147, 97]. Яке аз хусусиятҳои ашъори дар мавзуи ишқу муҳаббат сурудаи Меҳринисо ҳам дорои шӯру шавқи махсус будани онҳост, чунонки намунаи он дар мисоли шеъри боло инъикос меёбад. Агарчи дар дигар мавзуъҳо низ, аз ҷумла дар мавзуъҳои ба Ватан ва зан–модар бахшидаи шоир эҳсосоти ботинии вай ба тарзи ба худ хос ҷилва мекунанд, дар мавзуъҳои ишқӣ он ба авҷ мерасад. Ю. Акбаров дар иртибот бар ҳунари шоирӣ шӯру шавқро дар баробари дигар омилҳои такмилдиҳандаи истеъдоди суханварӣ ба таври махсус зикр намудааст, ки қобили пазириш аст [25, 36]. Дар эҷодиёти Меҳринисо ҳолоти пурваҷду пурҳаяҷони ботинии ӯ дар баёни авотифи қалбии вай ва нақши ин ҳолот дар таъсирбахшу хонданӣ гаштани ашъори ӯ ба хубӣ инъикос гашта, нишонгари шӯру ҳаяҷони махсус мебошанд.

Дар яке аз шеърҳои худ бо номи «Пеша» Меҳринисо ишқро офаридгори ҳастӣ ва ҳамчунин холиқи шахси худ тасвир намуда, онро василаи дарёдилӣ ва дар амон мондани хеш қаламдод кардааст:

Ало, эй ишқ, эй парвардгори ман,

Ту медониву медонам,

Ки ман бояд чӣ сон бошам?!

Набинам бар хасу хошок, дарёи равон бошам.

Замон бошам, амон бошам [12, 50].

Ишқи тасвирнамудаи Меҳринисо оини меҳру вафост, беҳтарин ҳадяву инъомест аз шахси ошиқ. Дар ин ишқ ҳамвора бояд таҷриба андӯхт ва хомиҳои хешро пухта гардонид. Дар ин ишқ набояд домани садоқатро раҳо кард, зеро дар

мазҳаби ишқ бевафоӣ шоиста нест, садоқат аст, ки дунёи ботинии шахси ошиқро мусаффо ва олами ахлоқи ӯро нуронӣ мегардонад:

Беҳтар аз ишқи ту дилро ҳадяву инъом нест,
Беҳтар аз номи ту дар паҳлуи номам ном нест.
Ман суханро пухта мегӯям ба ин хомии худ,
Дар гудози оташи дил пухтаеро хом нест.
Домани сабзи садоқатро накардам ман раҳо,
Мазҳаби моро раҳоӣ аз худу илҳом нест [12, 60].

Тасвири ишқ дар ашъори Меҳринисо шоистаи бозгӯйӣ мебошад. Ӯ ишқро бо вожаи *беихтиёрӣ* ном мегирад, бар он мисли инсон салом медиҳад. Ишқ барои шоир чароғи равшани шабзиндадорист. Бо он монанди инсон муносибат мекунад, аз он дархост менамояд, ки ба истиқболи ҷашни беқарорияш, ки киноя аз безобитагӣ дар ишқ аст, ӯро дар оташи сӯзони худ бигудозад, бо шаҳболи худ вайро бар осмони беканорагӣ боло бубарад, дар водиҳои рангингунаи сӯзу гудоз раҳнамоӣ кунад. Дар ишқномаи Меҳринисо ҳама мафҳумҳои ғайриҳиссӣ эҳсосотӣ мешаванд. Умедҳои вай ба мисли шохаи сабзанд, орзуҳо мисли фасли баҳор ҷилва мекунанд ва вай мехоҳад, то бар ин фасл қадам гузорад:

Салом, эй ишқ, эй беихтиёрӣ,
Сафои лаҳзаҳои интизорӣ.
Биё, эй марҳабо, бар ҷони ҷонам,
Чароғи равшани шабзиндадорӣ.
Маро бигдоз андар оташи хеш,
Ба истиқболи ҷашни беқарорӣ.
Уруҷам деҳ ба шаҳболу пари хеш,
Ба сӯйи қуллаҳои растагорӣ.
Мар водӣ ба водӣ раҳнамо шав,
Дар ин умри дурӯза раҳсипорӣ.
Бубар бо шохаи сабзи умедам
Ба фасли орзуҳои баҳорӣ... [12, 75].

Меҳринисо тавассути тасвирҳои маҷозиву рамзӣ эҳсосоти ботинӣ ва қалбии худро бо олами хориҷ, ки иборат аз мавҳумоту рамзҳо мебошад, алоқаманд мегардонад. Чунонки Аскар Ҳаким дар мавриди шоир, эҳсосоти ӯ ва

шеъри ғиноӣ гуфта, дар мавриди ашъори ғиноии Меҳринисо ва эҳсосоти қалбии вай ҳам метавон гуфт, ки эҳсосоти фардӣ дар ашъори шоир аз мақоми бас баланд бархӯрдоранд, «зеро онҳо маҳсули муносиботи ӯ бо олами хориҷ буда, бардошти ӯро аз он баён менамоянд» [121, 166].

Дар баёни эҳсосоти ботинии шоир иштироки табиат ва нишонаҳои он ба таври бисёр назаррас ба чашм мерасад. Яке аз хусусиятҳои ишқномаҳои Меҳринисо ҳам дар ҳамин таҷассум мегардад, ки дар он табиат нақши муассир дорад. Ба дигар маънӣ, Меҳринисо ишқро бо аносири табиат меомезад ва онро заминитар месозад. Вай баҳорро ба хотири ишқ дӯст медорад, зеро он бо вуруди тозаи худ муждаи тозаеро дар қалби вай ба армуғон меоварад. Омадани фасли хазонро ҳам дӯст медорад, чун он бо вуруди шукӯҳманди худ умедеро барои ӯ ба бор меорад. Зимистонро ҳам меписандад, зеро он бо яхи алмоси худ дар ҷони сарди армони вай фасли боварро ба камол мерасонад:

Баҳорро дӯст медорам, ки аз ишқ муждаовар шуд,
Хазон ҳам бо шукӯҳи худ умеди боровар шуд.
Зимистон бо яхи алмос андар вусъати сардӣ
Ба ҷони сарди армонам камоли фасли бовар шуд [13, 419].

Иштироки унсурҳо ва ҷузъҳои табиат тасвирҳои Меҳринисоро дар баёни эҳсосоти қалбиву ботинияш бисёр ҷолибу завқбарангез намудаанд. Ин гуфтаҳо дар шеъри «Ишқи ман»-и шоир далели равшани худро пайдо мекунанд. Ишқи зудгузари худро Меҳринисо бар раъду барқи навбаҳорон монанд мекунад, аммо ин раъду барқ аз осмони қисмати вай убур менамоянд. Фасли гармои сарнавишти худ, яъне лаҳзаҳои пурнури ҳаёташро ба офтоб шабоҳат медиҳад, ки бар гули умедҳои вай лаҳзаи кӯтоҳе нурпошӣ менамояд. Дар тасвири Меҳринисо лабони ошиқ ба моҳӣ ва рухсораҳои ӯ ба сароб монанд мешавад:

Ишқи ман чун раъду барқи навбаҳор
Дар самои қисматам рахшиду рафт.
Офтоби нурбахши зиндагӣ
Бар гули армони ман хандиду рафт.
Дар сароби гунаҳои сурхи ман
Моҳии лабҳои ӯ лағжиду рафт [13, 401].

Дар баёни авотифи ботинии Меҳринисо ғуруб барои ҳавасҳои қалбӣ ба кор меравад, баҳори сабз чун ояи Худо паёмовар аст, ёди ошиқ ҷиҳати зебоияш гулпӯш мегардад, сукут чун сарзамин марз дорад, умеди охирин ҳамчун биёбон хушку холӣ аст ва дар ин биёбон абру борон орзуи рехтани хандаҳои худ мекунанд:

Дар ғуруби атрогини ҳавас,
Дар панохҳи ояи сабзи баҳор
Ёди гулпӯши ту дар марзи сукут,
Пурсадотар аз ғиреви обшор [13, 330].

Ишқи Меҳринисо меҳру отифаи занест нисбат ба зебоиҳои дунё, нисбат ба оила, фарзандон ва нисбат ба ҳаёт ва зебоиҳои он. Дар ишқномаҳои Меҳринисо баёни авотиф ва зебоиҳои қалбиву ботинӣ бо эҳсоси баланд ва махсус бар тарзи ифодаи худи шоир сурат пазируфта, шеъри Меҳринисоро мубаддал бар шеъри эҳсосӣ мегардонанд. Худоӣ Шариф дар мавриди ҳамин навъ ашъор, ки дорои ҷанбаи ҳиссӣ мебошанд ва муҷиби ба таҳрик даровардани эҳсосот мегарданд, дуруст қайд кардаанд, ки чунин навъи шеър «ҳиссиёт аз ҷунбишҳои қалбии шоир мебошад... Шеъри эҳсос бояд дар ниҳояти самимият аз қалби поку саршор гуфта шавад. Аз чунин шеър ба машом бояд дили сӯзон ва қалби ҷӯшон бирасад» [136, 123]. Дар иртибот бар ин суханон, бояд илова намуд, ки ашъори дар мавзуи ишқу муҳаббат сурудаи Меҳринисо ҳам дар аксари мавридҳо эҳсосоти хонандагони худро ба таҳрик дароварда, қалбу ботини онондро пурҳаяҷон мегардонад ва ба гуфтаи устод Худоӣ Шариф, ба машоми хонанда дили сӯзон ва қалби ҷӯшонро мерасонад. Дар чунин ишқ қалби шоир ҷиҳати бунёд ва созмон додани ҳаёти пурсаъду пурфараҳ ҷӯш мезанад ва кӯшиши таматтуъ гирифтан аз неъматҳои дунёро мекунад. Ин ишқ поку самимӣ аст ва орӣ аз ҳар гуна ғаризаҳои дунявист, он ҳаракат ба сӯйи сафову ахлоқи пок дорад. Меҳринисо ташвиққунандаи ишқи поки заминӣ аст, ишқе, ки нишон аз пояндагиву мондагорӣ дошта бошад, ишқе, ки ниҳояти он ба вуҷуд овардани насл ва ба камол расонидани он бошад.

# БОБИ II
# ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

## 2.1. Ташбеҳ ва анвои он дар ашъори Меҳринисо

Санъатҳои бадеӣ дар коргоҳи ҳунарии шоир василаи асосии тасвири ашёву мафҳумҳо ба ҳисоб рафта, дар таъсиргузориву ҳаяҷонбахшии андешаҳои шоир саҳми бузургеро бар ҷой мегузоранд. Дар нигоҳ ба ҳамин вазифаи воситаҳои тасвири бадеӣ, адабиётшиносон А. Саидраҳмон ва А. Шоев дуруст қайд намудаанд: «Шоир фикрҳои дақиқ ва маъноҳои барҷастаро дар бораи манзараҳои табиат ва ҷамъият нуктасанҷона, бо ҳаяҷон ва латофату назокати сухан ба воситаи санъатҳои бадеӣ оро медиҳад» [144, 29].

Бояд қайд намуд, ки миёни тамоми анвои санъатҳои бадеӣ, ки Меҳринисо дар пардозу пироиши сухани манзуми хеш истифода кардааст, мақоми ташбеҳ аз ҳама баланд аст ва дар сархатти ҳама воситаҳои тасвири бадеии эҷодиёти вай қарор дорад. Ташбеҳ ба ҳайси яке аз асоситарин абзори тасвири бадеӣ дар истилоҳ маънои монанд кардани як чиз бар чизи дигарро дошта, равшании баёнро дар матни шеър таъмин менамояд [17, 278; 37, 153]. Санъати ташбеҳ дар ҷанбаи тахайюлӣ гирифтан ва маҷозӣ кардани мафҳумҳо саҳми бисёр бузург мегузорад. Мафҳуми маҷозпазиранда дар ташбеҳ ҷузъи ташбеҳшавандаи он мебошад, ки дар илми баён онро мушаббаҳ мегӯянд. Ин ҳамон ҷузъест, ки дар истиорапардозии Меҳринисо ва аксари шоирони муосир ба ҳайси рукни асосӣ ва заминаи киноӣ кардани сухан ба ҳисоб меравад ва истиораи навъи муканнияро ба вуҷуд меоварад. Ташбеҳ ба ҳайси василаи пардоз додани сухан ҳам дар шеъри классикии форсу тоҷик ва ҳам дар шеъри муосири тоҷик мақоми калидӣ дорад. Шоир ба василаи он мафҳумҳо, мазомин ва ашёи гуногунро мавриди тасвири бадеӣ қарор дода, тавассути он бори ҳунарии шеъри худро вазнинтар менамояд.

Меҳринисо дар тамоми марҳалаҳои эҷодиёти хеш дар ашъори чи суннатӣ ва чи тарзи нав барои муассир ва зебо кардани суханони худ аз навъҳои гуногуни ташбеҳ истифода намудааст. Дар умум дар эҷодиёти Меҳринисо ташбеҳҳои навъи

сареҳ ва пӯшида, ки дар истилоҳи донишмандони классик аз он ба унвони ташбеҳи музмар ном мегирифтанд ва ташбеҳи талмеҳӣ, ки тавассути талмеҳ ба вуҷуд оварда мешавад, истифода гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки миёни навъҳои ташбеҳ, ки дар ашъори Меҳринисо ба чашм мерасанд, ташбеҳи навъи музмар мақоми аввалро ишғол менамояд. Таваҷҷуҳи шоир дар маҷозӣ кардани мафҳумҳову ашё ба ташбеҳи музмар бештар будааст. Миёни тамоми навъҳои ташбеҳ, ки дар эҷодиёти Меҳринисо истифода гардидаанд, навъи музмар 80 %-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи таваҷҷуҳи махсуси шоир бар ин навъи ташбеҳ аст.

Ташбеҳи музмар навъи пӯшидаи он аст. Сируси Шамисо онро ташбеҳи пинҳон, муаккад, билкиноя ва маҳзуфуладот низ номгузорӣ кардааст, ки дуруст аст [130, 29, 35]. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ташбеҳи мазкурро измор номида, қайд кардааст, ки дар ин навъи ташбеҳ «мутакаллим чизеро ба чизе ташбеҳ кунад бар ваҷҳи пӯшидагӣ» [19, 153]. Измор ва пӯшидагӣ дар ин навъи ташбеҳ бо сабаби истифода нашудани адоти ташбеҳ аст, ки вожагоне ҳамчун: монанди, мисли, амсоли, чун, ҳамчун, ба ранги, феълҳои: гӯйӣ, пиндорӣ, мондан, пасвандҳои –вор, -со, -осо, сон, -ваш ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Яъне, дар ташбеҳи музмар воситаи монандкунӣ, ки дар илми баён онро адоти ташбеҳ гӯянд, истифода намешавад [37, 153]. Хонанда дар бархӯрд кардан бо ташбеҳи музмар васоити ташбеҳкунанда, яъне адоти онро хаёлан дар замири худ мегирад. Бинобар ҳамин, ин навъи ташбеҳ музмар, яъне дарзамироянда номгузорӣ шудааст. Дар ашъори Меҳринисо чунин навъи ташбеҳ хеле зиёд истифода гардидааст, ки он омили муассиртар гардидани мазомини шеърияш гаштааст. Аз ҷумла, дар байти зер шоир дили худро ба таври пӯшида, бе истифода аз адоти ташбеҳ, ба *дарё* монанд кардааст:

Дили Меҳринисо *дарё*, ки мегунҷад дар он дунё,

Ту дунёи манӣ, бе ту ман огоҳона танҳоям [13, 172].

Дар байти мазкур шоир гуфтанӣ аст, ки дили вай ҳамчун дарё аст ва қобилияти гунҷонидани чизҳои зиёдеро дар худ дорад, ин ҷо вожаи дунё киноя аз

ҳамин зиёдии чизҳост. Дар шеъри «Дар гузаргоҳи насим» Меҳринисо ҷаҳонро ба таври пӯшида ба *мусофиркада* монанд намудааст:

Сари андешаи садбарги хаёлам ба ниёз

Нафаси тозаи дунёи ҳунар мебӯяд.

Розу пардози ҷаҳоне, ки *мусофиркада* аст,

Аз тапишҳои дили оби равон меҷӯяд [12, 8].

Яъне: хаёли ман розу пардози ҷаҳонеро, ки ба *мусофиркада* шабоҳат дорад, аз оби равон меҷӯяд. Ташбеҳоти музмар ё пӯшида дар тамоми мавзуъҳои бакоргирифтаи Меҳринисо басо ҳунармандона мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар шеъри «Афсонаи ширин», ки дар мавзуи модар суруда, шоир ба таври пӯшида кӯдакиро ба *афсонаи ширини бепарвоиҳо* монанд кардааст:

Кӯдакӣ афсонаи ширини бепарвоиҳост,

Дар диёри орзуву дар канори модарам [9, 45].

Чунонки аз байти фавқ дида мешавад, шоир ба ҷойи ин ки бигӯяд: кӯдакӣ ҳамчун ё амсоли афсонаи ширини бепарвоиҳост, бо роҳи ҳазф кардани адоти ташбеҳ якбора сифатро барои васфи мавсуф овардааст. Ибораи *афсонаи ширини бепарвоиҳо*, дар навбати худ, истиора аст, яъне ташбеҳи музмар дар ин байт тавассути истиора ба вуҷуд оварда шудааст.

Ташбеҳоти пӯшида гоҳо дар як шеъри Меҳринисо чандин бор истифода гардида, сабабгори ба вуҷуд омадани мазомини нав шудаанд. Аз ҷумла, байтҳои зерин ин гуфтаҳоро собит месозанд:

Сабзаву себаргаҳоро

*Накҳату рангу навоӣ.*

Дар замини заъфаронрӯй

*Ранги сурхи лолаҳоӣ. . .*

Бе ту олам нест олам,

Меҳриву меҳр*игиёӣ* [13, 226].

Дар абёти фавқ Меҳринисо образи лирикии худро ба ҷиҳати ҷавониву сарсабзиаш ба *накҳату рангу наво*, ба ҷиҳати зебоияш ба *ранги сурхи лолаҳо* ва ба ҷиҳати ҷонфизоияш ба *меҳру меҳргиёҳ* ташбеҳи музмар кардааст.

Тасвирҳои шоиронаи Меҳринисо бо истифода аз навъи музмари ташбеҳ дар бисёр мавридҳо басо зебову шавқбарангез баромада, дар хонандаи худ таъсири хуби маънавӣ мерасонад. Аз ҷумла, дар шеъри «Офтобпараст» ҳамин зебоиву шавқбарангезӣ басо маҳсус аст:

Чашмам *гули шабранг* аст,
*Алмосу ақиқ ашкам.*
Қаҳрам *гулаки анҷир,*
Бобуна барад рашкам [12, 218].

Дар абёти боло шоир чашми худро ба таври пӯшида ба *гули шабранг*, ашки худро ба *алмосу ақиқ* ва қаҳрҳои худро дар ҷодаи ишқу муҳаббат ба *гулаки анҷир*, ки сабабгори рашки бобуна гардидааст, монанд намудааст. Дар абёти зикршуда агар, аз як тараф, ташбеҳи пӯшида, сабабгори зебоии сухан гашта бошад, аз тарафи дигар, тавассути он мазомини шоирона эҷод гардидаанд. Ҳамчунин ба воситаи ташбеҳи музмар равониву содагӣ дар тарзи баёни муаллиф ба вуҷуд оварда шудааст.

Баъзан дар ашъори Меҳринисо агар, аз як ҷониб, дарки ташбеҳи навъи музмар нисбатан мушкил бошад, аз сӯйи дигар, он сабаби печидагӣ дар гуфтор низ гардидааст. Масалан, дар шеъри «Ғубор» ин мубҳамиву мушкилӣ ба чашм мерасад:

Шароби интизориҳо
*Ба талхӣ кандани ҷон аст* [12, 92].

Мубҳамӣ дар байти мазкур дар ҳар ду рукни ташбеҳ – ҳам мушаббаҳ ва ҳам мушаббаҳун биҳи ба чашм мерасад. Ҷузъи мушаббаҳи ташбеҳи мазкур: *шароби интизориҳо*, дар навбати худ, санъати истиора аст, яъне ин ҷузъ ба воситаи истиораи киноии тахйилӣ сохта шудааст. Дар ҷузъи мушаббаҳун биҳии ташбеҳи мазкур бошад, фикр ба таври печида баён гардидааст ва ин сабаби печидабаёнӣ дар ҷузъи мушаббаҳун биҳи гардидааст. Ҳазфи адоти ташбеҳ, аз ҷониби дигар, муайян кардани ташбеҳи мазкурро боз ҳам мушкилтар намудааст. Бояд қайд намуд, ки печидагӯйиҳо дар корбурди ташбеҳот дар ашъори Меҳринисо басо кам ба назар мерасанд ва онҳо маъдуду ҳисобиянд.

Агарчи навъи сареҳи ташбеҳ дар ашъори Меҳринисо нисбат ба навъи музмар камтар истифода гардидааст, аммо мақоми он низ дар қиёс ба анвои боқимонда хеле назаррас аст. Хусусияти ин навъи ташбеҳ дар истифода шудани адоти монандкунӣ аст. Сируси Шамисо ин навъи ташбеҳро ташбеҳи мурсал низ номидааст [130, 35]. Муаллифи «Ал-муъҷам» адоти ташбеҳро «баъзе аз калимоти ташбеҳ» гуфта, мисоли ин калимотро бо вожаҳои *ҳамчунон* ва *мондан* зикр намудааст [17, 278]. Тамоми васоити монандкунӣ мисоли: *чун, ҳамчун, ба сони, ҳамсони, монанди, ба монанди, ба ранги, гӯйӣ* ва ғ. , ки миёни ҷузъҳои мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи ба ҳайси миёнарав иштирок карда, тавассути он ҷузъи сифатшаванда ё мавсуф ба ҷузъи сифаткунанда шабеҳ карда мешавад, ба адоти ташбеҳ тааллуқ доранд. Адот ба василаи феълҳо низ корбурд мешаванд, ки маъруфтарини онҳо феълҳои гуфтан ва мондан / монистан мебошанд, ки шоирони классик феъли дуюмро дар гунаи *моно* низ истифода кардаанд.

Дар ашъори Меҳринисо ташбеҳоти сареҳ ё сода ба воситаи адоти *ҳамчу, ҳамчун, чу, чун, мисоли, мисли, ба мисли, монои* ба вуҷуд омадаанд. Миёни адоти мазкур чаҳор намунаи аввал дар ташбеҳоти шоир бештар истифода гардида, мақоми аввалро молик мебошанд. Бо адоти *мисли* ва *мисоли* қиёсан хеле кам ва тавассути *монои* ҳамагӣ як бор ташбеҳ сохта шудааст.

Яке аз хусусиятҳои бакоргирии ташбеҳоти сареҳ дар шеъри Меҳринисо иборат аз он аст, ки вай ташбеҳоти худро якҷо бо истиораҳои ҷолиб истифода карда, дар таъсирбахшии мазомини шеърии худ ҳар ду навъи санъати бадеиро ба таври басо моҳирона корбаст кардааст. Хусусияти дуюми бакоргирии ташбеҳоти мазкур дар шеъри Меҳринисо дар он инъикос мегардад, ки баъзан ҷузъи мушаббаҳун биҳии он дар аввал омада, баъдан, ҷузъи мушаббаҳ ба кор гирифта шудааст, ҳол он ки мувофиқи қоида, чунонки дар мисоли ташбеҳоти музмар қайд намудем, ҷузъи мушаббаҳ бояд дар аввал истифода гардад. Намунаи равшани ин тарзи бакоргирӣ дар байти зер мушоҳида мешавад:

Ҳамчун нахи бирешим дунёи хотиратро
Бо панҷаҳои меҳрам бикшодаму бириштам [13, 35].

Дар байти мазкур муаллиф *дунёи хотироти хеш*ро ҳамчун *нахи абрешим* кушода мересад. Ҷузъи мушаббаҳ *дунёи хотироти шоир* ба ҳисоб меравад. Ин ҷузъ дар навбати худ истиораи дигарест. *Нахи бирешим* ҷузъи мушаббаҳ ба ҳисоб меравад, зеро он объекти сифатшавӣ мебошад. Ваҷҳи шабаҳ дар ташбеҳи мазкур мураккаб буда, мисраи дуюмро ба пуррагӣ фаро мегирад. Дар ваҷҳи шабаҳ низ як истиораи дигар: *панҷаҳои меҳр* истифода гардидааст. Ин тарзи бакоргирии ташбеҳи сареҳ аз хусусиятҳои ташбеҳофаринии Меҳринисо ба ҳисоб меравад.

Гоҳо дар ташбеҳоти сареҳи бакоргирифтаи Меҳринисо мушаббаҳ дар дохили ваҷҳи шабаҳ истифода гардида, тасвирҳои ӯро боз ҳам ҷолиб намудааст. Аз ҷумла, дар байти зикршуда ошуфтагии худро бар мӯй монанд кардааст:

Миёни ҷамъи хотирҷамъ
Парешонхотирам чун мӯ.
Маро дарёбу таскин бахш,
Бигӯ, ки зиндагӣ неку [13, 97].

Як хусусияти ташбеҳи мазкур дар он ҷилвагар мегардад, ки шоир тавассути ваҷҳи шабаҳ, яъне *парешонхотирӣ*, ки ҳам барои мавсуф ва ҳам барои сифат қарина ҳисоб мешавад, шахси худро зикр намуда, ҳамзамон онро ба ҳайси ваҷҳи шабаҳ ё қарина истифода кардааст.

Дар ташбеҳофаринии Меҳринисо ҳама ашё ва мафҳумҳо иштирок менамоянд. Шоир аз одитарин мафҳум, ки барои аксари дигар суханпардозон ночизу назарногир менамояд, истифода бурда, онро ҷиҳати сифати дигар мафҳумҳову ашё корбаст кардааст. Масалан, дар шеъри «Боз борон асту борон. . . » бо истифода аз вожаи *тобистон* ташбеҳи муассир ва ҷолиберо сохтааст:

Рӯйи ҳавлӣ шиб-шивар аз ашки борон,
Хонаам аз файзи модар *ҳамчу тобистон* буд [9, 21].

Монанд кардани модар ба тобистон ташбеҳи навест. Меҳринисо бо истифода аз ваҷҳи шабаҳ: файзи модар, ки ҳам қарина барои хонаи вай ва ҳам барои фасли тобистон аст, ба тасвири нави шахси модар муваффақ гардидааст. Истифодаи хуб аз қарина, ки ваҷҳи монандкунии ашёву мафҳумҳо ба ҳисоб меравад, дар ашъори Меҳринисо омили ба вуҷуд омадани ташбеҳоти зебои навъи

содаву равшан, яъне сареҳ гардидааст. Дар ғазали зерин чак-чак қаринаи зебоест барои ҳам ашки шоир ва ҳам борони баҳорӣ:

Аз чак-чаки ашкам, ки чу борони баҳор аст,

Дунёи дилам баҳри дамон мешуда бошад? [12, 118]

Шоир дар байти фавқ умуман гуфтан мехоҳад, ки ашкҳои вай ҳамчун борони баҳоранд. Аммо агар чунин мегуфт, яъне қаринаро истифода намекард, таъсирбахшии сухани вай камтар мегардид. Бинобар ҳамин, вожаи *чак-чак*, ки ҳам барои *ашк* ва ҳам барои *борон* қарина маҳсуб мешавад, ташбеҳи мазкурро боз ҳам муассир гардонидааст.

Ба василаи адоти *мисли* ҳам шоир ташбеҳҳои хубу завқангез офаридааст, ки ашъори ӯро зинати бештар додаанд. Аз ҷумла, Меҳринисо дар байти зер маъшуқро ба мисли сапедае ҳисобидааст:

Ту мисли як *сапедаӣ,*

Ба шоми дил дамидаӣ.

Ту бо шукӯҳи Мавлавӣ

Ба Шамси худ расидаӣ [13, 248].

Зебоии абёти мазкур дар он ҷилвагар мешавад, ки ваҷҳи шабаҳи ташбеҳи он ба воситаи истиора ба вуҷуд оварда шудааст: муаллиф маъшуқро ба сапедае, ки дар шоми дил дамидааст, монанд кардааст.

Вожаи *моно* ҳам, ки классикон онро ба ҳайси адоти ташбеҳ ба кор мегирифтанд, дар ташбеҳофариниии Меҳринисо басо зебо корбаст шудааст. Масалан, бо истифода аз вожаи мазкур Меҳринисо зодгоҳи худро ба биҳишт монанд кардааст:

Домани сабзи ту монои *биҳишт*,

Ҷаннати рӯйи ҷаҳонам, Панҷакент [12, 137].

Баъзан Меҳринисо тавассути ташбеҳоти сареҳ бар мазомини басо зебои шоирона даст ёфтааст. Намунае аз он байти зерин ба ҳисоб меравад:

Ман ба зебоии абрҳои само менигарам,

Гӯӣ ҳар пора *саворест шикор омадааст* [13, 504].

Шоир абрҳои саморо ба саворони шикорӣ монанд кардааст. Адоти ташбеҳ дар байт феъли *гуфтан* мебошад, ки аз қадим дар шеъри шоирон ҷуз аз маънои маъруфаш, ҳамчунин, ба ҳайси абзори монандкунӣ истифода мешуд.

Дар ашъори Меҳринисо вобаста ба иштироки ҷузъҳо ташбеҳот ба ду навъ ҷудо мешаванд: сода ва мураккаб. Сируси Шамисо ташбеҳро вобаста ба теъдоди ҷузъҳо ба се қисм: муфрад, муқайяд ва мураккаб тақсим намудааст [130, 40]. Мо дар мавзуи табақабандии ташбеҳ дар иртибот бар шаклу сохтори он назари муҳаққиқи тоҷик Ю. Бобоевро саҳеҳтар мешуморем. Муҳаққиқи мазкур ташбеҳро вобаста ба бурунсохташ ба таври бисёр одӣ ба *сода* ва *мураккаб* тақсим намудааст. Вай қайд намудааст, ки ташбеҳе, ки аз ду калима иборат аст, ташбеҳи сода ва ташбеҳе, ки аз се-чор ва зиёда вожа ба вуҷуд омадааст, мураккаб мебошад [37, 153].

Ташбеҳи сода ташбеҳест, ки дар он адоти монандкунӣ ва ваҷҳи шабаҳ иштирок намекунанд. Яъне дар ташбеҳи сода ҷуз аз мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи ягон абзори дигар корбурд намешаванд. Ташбеҳоти сода дар қиёс бо навъи мураккаби он дар эҷодиёти Меҳринисо хело кам истифода гардидаанд. Аммо шоир тавассути ташбеҳоти сода мазомини наву марғуберо мавриди тасвир қарор дода, бо ин васила бори маънавиву бадеии ашъори худро вазнинтар гардонидааст. Масалан, дар шеъри «Бухоро» дар тавсифи ин шаҳр Меҳринисо ду ташбеҳи аз ҳайси сохт содаро истифода карда, ҷаҳонро ба ангуштарӣ ва Бухороро ба нигини он ташбеҳ кардааст:

Зиёратгоҳи хуштабъони дунё,
Ҷаҳон ангуштариву ту нигинӣ [12, 13].

Ташбеҳи ҷаҳон ба ангуштарӣ ва Бухоро ба нигин ба таври сода сурат пазируфтааст, дар ҳар ду ташбеҳ адот партофта шудааст. Шоир гуфтан мехоҳад, ки ҷаҳон ҳамчун ангуштарӣ ва Бухоро монанди нигин аст.

Ташбеҳоти сода дар эҷодиёти Меҳринисо баъзан тавассути алоқаи изофӣ низ ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, дар матлаи яке аз ғазалҳояш шоир ба василаи изофат чашми худро ба кабӯтар шабеҳ кардааст:

Сайёди носабурӣ биншаста дар бари ман,

Ҷӯяд паноҳу ёрӣ чашми кабӯтари ман [13, 185].

Дар байти боло ташбеҳ аз ҷиҳати сохт сода аст, зеро дар он адоти монандкунӣ ва ваҷҳи шабаҳ иштирок надоранд. Сируси Шамисо ташбеҳоти содаеро, ки аз ду вожа иборатанд ва мушаббаҳун биҳии онҳо сифаткунандаанд, муқайяд зикр намудааст [13, 40]. Мо чунин мешуморем, ки ин навъи ташбеҳ сода аст, зеро дар он абзори дуюмдараҷаи ташбеҳ: адот ва ваҷҳи шабаҳ истифода нашудаанд. Дар шеъри «Маро дарёб» низ ташбеҳи сода тавассути алоқаи изофӣ ба вуҷуд омадааст:

Эй *баҳори* ман, ғамгусори ман,

Бо тараб биё, то канори ман.

Мешавад хазон аз фироқи ту,

Ғунчаи дили интизори ман [13, 364].

Дар байти мазкур мухотаби «эй» омили мураккаб гардидани ташбеҳи он буда наметавонад, зеро аввал ин ки он муносибате бо адот ва ваҷҳи шабаҳ надорад, дувум он ки дар ҳаолати партофтани мухотаб низ ташбеҳи мисраъ халал намепазирад.

Ташбеҳоти сода дар ашъори Меҳринисо баъзан ба воситаи бандаки хабарӣ ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, дар мисраи аввали матлаи як ғазалаш шоир худро ба *мазор* ташбеҳ кардааст ва дар ин шабоҳат адоти ташбеҳ ва ваҷҳи шабаҳ иштирок надоранд:

*Ман мазорам*, маскани гӯри азизонӣ, дилам,

Ҳасратободи ҳавасҳои парешонӣ, дилам [13, 205].

Дар байти мазкур ҷуз аз ташбеҳи сода, ки зикраш рафт, ҳамчунин, ду ташбеҳи мураккаб истифода гардидаанд, ки дар бобати ин шакли ташбеҳ дар поён сухан хоҳем ронд.

Баъзан дар тасвирҳои Меҳринисо ҷузъи мушаббаҳи ташбеҳи сода, ки аксаран дар аввали он меояд, дар охир корбурд шудааст. Аз ҷумла, дар байти зер ин ҳолат ба назар мерасад:

Дар фикри фаромӯшии ту азм намуда,

Дидам, ки *тилисмӣ* ту, чӣ бекор манам, ман [13, 253].

Вожаи *ту*, яъне ҷонишини шахсӣ дар байти мазкур мушаббаҳ ва *тилисм* мушаббаҳун биҳи аст. Шоир гуфтан мехоҳад, ки маъшуқ ба монанди тилисм аст. Бояд қайд намуд, ки дар эҷодиёти Меҳринисо ташбеҳоти сода бисёр кам мавриди истифода қарор гирифтаанд ва ин баёнгари он аст, ки шоир ба чунин навъи ташбеҳ нисбат ба мураккаби он таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст.

Зиёдии вожаҳо дар ташбеҳ омили мураккабии он ба ҳисоб хоҳад рафт. Дар ашъори Меҳринисо ташбеҳоти мураккаб нақши калидӣ доранд, зеро қисмати азъзами ташбеҳотро дар эҷодиёти шоир ин навъи ташбеҳ ташкил додаанд. Дар ташбеҳоти мураккаб адот ва ваҷҳи шабаҳ низ иштирок доранд. Баъзан, ки адот дар чунин ташбеҳ ширкат намеварзад, аммо дар ин ҳолат иштироки ваҷҳи шабаҳ ногузир аст, зеро вуҷуди ваҷҳи шабаҳ сабаби аслии мураккаб будани ташбеҳ аст. Баъзан ҷузъҳои асосӣ, яъне мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи дар ташбеҳоти мураккаб аз чанд вожа иборат мешаванд. Ба ҳар ҳол, ҳузури ваҷҳи шабаҳ дар ташбеҳоти мураккаб ба ҳайси қарина миёни мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи аз нишонаҳои мураккабии он ба ҳисоб меравад. Аммо ташбеҳоти мураккаб метавонанд на адоти ташбеҳ ва на ваҷҳи шабаҳро молик бошанд. Дар ин сурат омили мураккабии чунин ташбеҳҳо истифодаи чанд вожа дар қисмати сифатшаванда ва ё дар сифаткунанда, яъне мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи ба ҳисоб меравад, ки намунаҳои ҳамчунин ташбеҳ дар мисоли ашъори Меҳринисо мавҷуд ҳастанд. Аз ҷумла, дар шеъри зерин аз  чунин навъи ташбеҳ истифода шудааст:

Эй модарам, ҷон модарам,
*Хуршеду моҳу ахтарам.*
То ҳаст дунё, кам мабод,
Дасти дуоят аз сарам [9, 24].

Дар мисраи дувум, ки ба пуррагӣ ташбеҳро фаро гирифтааст, адот ва ваҷҳи шабаҳ вуҷуд надорад, ҷузъи мушаббаҳун биҳи аз се вожа таркиб ёфта, тавассути алоқаи пайваст бо ҳам алоқаманд гаштаанд. Аммо корбурди васоити дувумдараҷаи ташбеҳ – адот ва ваҷҳи шабаҳ аз нишонаҳои возеҳ ва аз омилҳои

аввалдараҷаи ташбеҳоти мураккаб ба ҳисоб хоҳад рафт. Масалан, дар шеъри зерин, ки шоир онро ба модараш бахшидааст, ташбеҳи мураккаб истифода гардидааст, ки дар он адот ва ваҷҳи шабаҳ иштироки фаъол доранд:

Ҳамчун тилисми ношикане дар ҳаёти ман,

Панди туву дуои ту, эй меҳрофарин [9, 43].

Дар байти мазкур ҷуз аз адот (*ҳамчун*), ки аз як вожа иборат аст ва дар оғози байт истифода гардидааст, ҳама ҷузъҳо аз чанд вожа таркиб ёфтаанд: мушаббаҳ аз ду вожа: панди туву дуои ту; мушаббаҳун биҳи аз ду вожа: тилисми ношикан; ваҷҳи шабаҳ: ҳаёти ман ва меҳрофарин.

Баъзан мешавад, ки дар ташбеҳоти мураккаби Меҳринисо аз абзори дувумдараҷа танҳо адоти ташбеҳ иштирок менамояд. Аз ҷумла, дар шеъри зер, ки шоир дар он шоириро ба чароғ монанд кардааст ва василаи ин шабоҳат адоти *мисли* аст:

Шоирӣ *мисли чароғ аст*, ба фардои накӯ

Дар гулистони ҳавас рози туро меҷӯяд [12, 41].

Баъзан, баръакс, дар ташбеҳофаринии Меҳринисо аз васоити дувумдараҷа танҳо ваҷҳи шабаҳ иштирок менамояд. Аз ҷумла дар шеъри «Дили ман косаи об» ин ҳолат ба назар мерасад:

Дили ман косаи об,

Дидаам чашмаи нур.

Нафасам накҳати ёс,

Хотирам чинии нозук, ки ба як панҷа

задан мешиканад [12, 46].

Шоир дили худро ба *косаи об*, дидаашро ба *чашмаи нур*, нафасашро ба *накҳати ёс* ва хотирашро ба *чинии нозук* монанд кардааст. Ҳар мисраъ як ташбеҳро дар бар мегирад. Ташбеҳоти се мисраи аввал нисбатан мухтасар, аммо дар навбати худ мураккаб ва ташбеҳи мисраи охир тӯлонитар мебошад, зеро ваҷҳи шабаҳи он чандин вожаро дар бар гирифтааст. Вожаҳои *об, нур, ёс, нозук*, ки дар ташбеҳоти мазкур ҳар яке ваҷҳи шабаҳ ба ҳисоб мераванд, омили мураккаб шудани ин ташбеҳот гардидаанд, зеро дар сурати ҳазф ё партофтани онҳо

ташбеҳҳои фавқ сода мешуданд, на мураккаб. Масалан, агар шоир мегуфт, ки дилам коса, дидаам чашма, нафасам накҳат ва хотирам чинӣ, дар ин сурат ташбеҳоти вай сода мешуданд, зеро ваҷҳи шабаҳ дар онҳо ба назар намерасад. Аммо вожаи *об* қарина миёни *коса* ва *дил* аст, зеро ҳам *дил* ва ҳам *коса* аз ҷиҳате бо *об* иртибот доранд. Вожаи *нур* ҳам қарина миёни *чашма* ва *дида* аст, зеро бо ҳар ду робитаи мантиқӣ дорад, зеро нури дида ва нури чашм (ки решаи чашма аст) метавон гуфт. Вожаи *ёс* ҳам бо *накҳат*, ҳам бо *нафас* муносибат дорад, зеро метавон накҳати *ёс* ё ба таври киноя *нафаси ёсӣ* гуфт, ки киноят аз нафаси хушбӯ аст. Вожаи *нозук* қарина миёни *хотир* ва *чинӣ* аст, зеро хотири нозук метавон гуфт ва чинӣ, бо сабаби табъи шикананда доштанаш, нозук шуда метавонад. Ин табиати нозуки чиниро худи шоир дар мисраи охир шарҳ додааст, ки гуфтааст: ба як панҷа задан мешиканад.

Дар як шеъри Меҳринисо зери унвони «Ба модарам» чандин ташбеҳҳои мураккаб истифода гардидаанд. Шоир модари худро ба чаманзори пур аз нур, чароғу нури хона, ному нишонаи ишқ, сурури ҷовидона ва дурахши моҳу парвин ташбеҳ кардааст:

Ту сароғози саодат,
Соҳиби фазлу рафоқат.
*Ту чаманзори пур аз нур,*
Молики сабру садоқат.
*Ту чароғу нури хона,*
*Ишқро ному нишона.*
Умр дорад шодиву ғам,
*Ту сурури ҷовидона.*
Дар самои қисмати ман
*Ту дурахши моҳу парвин.*
Нури чашми равшани ту
Партави хуршеди заррин [9, 23].

Як хусусияти ташбеҳоти истифодашуда дар шеъри боло дар он аст, ки ҳамаи онҳо адоти ташбеҳ надоранд. Аммо бояд зикр кард, ки ваҷҳи шабаҳ дар ҳамаи онҳо басо фаъол аст ва мақоми қобили таваҷҷуҳро доро мебошад.

Як хусусияти ташбеҳҳои мураккаби Меҳринисо дар он ҷилвагар мегардад, ки шоир якҷо бо ташбеҳ дигар санъатҳои бадеиро ҳунармандона истифода намудааст. Аз ҷумла, дар шеъри «Ту беҳтар аз ситораӣ» ташбеҳҳои мураккаб тавассути бакоргирии санъати тафзил ва истиора боз ҳам таъсирбахштар ва зебо баромадаанд.

Агарчи дар мисраи нахустини шеъри мазкур санъати тафзил ба назар мерасад, аммо он бештар ба ташбеҳ тааллуқ дорад, зеро манзури шоир дар он аслан шабеҳ кардани образи ғиноӣ ба он чӣ беҳтар аз ситора бувад, мебошад. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ чунин навъи ташбеҳро, ки шоир дар он «мушаббаҳро ба мушаббаҳун биҳи тафзил ва тарҷеҳ кунад», яъне афзалтару болотар нишон диҳад, ташбеҳи тафзил номидааст, ки дуруст аст [19, 154]. Ин арзишгузории донишманди мазкур бо ташбеҳе, ки дар мисраи аввал нишон додем, комилан мутобиқат мекунад, зеро тавассути он шоир образи лирикии худро бартар аз ситора нишон додааст.

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҷуз аз намунаҳои мазкур ташбеҳҳои зиёди музмару сареҳ ва мураккабу сода истифода гардидаанд, ки ин баёнгари таваҷҷуҳи хоссаи шоир ба санъати мазкур аст.

Дар ашъори Меҳринисо пас аз ташбеҳ санъати истиора қарор дорад. Маънои луғавии истиора – ин ба орият хостани чизе аст ба ҷойи дигаре [130, 58]. Дар маънои истилоҳияш истиора ибора ё калимае мебошад, ки «ба монандии байни ду чиз асос ёфта» ва ба таври маҷоз истифода бурда мешавад [37, 158]. Ин аст, ки донишмандони пешин ва муҳаққиқони муосир истиораро навъе аз маҷоз низ гуфтаанд [17, 292; 57, 196]. Истиора дар таъсирбахш кардани фикр ва маҷозиву ғайриҳақиқӣ шудани образу мазмунҳо нақши басо бузург дорад. Ба василаи истиора манзараи хаёл ва андешаи шоир зебову таъсирбахштар мешавад, зеро истиора ҳамчун воситаи маънавии тасвири бадеӣ тахайюли шоирро ба олами сураткашии амиқтар ғӯтавар сохта, ба ҳамин васила ашё ва мафҳумҳои ҳам

мушаххас ва ҳам ғайримушаххасро дар пасманзари ҳақиқат тасвир менамояд ва ин тасвирро ба ҳайси як манзараи дилнишину мароқангез дар маърази намоиш мегузорад. Хонанда бо шиносоии ҳамчунин тасвирҳои ғайримуқаррарӣ ғизои маънавӣ гирифта, зери таъсири тасвири шоирона қарор мегирад.

## 2.2. Истиора дар ашъори Меҳринисо

Истиораҳои бакоргирифтаи Меҳринисо дар бештари мавридҳо дар навъи муканнаъ, яъне киноядори он истифода гардидаанд. Ин навъи воситаи тасвири бадеӣ ончунон бар ашъори Меҳринисо ҳукм меронад, ки ягон навъи тасвир то ин ҳад бар эҷодиёти шоир ҳоким нест. Танҳо дар маҷмуаи охирини шоир - «Оҳанги зиндагӣ» пас аз ташхиси оморӣ муайян карда шуда, ки зиёда аз 590 истиора ва навъи муканнияи он мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар эҷодиёти Меҳринисо мо зиёда аз 1150 истиораро пайдо намудем, ки ба навъи муканнияи тахйилӣ мутааллиқ буда, бо формула ё рӯсохти *мулоимот (ваҷҳи шабаҳ)* + *мустаорун лаҳу (мушаббаҳ)*тарҳрезӣ шудаанд ва аз ҳайси шакл 836-тои он ба истиораҳои сода ва каме зиёдтар аз 300-тои он ба истиораҳои мураккаб дохил мешаванд.

Дар ин навъи истиора, чунонки маълум аст, аввал мушаббаҳ, яъне ба истилоҳи олимони классик: мустаорун лаҳу омада, баъдан мушаббаҳун биҳӣ, яъне мустаорун минҳу меояд. Сируси Шамисо дар «Баён ва маонӣ» дар фасле, ки ба истиора ҷудо кардааст, чунин навъи воситаи тасвирро аслан истиора намешуморад ва чунин меҳисобад, ки итлоқи номи истиора бар ин санъати бадеӣ саҳеҳ нест. Ба қавли Шамисо, истиораи мазкур саҳеҳтар аст изофаи истиорӣ номида шавад [130, 62].

Аммо Шамси Қайси Розӣ дар боби истиора ва таърифи он ҳамин навъи истиораро, ки ваҷҳи шабаҳ ҳамроҳи мушаббаҳ (на мушаббаҳун биҳӣ / мустаорун минҳу) меояд, истиора унвонгузорӣ кардааст. Донишманди мазкур, ҳатто, ин навъи истиораро дар мисоли ашъори мисолияи Имодӣ, Булфараҷ ва Камоли Исфаҳонӣ истиораи латиф номидааст [17, 292].

Истиораҳое, ки дар ашъори Меҳринисо барои тасвири мустаор ва маҷозии вожаҳову ибораҳо истифода гардидаанд, аз рӯйи сохтор ба ду қисм: сода ва мураккаб ҷудо мешаванд. Аммо ин табақабандии истиораҳо, ки мо дар намунаи эҷодиёти Меҳринисо анҷом додаем, ба эътибори иштироки ҷузъҳои он аст, яъне он бо дарназаргирии мустаорун минҳу ва мустаорун лаҳу, ки ду ҷузъи асосии ибораҳои мустаор ба шумор мераванд, сурат пазируфтааст. Вагарна дар асли худ истиораҳо аз ҳайси шакл муфрад ва мураккаб мешаванд, на содаву мураккаб. Мо дар чунин сохторнигарӣ ба таҳқиқоти муҳаққиқони муосир, ки дар мавриди истиораҳо дар ашъори классикон ба анҷом расидаанд, такя намудем [89, 47-61, 225-238; 90, 139-143]. Истиораҳои муфрад он гунаи ибораҳои мустаор мебошанд, ки дар онҳо истиораҳо дар намуди вожаҳо меоянд ва мустаорун минҳу ё мустаорун лаҳуро ташкил медиҳанд. Истиораҳои мураккаб бошанд, иборат аз ҷумлаҳое мебошанд, ки дар маънои ҳақиқии худ истифода намешаванд ва ифодакунандаи маънои дигаранд [130, 70]. Бинобар он чи қайд карда шуд, тақсимоти мо дар сари истиораҳои ашъори Меҳринисо на аз рӯйи тақсимоти урфии истиора: муфрад ва мураккаб, ки дар он вожа ва ҷумла маҳаки арзишгузорӣ қарор гирифтааст, балки танҳо аз рӯйи иштироки вожаҳои истиора сурат гирифтааст. Мо дар тақсимоти шаклии истиораҳои истифоданамудаи Меҳринисо истиораҳоеро, ки танҳо аз мусторун минҳу ё мустаорун лаҳу иборатанд (албатта, ҷуз аз мулоим ё ваҷҳи шабаҳи он), ба гурӯҳи истиораҳои сода ҷудо намудем ва истиораҳоеро, ки ҷуз васоит ё абзори монандкунӣ дорои чанд мустаорун минҳу ё мустаорун лаҳу мебошанд, ба истиораҳои мураккаб дохил намудем. Муҷиби чунин табақабандӣ дар ин навъи санъати бакоргирифтаи Меҳринисо он бувад, ки дар ашъори вай аз нигоҳи умумӣ истиораҳо аслан ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: истиораҳое, ки танҳо аз як ҷузъи асосӣ ва як мулоим – ваҷҳи шабаҳ иборатанд ва истиораҳое, ки дорои чандин ҷузъи асосӣ ва ё чандин абзори монандкуниянд. Ҷузъи асосӣ дар истиора – ин иштироки яке аз абзори асосии монандкунӣ аст: ё мустаорун минҳу, ки ин ҳамон мушаббаҳун биҳи аст (он чӣ чизи дигарро бо он ё ба воситаи он ташбеҳ мекунанд), ё мустаорун лаҳу, ки ин ҳамон мушаббаҳ аст

(яъне ташбеҳшаванда ё ташбеҳкардашуда). Вагарна ҳар дуи ин гурӯҳи истиораҳо ба гунаи муфради истиора тааллуқ доранд, чунонки дар фавқ онро зикр намудаем.

Дар истиораҳои содаи ашъори Меҳринисо танҳо ду вожа иштирок мекунад, ки яке муайянкунанда ва дигаре муайяншаванда ба ҳисоб меравад. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ, аз рӯйи қоида, ҷузъи муайянкунандаро мушаббаҳун биҳи ё мустаорун минҳу ва ҷузъи муайяншавандаро мушаббаҳ ё мустаорун лаҳу меноманд. Мушаббаҳун минҳу қисмати ташбеҳкунандаи истиора ва мушаббаҳ қисмати ташбеҳшаванда, яъне объекти ташбеҳ ба шумор меравад. Аммо бояд дар назар гирифт, ки ҳарчанд муайянкунанда қисмати мустаорун минҳу ё мушаббаҳун биҳи аст, дар ин навъи истиора иштирок накарда, балки ин истиора бар мустаорун лаҳу, яъне мушаббаҳ бунёд пазируфтааст. Ба ҷойи ҷузъи мустаорун минҳу дар ин навъи истиора абзор ё ваҷҳи шабаҳ ва ё мулоим (абзори мувофиқат)-и он истифода гардидааст.

Дар ашъори Меҳринисо ҳамин гунаи истиора ниҳоят зиёд ба кор бурда шудаанд. Чунончи пас аз таҳқиқи оморӣ дар сари се маҷмуаи вай – «Меҳроби розам – модарам», «Оини хуршед» ва «Оҳанги зиндагӣ» шумори онҳо аз 800 мегузарад. Истиораҳои навъи: *абрешими дил* [13, 106], *асои пирӣ* [13, 52], *барфи хотир* [9, 123], *борони ҳиҷрон* [12, 186], *гаҳвораи меҳр* [13, 452], *дандони дарег* [13, 96], *завраќи фикр* [12, 52], *киштии армонҳо* [9, 72], *мулки илтиҷо* [13, 113], *парастуҳои хушбахтӣ* [12, 88] аз зумраи истиораҳои сода ба ҳисоб мераванд.

Истиораҳои мазкур аз нигоҳи умумӣ дорои чанд хусусиятанд. Якум, чунонки қаблан зикр гардид, ҷузъи асосии он танҳо аз мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ, яъне қисмати ташбеҳшаванда иборат аст, ҳол он ки дар истиора ҷузъи асосӣ бояд мустаорун минҳу-мушаббаҳун биҳи бошад, на ғайри он. Ҷузъи ёридиҳанда, ки дар мавриди истиора онро дар илми бадеъ *мулоим*, яъне абзори мувофиқаткунонии он гӯянд, зеро он омили таносуб ба ҳисоб меравад, дар ин навъи истиора ба ҷойи мустаорун минҳу ба кор бурда мешавад. Бинобар ин, дар ҳамаи истиораҳои фавқ ба ҷойи ҷузъи асосии истиора, ки қоидатан бояд мустаорун минҳу бошад, мустаорун лаҳу истифода гардидааст. Ин тарзи истиорагузинӣ, дақиқтар: истиорасозии Меҳринисо яке аз хусусиятҳои назаррас

дар мавриди ин воситаи тасвири бадеӣ ба ҳисоб меравад. Ин қолаби истиораро муҳаққиқони эронӣ Сируси Шамисо ва Муаззама Иқболӣ истиораи муканнаъ ё билкинояи тахйилия номгузорӣ кардаанд [130, 62; 57, 196]. Зеро дар ин навъи истиора ҳам нақши киноя ва ҳам нақши тахайюл (хаёлпардозӣ) басо назаррас аст. Василаи муканнаъ ва мухайял гардонидани истиораи навъи мазкур абзори таносуб ё омили мувофиқаткунонии он ба ҳисоб меравад, ки ин абзор истилоҳан дар мавриди ташбеҳ *ваҷҳи шабаҳ* ва дар мавриди истиора *мулоим* (-от) унвонгузорӣ шудааст. Бинобар ин, ҳар ду абзор, яъне ҳам абзори ташбеҳ ва ҳам истиора, аслан, айни як чизанд. Ваҷҳи шабаҳ, яъне мулоимот дар чунин ибораи мустаор ҳамеша дар ҷузъи якум омада, вожаи баъд аз худро муканнаъ ва маҷозӣ мегардонад. Масалан, дар абёти пойини Меҳринисо дар мисоли ибораҳои *селоби ситам, гулбуни армон* ва *домони биёбон* намунаҳои ҳамин истиора оварда шудаанд:

Рехт аз чашми тарам силсилаборон бе ту,
Монд дар ҷону танам захми фаровон бе ту.
Баски *селоби ситам гулбуни армон* рабуд,
Лола бигрист ба *домони биёбон* бе ту [13, 167].

Дар истиораҳои ишоратшуда ҷузъҳои *селоб*, *гулбун* ва *домон* мулоимоти онҳо, яъне вуҷуҳот ё абзори ташбеҳ ба шумор мераванд. Ҳар сеи мулоимот дар қисмати аввал истифода шудаанд. Истиораҳои мазкур муканнияи тахйилия номида мешаванд, зеро дар онҳо асари ҳам киноя ва ҳам тахайюл равшан мебошад. Муканния ба он эътибор, ки шоир аз роҳи киноя ситамро ба селоб, армонро ба гулбун ва биёбонро ба домон ташбеҳ кардааст. Ваҷҳ ё василаи киноя вожаҳои селоб, гулбун ва домон ба ҳисоб мераванд, яъне: селоби ситам киноя аз зиёдии ситам, гулбуни армон киноя аз орзуву армонҳои зебо ва домони биёбон киноя аз тӯл ва паҳнои сӯзи ҳиҷрони шоир дар муҳаббат аст. Аммо тахйилия ба он эътибор, ки шоир дар хаёли худ ситамро селоб, армонро гулбун ва биёбонро домон фарз кардааст, ба ҷиҳати он ки ситам чун селоб табъи харобсозӣ дорад, орзуву армонҳо чун гулбун зебоянд ва биёбон чун домон сурати дароз дорад.

Хусусияти дувуми истиораи навъи мазкур дар он таҷассум меёбад, ки ҷузъи асосии он – мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ мафҳумҳои ғайримушаххасу мавҳумӣ ё ба истилоҳи маъмул абстракт мебошанд. Шоир аз мафҳумҳое чун: алам, андеша, бенишониҳо, бовар, ваъда, видоъ, гирифторӣ, ғам, дард, дареғ, дидор, доройӣ, дуо, илтиҷо, ишқ, меҳр, меҳрубонӣ, муаммо муҳаббат, навид, навозиш, нокуҷо, ёд, орзу, ормон, порсоӣ, садоқат, сабр, ранҷ, роз, рӯъё, тавалло, тавон, тоқат, умед, фиғон, хаёл, хотир, худшиносӣ, хушиҳо, ҳавас, ҳамдилӣ, ҳаҷр, ҳунар, ҷаҳл, ҷудоӣ, ҷунун, шиква, шодмонӣ, яъс ва ғайраҳо истиораҳое офаридааст, ки ҳамчунин вожаҳо, бо ин ки мафҳумҳои ғайримушах-хасанд, дар онҳо ба ҳайси ҷузъи асосӣ ба ҳисоб рафтаанд, чунончи намунаҳои онҳо дар боло оварда шудаанд. Бояд зикр кард, ки ин навъи истиораҳо дар синфи истиораҳои содаи шоир қисмати аъзами он, анқариб 92% онро ташкил медиҳанд. Абёти поён аз як ғазали шоир намунаҳои собити ин гуфтаҳоянд, чун дар онҳо чанд истиорае, ки истифода шудаанд, ҷузъҳои дувуми он (яъне, аз рӯйи тартиб), ки асосӣ ва мушаббаҳанд, мафҳуми мавҳум ё абстракт ба ҳисоб меравanд:

Дар *навбаҳори ёдат*, рӯйи *кафи ҳавасҳо,*
Ман *донаи садоқат* бо меҳрубонӣ киштам.
Ҳамчун нахи бирешим, *дунёи хотиратро*
Бо *панҷаҳои меҳрам* бикшодаму бириштам [13, 35].

Дар истиораҳои абёти боло: *навбаҳори ёд, кафи ҳавасҳо, донаи садоқат, дунёи хотир* ва *панҷаҳои меҳр* ҷузъи мушаббаҳи онҳо, яъне: ёд, ҳавасҳо, садоқат, хотир, меҳр мафҳуми мушаххасу дидашаванда ё ламсшаванда нестанд, балки мавҳуманд ва маънои онҳоро танҳо аз тариқи хаёлу замир метавон ташхис кард.

Хусусияти дигари истиораҳои бакоргирифтаи Меҳринисо дар он инъикос мегардад, ки ҷузъи якум, аммо дувумдараҷаи он, яъне мулоимот ё ваҷҳи монандкунӣ дар аксари мавридҳо, бар хилофи ҷузъи асосии он, мафҳумҳои мушаххасу дидашаванда ва ё қобили ламс ба шумор мераванд. Дар арзишгузории оморӣ ин навъи истиораҳо зиёда аз 95% истиораҳои шоирро ташкил медиҳанд.

Истиораҳои ҷузъи якумашон мафҳуми мушаххас дар ҳама мавзуъҳои бакоргирифтаи Меҳринисо дар пироишу зебогардонии суханони вай нақши

муассир гузоштаанд. Ин қабил истиораҳо хаёли ҳар хонандаро ба олами зебои тасвирҳои шоирона ғӯтавар месозанд. Дар абёти зерин *баҳри бенишониҳо, парастуи умед* ва *шамъи навмедӣ* ба чунин навъи истиораҳо тааллуқ доранд:

Тавони дуршиносонро талоши зиндагӣ бишкаст,<br>
Ба *баҳри бенишониҳо* мани дурдона танҳоям.<br>
Баҳорон омаду н-омад *парастуи умеди* ман,<br>
Ба даври *шамъи навмедӣ* чу як парвона танҳоям [13, 172].

Қаринаҳои истиораҳои ишоратшуда василаҳои мутаносиб сохтани аҷзои онҳо ба шумор рафта, аз сӯйи дигар бори маъниро дар мисраъҳои шеър фароҳам менамоянд. Вожаи *дурдона* ҳам ба бенишониҳо – мустаорун лаҳу ва ҳам ба *баҳр* – ваҷҳи шабаҳ робитаи мантиқӣ дорад, ба ҷиҳати он ки *дурдона*, аслан, макони пайдоишаш *баҳр* аст ва аз сӯйи дигар, *дурдона* на дар ҳар ҷо пайдост ва на ҳама кас метавонад онро бубинад ва ё соҳиб шавад, яъне барои аксари мардум бенишон аст. Вожаи *дурдона*, дар навбати худ, истиораи дигарест, аммо аз навъи дигар: истиораи мусарраҳ ё равшан. Аммо ин вожа дар мисраи мазкур вазифаи қаринаро низ барои истиораи *баҳри бенишониҳо* иҷро намудааст. Вожаи *баҳорон* ҳам бо *умед* ва ҳам бо *парасту* қарина дорад; феълҳои *омадан* ва *н-омадан* бошанд, бо *парасту* қарина дорад, ба ҷиҳати он ки *парасту* ҳамчун мафҳуми ҷондор қобили омадану рафтан аст. Ба василаи вожаҳои *баҳорон, омадан* ва *н-омадан* вожаи *умед* – ба ҳайси ҷузъи мушаббаҳ ба вожаи *парасту* мантиқан тобеъ гардида, истиораи *парастуи умедр*о ташкил додааст. Шоир умеди қалби худ, яъне қаҳрамони ишқномаҳои хешро ба парастуе шабеҳ кардааст, ки бо омадани ҳар баҳор бояд биёяд, вале аз ин ки ин «парасту» дар баҳор дар қалби вай маскан нагузидааст, маҳзун аст. Вожаҳои *давр, парвона ва танҳо* қаринаҳои ҷузъи якуми истиораи шамъи навмедӣ ба ҳисоб мераванд. Таносуби вожаи *шамъ* бо қаринаҳои мазкур ба чанд ваҷҳ аст: якум, мардум дар гирди шамъ ҷамъ менишинанд; дуюм, парвона доимо дар гирди шамъ парвоз менамояд ва ҳамрадифи он аст; сеюм, шамъ, дар ҳақиқат, танҳост.

Дар ашъори Меҳринисо истиораҳое низ ҳастанд, ки ваҷҳи шабаҳи он мафҳумҳои ғайримушаххас, яъне мавҳуму абстрактанд, аммо теъдоди онҳо дар

қиёс бо мафҳумҳои конкрет ба дараҷае кам аст, ки мобайни кулли истиораҳои содаи вай, ки шумори онҳо аз 450 адад ҳам мегузарад, истиораҳои ҷузъи якумашон мафҳумҳои мавҳум аз 10 таҷовуз намекунанд. Агар вожаҳои такрориро дар созмони ҳамчунин истиораҳо дар ашъори шоир ба назар бигирем, миқдори ин навъи истиораҳо боз ҳам камтар мегарданд. Масалан: меҳнатободи шараф [13, 465], накҳати ёд [13, 169, 273], накҳати роз [13, 120], накҳати умед [13, 43, 202], ҳасратободи ҳавас [13, 205], шакарободи беиршодҳо [13, 418]. Як хусусияти истиораҳои мазкур дар он инъикос мегардад, ки ҷузъи дувум, яъне асосии он низ мафҳумҳои мавҳуму ғайримушаххас ба ҳисоб мераванд.

Дар эҷодиёти Меҳринисо истиораҳои мураккаб монанди истиораҳои сода аслан дорои ду ҷузъанд ва иштироки ин ҷузъҳо ба мисли ҷузъҳои истиороти сода мебошанд. Аммо фарқияте, ки миёни истиораҳои гунаи мураккаб ва сода вуҷуд дорад, ин дар таркиби ҷузъҳои он нуҳуфтааст. Дар ин навъ истиораҳо ҷузъҳои якум ва дувуми онҳо, яъне ваҷҳи шабаҳ ва мушаббаҳ (мулоимот ва мустаорун лаҳу) аз чанд вожа иборат мебошанд. Вобаста ба иштироки ҷузъҳо, мо истиораҳои ашъори Меҳринисоро ба се гурӯҳ тақсим намудем: 1) истиораҳои мураккаби дорои се вожа; 2) истиораҳои мураккаби дорои чаҳор вожа; 3) истиораҳои мураккаби дорои панҷ вожа.

Дар гурӯҳи якум ҷузъҳои истиораҳо бо чунин роҳҳо бо ҳам алоқаманд мешаванд:

- тавассути алоқаи изофӣ ва пайваст бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд: *баҳористони посу имтиёз* [12, 122], *бинои ишқу армон* [13, 47], *бозори ниёзу эҳтиёҷ* [12, 228], *водии сабру сукут* [13, 312], *водии фақру қаноат* [12, 63], *водии фахру таманно* [12, 300];
- алоқаи пайвасту изофӣ (*баҳору тирамоҳи зиндагонӣ* [12, 70], *баҳору хазони умр* [12, 286], *бору биноҳои такаллум* [12, 196], *закоту фитри ҳиҷрон* [12, 70], *заҳру зуқуми бемаошӣ* [12, 171], *кулӯху санги буҳтон* [12, 208]);
- алоқаи изофӣ (*андалеби боғи ирфон* [13, 111], *атри ёди гулфишон* [13, 53], *атри фазои фосила* [12, 120], *ахтари ашки ғам* [13, 43], *баёзи шеърҳои ҷовидонӣ* [13, 324], *барги дастони дуо* [13, 267]);

- алоқаи озод ва изофӣ (*ду ҳавзи дида* [13, 38, 342], *сад барги роз* [13, 463], *сӣ мурғи қисмат* [12, 103], *чор девори фаромӯшӣ* [12, 41], *чор девори хамӯшӣ* [13, 314], *як боғчаи ҳавас* [9, 25];
- алоқаи озод (*як бағал ҳарорат* [9, 25], *як лаълӣ бовар* [9, 25].

Дар гурӯҳи дуюм ҳам ҷузъҳои истиора, агарчи тавассути алоқаҳои зикршуда алоқаманд мешаванд, аммо дар ин маврид вобаста ба иртибот миёни ваҷҳи шабаҳ ва мушаббаҳ дорои вижагии ба худ хос аст. Масалан:

– се вожа дар ваҷҳи шабаҳ + як вожа дар мустаорун лаҳу: *сарви озоди баҳористони худ* [13, 440], *тухми гиёҳи ёди ёрон* [12, 286];

– ду вожа дар ваҷҳи шабаҳ + ду вожа дар мустаорун лаҳу: *бистари гарми дили хок* [13, 141], *боли парвози нигоҳи меҳрубон* [13, 53], *доғи рухи маҳтоби шабрав* [12, 309], *мижгони дарози беди маҷнун* [13, 177], *чароғи равшани чашму дил* [9, 9]. Дар ин навъи истиора ҷузъи мустаорун лаҳу вожаҳои сеюму чаҳорум ва ваҷҳи шабаҳи он вожаҳои якуму дувум ба ҳисоб меравbooks;

– як вожа дар ваҷҳи шабаҳ + се вожа дар мустаорун лаҳу: *дарёи ду чашмони сиёҳ* [13, 180], *даруни хонаи чашми сиёҳ* [13, 90], *зарринвароқи китоби зебои ҳаёт* [13, 306], *кукуи бахти сап-сафед* [13, 152], *сарриштаи сарнавишти огоҳии мо* [13, 306], *ҳазори орзуҳои хазони хотир* [12, 189], *ҳумои Қофи қурби ноз* [12, 291], *водии макру ҳилаву шайтанатӣ* [12, 171], *кӯчабоғи ғафлату шарру шанеъ* [13, 453], *мактаби нангу номусу фахр* [13, 82];

– се вожа дар ваҷҳи шабаҳ + як вожа дар мустаорун лаҳу: *гӯши раъду барқи навбаҳорон* [12, 117], *Масеҳои шууру шеъри ман* [12, 119], *ҷоми армону таманнову ҳавасҳо* [9, 48], *тутиву қумриву симурғи хаёл* [12, 65], *хуршеду моҳу ахтари ёд* [11, 74];

Дар гурӯҳи сеюм панҷ вожа иштирок намуда, ҷузъҳои он бо алоқаи изофӣ (*ғунчаи сӯхтаи гулшани хомӯши дил* [13, 182]), алоқаи озод ва пешояндиву изофӣ (*сад баҳор аз орзуи бехазон* [13, 53]), се алоқаи изофӣ ва як алоқаи пайваст (*оинаи қудсии ҷаҳони ману ту* [13, 306]) бо ҳам алоқаманд мегарданд.

Истиораҳои шаклан мураккаб дар тасвирҳои бадеиву шоиронаи Меҳринисо саҳми қобили таваҷҷуҳро бар ҷой гузошта, тавассути истифода аз онҳо мазмуну

мундариҷаи ашъори ӯ пурғановат ва тарзи ифодаи вай басо таъсирбахш гардидаанд. Меҳринисо истиораҳои мураккабро бисёр ҳунармандона ва таъсирбахш истифода намудааст. Ӯ тавониста, ҳатто, дар як байт якбора ду истиораи мураккабро истифода намуда, фикри хешро тавассути онҳо пардози бадеӣ бидиҳад:

*Тоҷи маъниву адаб* пайваста бо унвони ту,

*Офтоби беғуруби сулҳи* дунёям, Ватан [13, 406].

Дар байти фавқ *тоҷи маъниву адаб* ва *офтоби беғуруби сулҳ* – ҳар ду истиораҳои мураккаб ба ҳисоб рафта, ҷиҳати тасвири Ватан истифода гардидаанд. Ва ё худ дар яке аз ғазалҳои Меҳринсо, ки дар арҷгузошти падари хеш сурудааст, ду истиораи чаҳорвожаи бисёр зеборо, ки маҳсули табъи вай буданашон аз эҳтимол дур нест, истифода шудааает:

*Сарви озоди баҳористони худ,*

Сарбаланду бовиқорӣ, эй падар.

*Хоҷаи Хизри вафодориву панд,*

Арҷи кас боло гузорӣ, эй падар [13, 440].

Мисраъҳои якум ва савуми абёти боло ба пуррагӣ истиораанд. Дар истиораи якум *сарви озоди баҳористон* ваҷҳи шабаҳ буда, *худ* мустаорун лаҳу мебошад. Қаринаҳои истиораи якум, аввалан, яке аз вожаҳои худи ҳамин ваҷҳи шабаҳ – *озод* ва *баҳористон*, баъдан, вожаҳои *сарбаланд* ва *бовиқор*, ки дар мисраи дувум истифода гардидаанд, ба ҳисоб мераванд. Вожаҳои *озод* ва *баҳористон* ба ҷиҳати бо *сарв* таносуб доштан, аввалан, нишон медиҳанд, ки бо вожаи *сарв* робитаи мантиқии онҳо бештар аст (на бо вожаи худ), баъдан, бар вожаи *худ*, ки ишора ба падари шоир аст, маънои маҷозӣ мебахшанд. Аз сӯйи дигар вожаҳои сарбаланд ва бовиқор ҳам бо сарв ва ҳам бо худ робитаи мантиқӣ доранд ва барои ҳар ду қарина маҳсуб меёбанд, зеро шоир гуфтан мехоҳад, ки падараш ҳамчун сарв сарбаланду бовиқор аст.

Дар истиораҳои мураккаби ашъори Меҳринисо ҷузъи мустаорун лаҳу баъзан тавассути мафҳумҳои мавҳуму ғайримушаххас басо муассир корбурд гардидаанд ва қобили таваҷҷуҳанд. Мафҳумҳои абстракту ғайримушаххас дар

аксари мавридҳо ҷузъи мустаорун лаҳуи ин гуна истиоротро фаро мегиранд ва пояи устувор дар бинои ин қисми асосӣ ба ҳисоб мераванд. Истифода аз мафҳумҳои мазкур аз маҳсулоти коргоҳи ҳунарии Меҳринисо далолат мекунанд. Аз ҷумла истиораи *ҷунунободи фазлу маърифат* тасвири навест аз илму дониш, ки дарак аз эҷоди худи шоир медиҳад:

Дар *ҷунунободи фазлу маърифат*

Умри худ барбод мехоҳам, ки нест [13, 448].

Дар шеъри «Кист тоҷик?» Меҳринисо, ҳамчунин, дар ду байт ду истиораи мураккаби ҷузъи мушаббаҳ – ғайримушаххасро истифода бурдааст:

Ибтидои роҳи некӯист андар хиттааш

*Ахтари саъди дурахшон* дар самои ифтихор.

Дар дили дарёияш *дурдонаҳои ишқу меҳр*,

Рӯҳи бедору бузургаш туҳфаи Парвардигор [13, 465].

Дар абёти мазкур *ахтари саъди дурахшон* ва *дурдонаҳои ишқу меҳр* истиораҳои мураккаб ба ҳисоб мераванд. Ҷуз аз истиораҳои зикршуда дар абёти боло, ҳамчунин, ду истиораи дигари сода: *роҳи некӯӣ*, *самои ифтихор* ва *дили дарёӣ* истифода шудаанд, ки дар маҷмуъ бар шеър ҳусни аҷибе бахшидаанд.

Дар истиораҳои Меҳринисо дар ҷузъи мустаорун лаҳу (ташбеҳшаванда ё муайяншаванда)-и онҳо вожаҳои *ашк, дил, ёд, ишқ, меҳр, муҳаббат, орзу, садоқат, ум(м)ед, хаёл, ҳавас* бештар ба кор гирифта шудаанд ва ҷилваи онҳо дар муқоиса бо дигар вожаҳо бештар мебошад. Аз вожаҳои мазкур вожаи *дил* 65 бор мавриди маҷозу киноя ва тасвири мустаор қарор гирифта, дар истиорасозии шоир мақоми аввалро ишғол менамояд. Вожаи *ум(м)ед* мақоми 2-юмро ишғол намуда, аз он 51 бор истиора сохта шудааст. Бо ин тартиб, вожаи *ишқ* ҷойи 3-юм, вожаи *ёд* ҷойи 4-ум, вожагони *меҳр* ва *ҳавас* ҷойи 5-ум, вожаи *хаёл* – 6-ум, *орзу* – 7-ум, *ашк* – 8-ум, *муҳаббат* – 9-ум ва вожаи *садоқат* ҷойи 10-умро ишғол менамояд. Дар иртибот бо сатҳи бакоргирии вожагони мазкур дар созмон додани истиораҳои ҷузъи асосӣ мустаорун минҳу/ мушаббаҳ мо таҳқиқоти омориро тартиб дода, мушаххас намудем, ки тавассути ин вожаҳо, аввалан, чанд истиора дар ашъори Меҳринисо ба вуҷуд оварда шудаанд, баъдан, онҳо кадомҳоянд. Зимнан

таҳқиқоти мо ҳам дар мавриди истиораҳои сода ва ҳам мураккаби шоир сурат пазируфта, аз ин байн теъдоди истифодаи вожаи дилро дар созмон ёфтани истиораҳо ба ин тариқ таҳқиқ намудем:

**Дил**: 50 истиораи сода; 15 истиораи мураккаб. Дар маҷмуъ: 65 истиора.

**Истиораҳои сода**: абрешими дил [13, 106], водии дилҳо [13, 187], ганҷи дил [10, 196], гиреҳи дил [10, 170], дари дил [13, 156, 163], дасти дил [12, 82], домани дил [13, 110], домони дил [12, 109], дунёи дил [12, 118], дурри дил [13, 266], зангӯлаи дил [13, 116], зангӯлаҳои дил [13, 242], кафи дил [12, 117], Каъбаи дил [13, 17], коми дил [13, 115], қатраи ишқ [10, 186], қуфли дил [12, 81], Лайлои дил [13, 284], мурғи дил [12, 221], муҳаббатхонаи дил [9, 31], оинаи дил [13, 453], осмони дил [12, 303], оташхонаи дил [13, 78], офтоби дил [10, 136], ояти ишқ [10, 189], пойи дил [13, 267], санги дил [13, 116], сафҳаи дил [13, 467], саҳбои ишқ [12, 121], саҳрои дил [13, 283], соядевори дил [9, 37], сояи дил [12, 109], суфраи дил [13, 160], уқдаи дилҳо [13, 295], уқоби дил [12, 102], хонаи дил [13, 293, 326, 396], хори дил [12, 280], ҳарири дил [12, 64], чароғи дил [13, 303], чашмаҳои дил [13, 86], чашми дил [13, 43], ҷоми дил [13, 384], шамъи дил [12, 55], шишаи дил [12, 51; 11, 190], шоми дил [13, 248], шуълаи дил [13, 116].

**Истиораҳои мураккаб**:

а) истиораи мураккаби мушаббаҳ танҳо иборат аз вожаи дил: ғунчаи хомӯши *дил* [10, 194], девори фурӯафтодаи *дил* [13, 157], кишвари рангини *дил* [12, 65], макони орзуи *дил* [12, 84], макони офтобии *дил* [12, 306], тифли ишқорои *дил* [12, 254], шишаи уммеди *дил* [10, 216];

б) истиораи мураккаби мушаббаҳ иборат аз вожаи дил ва вожа(-ҳо)-и марбути он: ғунчаи *дили интизор* [12, 56], ғунчаи сӯхтаи *гулшани хомӯши дил* [13, 182], чуғзи *дарди дил* [12, 103], шохи *дунёи дил* [13, 401];

в) истиораи мураккаби мушаббаҳ иборат аз вожаи дил ва вожаи ҳамтои он: зулматистони *дилу дида* [13, 208], хонаи *чашмони дил* [12, 305], хонаи *чашму дил* [13, 104], чароғи равшани *чашму дил* [9, 9].

Дар арзишгузории оморӣ бар ин қабил истиораҳо (яъне: ҷузъи дувум – мафҳуми мушаххас) метавон муайян кард, ки вожагони *дил, ум(м)ед* ва *ишқ* дар

қиёс бо дигар вожаҳои зикршуда дар истиораҳои шоир бештар мавриди корбурд қарор гирифтаанд ва ин вожагон дар мустаор гардонидани мафҳумҳо нисбат ба дигар вожаҳо иштироки бештар доранд. Албатта, дар эҷодиёти шоир вожагони зиёди дигар ҳам вомехӯранд, ки вай ба воситаи ин вожагон истиораҳои гуногунро истифода карда, дар маҷозиву киноявӣ сохтани мафҳумҳову образҳо аз онҳо истифодаи ҳунармандона карда ва дар ин маврид ба муваффақиятҳои назаррас ҳам ноил гардидааст. Аммо миёни тамоми вожаҳои дар ҷузъи мушаббаҳи истиораҳои Меҳринисо бакоррафта даҳ вожаи фавқуззикр мақоми калидӣ доранд, зеро суханони мустаор ва тасвирҳои шоиронаи Меҳринисо дар маҷмуъ бар ин вожагон асос ёфта, бори маънавӣ ва ҳусни аслии шеъри ӯро таъмин намудаанд.

## 2.3. Талмеҳ ва навъҳои он дар ашъори Меҳринисо

Агар ташбеҳу истиораро, ки миёни ҳама навъҳои санъати бадеӣ дар эҷодиёти Меҳринисо бештар корбурд шудаанд, дар назар нагирем, талмеҳ дар қиёс бо дигар анвои васоити тасвир мақоми баландтарро ишғол менамояд. Санъати талмеҳ бо ду санъати фавқуззикр дар ашъори Меҳринсо мақоми калидиро соҳиб мебошанд. Вожаи талмеҳ дар луғати арабӣ ба русии Х. К. Баранов ба маънии киноя омадааст [149, 730]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи талмеҳ, аввалан, дар маънии ишора ва нигоҳи сабук ба сӯйи чизе, баъдан, дар маънии истилоҳи адабиётшиносӣ ишора кардани шоир ба қисса ва ё масали маъруф омадааст [154, 312].

Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» бошад, талмеҳ ҳамчун санъати маънавие қайд гардидааст, ки тавассути он «шоир бо як ишора маънии чуқур ва баландро ифода мекунад» [163, 109]. Ҳама маъниҳое, ки луғатномаҳои мазкур дар хусуси вожаи талмеҳ зикр кардаанд, умуман ифодакунандаи як маъниянд ва қобили қабуланд, зеро талмеҳ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ киноя ва ишора ба чизе, хоҳ ба қиссаву масал ва хоҳ ба маънӣ ва мафҳумҳои дигар мебошад, ки шоир ба василаи онҳо бори маънавии афкори худро вазнинтар менамояд. Шамси Қайси Розӣ дар хусуси талмеҳ гуфтааст, ки «он алфози андак бар маънии бисёр

далолат кунад ва ламҳ ҷастани барқ бошад ва ламҳа як назар бувад» [17, 301]. Ин ки донишманди мазкур талмеҳро «алфози андак» қайд кардааст, ки далолат бар маънии зиёд мекунад, ҳамон ишорат ва киноят бар чизе, масалан, бар қиссаву ривоят, масал ва суханони маъруфи касе аст, ки шоирон онро ҷиҳати пурқувват ва далелнок кардани афкори худ меоваранд. Дар ҳақиқат, талмеҳоте, ки шоирон дар ашъори хеш истифода мекунанд, ба воситаи онҳо фикру андешаҳои онон устувортару таъсирбахштар мегардад ва аз ҷониби дигар, дар суханони онҳо як навъ зебоӣ ва завқбахшӣ ба вуҷуд меояд. Вазифа ва рисолати талмеҳ низ ба ҳайси яке аз васоити тасвири бадеӣ дар ҳамин бахшидани ғизои эстетикиву маънавӣ бар хонанда мебошад, ки хаёли ӯро ба дунёи панду ҳикмат ва таҷрибаҳои таърихии гузаштагон сайр медиҳад. Дар иртибот бар маънои истилоҳии талмеҳ назари Атоуллоҳи Ҳусайнӣ равшантару муфассалтар мебошад, ки гуфтааст: «Иборат аст (яъне: талмеҳ – Н. Б. ) аз ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур ё шеъре нодири машҳур, ё масале машҳур» [19, 84].

Вобаста ба таърифи талмеҳ дар осори классикон ва луғатҳову фарҳангномаҳо, метавон ба он натиҷа расид, ки дар нигоҳ ба мавзуи худ талмеҳ иборат аз навъҳои алоҳида мебошад. Зеро шоир барои истифода кардан аз нукоти таърихӣ ва суханони гузаштагон ногузир истифода аз номҳои гуногуни таърихиву ҷуғрофӣ, ҳодисаҳову рухдодҳои пешин ва муаллифи суханони ҳикматомез мекунад. Яъне, шоирон дар эҷодиёти худ ба василаи баёни номҳои мухталифи таърихиву ҷуғрофӣ ва корбурди номи ашхоси таърихӣ ва монанди инҳо афкори хешро муассиртару зеботар гардонида, аз сӯйи дигар, дониши таърихиву ҷуғрофӣ ва умуман фарҳангии хонандагони худро зиёдтар мегардонанд.

Дар ашъори Меҳринисо ҳам ишорат бар фарҳанги гузашта ва ё чошнӣ гирифтан аз таърихи илму адаб ва дину фалсафаи пешин басо зиёд ба чашм мерасад. Талмеҳоти бакоргирифтаи Меҳринисо, аслан, иборат аст аз зикри номҳои ашхоси гуногуни таърихӣ, монанди: Балқис, Вомиқ, Доро, Ибни Сино, Иброҳими Адҳам, Исо, Лайло, Мавлавӣ, Мансур, Марям, Масеҳо, Монӣ, Мустафо, Мусо, Одам, Робеа, Сулаймон, Узро, Фарҳод, Фиръавн, Хоҷаи Хизр, Ҳавво, Ҳобил, Ҷам / Ҷамшед, Шамс, Юсуф; номи паррандагони ривоятӣ: ҳудҳуд,

ҳумо; номҳо ва мафҳумҳои марбут ба дину оин, силсилаҳои таърихӣ, нуктаҳо аз фарҳанг ва таърихи гузашта, оину маросими гузаштагон, монанди: Боди Сабо, дор (ишора ба дори Мансур), Замзам, иқди Сурайё, Ирам, Карбало, Каъба, Қоф, Меҳргони сада, мушки Хутан, нӯшдору, оби ҳайвон, оташи Зардушт, оташи Ҳушанг, Пешдодиён, Сабо ва Сулаймон, тешаи Фарҳод, тубо / тубӣ, Тури Мусо, ҳудҳуди Сулаймон, Ҷоми Ҷам; номи китобҳо: «Қуръон», «Жанг», «Девони акбар», «Девони кабир»-и Ҷалолуддини Балхӣ); номҳои ҷуғрофии амсоли номи шаҳрҳову минтақаҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, ҷирмҳои осмонӣ монанди: Албурз, Бухоро, Даҷла, Зухра, Каҳкашон, Сурайё, Хуросон. Бинобар гуногунии мавзуъ, мо талмеҳоти бакорбурдаи Меҳринисоро ба чунин навъҳо ҷудо намудем: 1) талмеҳоте, ки дар онҳо ишора ба номҳои шахсони таърихӣ мешавад; 2) талмеҳоте, ки дар онҳо ба нукот ва ҳодисаву ривоятҳои таърихӣ, динӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва ҷуғрофӣ ишора шудааст. Вобаста ба ҳамин, талмеҳоте, ки дар эҷодиёти Меҳринисо мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд;

*1.Номи шахсиятҳои динӣ*. Ин навъи талмеҳ дар ашъори Меҳринисо нақши намоён дорад ва чунонки адабиётшинос Аламхон Кӯчаров қайд менамояд, дар баробари талмеҳоти асотирӣ истифодаи талмеҳоти динӣ «ҷанбаи мантиқӣ ва пояи ахлоқии шеъри Меҳринисоро мустаҳкамтар намуда, фардияту умумият ва даррокиву солории қаҳрамони лирикиро хубтар таъмин намудааст» [«Садои мардум», 23 июли с. 1999]. Шахсиятҳои диние, ки дар ин талмеҳоти Меҳринисо барои таъсирбахшии баён корбурд шудаанд, иборатанд аз номи паёмбарон, сӯфиёну орифон ва занони маъруфи динӣ, монанди:

а) *номи паёмбарон*: Одам [13,187], Сулаймон [13, 111, 144, 283], Юсуф [13, 194, 198, 207, 278], Мусо ( / Мӯсӣ) [13, 199, 205, 220, 472], Исо ( / Масеҳо) [13, 110, 126, 166, 169, 244, 268, 331, 517], Мустафо [13, 183], Зардушт [13 ,138, 554]. Номҳои мазкурро шоир барои тасвири табиат, ҳолоти шахсӣ ва армонҳои қалбиву ботинӣ истифода намудааст. Масалан, дар шеъри «Баҳорам рафт», ки мавзуи он таассуф аз лаҳзаҳои ширини айёми ҷавонӣ аст, шоир ба василаи Сабо ва Сулаймон ишора бар даврони сабзишҳову шукуфтанҳои хеш менамояд ва афсӯс мехӯрад, ки лаҳзаҳо ва қуввати ҷавонияш ӯро тарк гуфтаанд:

Чаманзори шукуфтанро

*Сабо* буду *Сулаймонӣ*.

Тавон бо муждаборонаш

Чӣ боле дошт, медонӣ? [13, 144]

Дар ғазали зер Меҳринисо *Масеҳдамро*, ки киноят аз Исои Масеҳ ва муъҷизаи вай аст, барои баёни авотифи ишқии худ истифода кардааст:

На маро раҳо намоӣ, на ба ман сари ниёзе,

На *Масеҳдаме*, ки нозам ба сафои як дами ту [13, 166].

Чунонки маъруф аст, муъҷизаи Исои пайғамбар дар масҳи вай буд, ки тавассути он бар ҷасадҳои мурда ҷон мебахшид. Дар байти зер шоир *Масеҳоро* ба сифати киноят аз маҳбуб истифода кардааст, ки дармони ишқи ӯро намояд:

Дил ба хориям кашад аз ҳасрати озурдагӣ,

Руҳи бас озурдаам ёди *Масеҳо* мекунад [13, 472].

б) *номи занони маъруфи динӣ*. Дар ашъори Меҳринисо номи занони динӣ монанди Ҳавво, Марям ва Робеа зикр гаштааст. Меҳринисо дар ашъори худ Ҳавворо ҳамеша якҷо бо Одам истифода менамояд ва ба ин восита ҳар дуро тимсоли ишқ ва намунаи ваҳдати ошиқон мешуморад. Аз ҷумла, дар як ғазалаш ишқро аркони тамизи Одаму Ҳавво меҳисобад ва тавассути ин талмеҳ ишорат бар покии ишқ менамояд:

Саҷда меорам ба домони дили ошиқнавоз,

Ишқ аркони тамизи Одаму Ҳавво бувад [13, 187].

Робеаи Адавия аз суфизанон ва орифони дилбохтаи ирфони эронӣ аст ва зикри вай дар тазкираҳое, ки ба тарҷумаи ҳоли орифону суфиён бахшида шудааст, рафтааст. Дар байти зер Меҳринисо ба воситаи овардани номи *Робеа* ишорат бар покиву тақвои вай намуда, ишқи худро бо муҳаббати қалбии Робеа муқоиса намудааст:

Агар *Робеа* аз ғайрат ба лутфи Каъба ноил шуд,

Нигар Меҳринисо ин дам гадои рӯйи инсон аст [13, 203].

в) *номи орифону суфиён*. Аз шахсиятҳои бузурги ирфону тасаввуф дар эҷодиёти Меҳринисо номҳои Хоҷаи Хизр, Мансури Ҳаллоҷ, Иброҳими Адҳам,

Шамси Табрезӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ зикр гардидаанд. Аммо ду орифи охир дар зерфасли марбут бар талмеҳоти шоирон зикр хоҳанд шуд. Миёни шахсони мазкур номи Мансури Ҳаллоҷ қиёсан бештар истифода шудааст. Мансур дар адабиёти ирфонӣ рамзи садоқату вафодорӣ дар ишқ аст, зеро ӯ ҷони худро дар роҳи ишқи маъшуқаш фидо карда буд ва сари дорро бар зиндагӣ баргузида буд.

Меҳринисо дар ғазали зерини худ талмеҳоти *Мансур* ва *Хоҷаи Хизрро* ҷиҳати тасвири баҳору шукуфтанҳои табиат басо ҳунармандона ба кор бурдааст:

Лолаи сидқ медамад аз дили гарми ховарон,
*Мансури ҳақталошро* ҳақ ба канор мерасад.
Меҳри нисоби *Ҷоми Ҷам* металабу шароби нур,
*Хоҷаи Хизри* ошиқон тозабаҳор мерасад [13, 274].

Дар талмеҳоти боло *Мансури ҳақталош* ишора бар орифи маъруф – *Мансури Ҳаллоҷ* ва *Хоҷаи Хизр* ишорат бар шахсияти маъруфи динӣ аст. Мансур дар абёти мазкур киноят аз тезгузарии баҳор ва ба зудӣ нест гаштани он аст, зеро ӯро дар айни шукуфоии илму маърифат ва ҷазабаи ишқу муҳаббаташ ба қатл расонида буданд. Аз ҳамин ҷиҳат, вай рамзи зебоӣ дар ишқ ҳам ба ҳисоб меравад. Хоҷаи Хизр киноят аз хушсабзиву таровати баҳор аст, зеро мувофиқи ривоёти халқӣ Хоҷаи Хизр намиранда аст ва ҳамеша умр ба сар мебарад. Ибораи *Ҷоми Ҷам* талмеҳи дигарест, ки дар зерфаслҳои минбаъда зикр хоҳад шуд.

Шамси Табрезӣ яке аз маъруфтарин орифони эронӣ аст ва пири маънавии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба ҳисоб меравад. Ба воситаи роҳнамоӣ ва талқини Шамс Мавлоно ба ирфон гаравид ва роҳи шинохти Худо ва муҳаббати ҳақиқиро дарёфт. Шамси Табрезӣ ончунон дар руҳия ва қалби Мавлоно таъсир гузошта буд, ки вай Шамсро бебадалтарин инсон, ҳатто Худои ман гуфта буд [16].

Меҳринисо дар шеъри «Ту беҳтарин ситораӣ» дар ишқи маҳбуби худ хештанро киноятан Шамс ва маҳбубро Мавлавӣ мегӯяд ва ҳар ду орифро ба ҳайси тимсоли меҳру муҳаббати маънавӣ истифода мекунад:

Ту бо шукӯҳи *Мавлавӣ*
Ба *Шамси* худ расидаӣ [13, 248].

*2.Номи шоҳон ва қаҳрамонони бостон.* Аз шоҳони таърихӣ дар эҷодиёти Меҳринисо номҳои *Афредун / Фаридун*, Исфандиёр, *Ҷам ( / Ҷамшед), Ҳушанг, Доро, Сиёвуш, Қорун, Исмоили Сомонӣ* ва аз қаҳрамонон Деваштич ва Рустам истифода гардидаанд. Ҷамшед дар ашъори Меҳринисо як бор дар шеъри «Ориёӣ» истифода гардидааст:

Ҳамосасаро ин манам,<br>
Маҳди мадоро ин манам.<br>
Ҳафтод пуштам бишмарӣ,<br>
*Ҷамшеду Доро* ин манам [13, 58].

Доро ва Ҷамшед дар шеъри боло рамзи шукӯҳу асолат мебошанд ва Меҳринисо ҳам дар ишорат бар ҳамин ҷиҳатҳо худ ва умуман миллати тоҷикро киноятан Дорову Ҷамшед мешуморад.

Аммо исми Ҷам дар дигар ашъори шоир танҳо дар он маврид корбурд шудааст, ки шоир ибораи маъруфи Ҷоми *Ҷамро* истифода намуда, онро василаи хушиву саодат ва лаҳзаҳои ширин нишон медиҳад, чунонки намунае аз онро дар мавзуи талмеҳи Хоҷаи Хизр зикр намуда будем. Дар ин таронаи зебои худ ҳам шоир Ҷоми Ҷамро зикр намудааст:

*Ҷоми Ҷам* ба каф,<br>
Номи ту ба лаб,<br>
Эй дил, эй дил, эй дил [13, 300].

*Ҳушанг* дар таърихи Эрони Бостон яке аз шоҳони маъруф аст ва номи вай бо оташ иртиботи қавӣ дорад. Чунонки аз устураҳои эронӣ ва «Достони Ҳушанг»-и «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дида мешавад, Ҳушанг кашфкунандаи оташ мебошад. Номи Ҳушанг дар эҷодиёти Меҳринисо як бор зикр гардидааст:

Ранг ба рангу шӯху шанг, тавъами *оташи Ҳушанг,*<br>
Бар шаби ориёни ман нури кибор мерасад [13, 274].

Дар байти мазкур Ҳушанг ҳамчун тимсоли зебоиву рангингунагӣ омадааст ва шоир ободиву сарсабзии Тоҷикистонро ба воситаи тимсоли Ҳушанг баён намудааст. Зимнан, қайд бояд кард, ки талмеҳи шоҳони қадим дар эҷодиёти Меҳринисо кам истифода гардидааст.

Дар шеъри «Барои Фараҳнози ғарқи нозам» Меҳринисо бо ишорат бар шоҳ Фаридун ба набераи худ чунин таманно менамояд:

Падарат сояи давлат ба сарат,

Давлаташ давлати *Афредун* бод! [13, 357]

Бар ҳеҷ кас пӯшида нест, ки *Фаридун* яке аз шоҳони Эрони Бостон аст. Зебоии талмеҳи мазкур боз иборат аз он аст, ки падари Фараҳноз (ки шеър ба ӯ бахшида шудааст), яъне писари худи шоир Фаридун ном дорад.

Дар шеъри «Аҳсано», ки ба муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва ифтитоҳи он бахшида шудааст, Меҳринисо ишорат бар Имоили Сомонӣ намудааст:

Хок шуд *Исмоили Сомон* дар қалби Ватан,

То бидонад *Оли Сомон* манзилу маъвои хеш [13, 499].

*3.Номи ҳакимону донишмандон ва шоирон.* Аз ҳакимону донишмандон ва шоирон дар эҷодиёти Меҳринисо номҳои устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар гунаи Пури Сино ба сифати талмеҳ истифода гардидаанд. Миёни ашхоси мазкур бештар аз ҳама номи устод Рӯдакӣ ба чашм мерасад. Рӯдакӣ дар ашъори Меҳринисо ду тимсол дорад, ки якеи он тимсоли забони ноби порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ ва меҳру муҳаббати дигар миллатҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мебошад. Аз ҷумла, дар шеъри «Фари Эрону Тӯронам», ки намунае аз он дар зерфасли минбаъда оварда хоҳад шуд, устод Рӯдакӣ дар ҳамин тимсол истифода гардидааст [13, 28]. Дар шеъри Меҳринисо устод Рӯдакӣ тимсоли шоирпарварии миллати тоҷик ва мабдаи шеър будани сарзамини тоҷикон аст. Дар шеъри «Ифтихор» шоир ба ҳамин ишора менамояд:

Тоҷикистон, сарзамини шеъру шоирпарварам,

Тоҷикистон, зодгоҳи *Рӯдакиву* модарам [13, 129].

Дар шеъре, ки ба шаҳри Душанбе бахшида шудааст, Меҳринисо дар як байт ҳам устод Рӯдакӣ ва ҳам Ибни Синоро ба сифати талмеҳ истифода намуда, устод Рӯдакиро ҳамчун тимсоли панду ҳикмат ва Ибни Синоро ҳамчун махзани ганҷҳои маънавии гулистони фарҳанги тоҷикон меорад:

Дар ниҳодаш оламе аз ганҷҳои маънавӣ,

Дар дифояш миллати боаҳду паймони ман аст.

*Рӯдакӣ* бо панду андарзи накуяш сарфароз,

*Пури Сино* ҳам саногӯйи гулистони ман аст [13, 23].

Дар абёти зер Меҳринисо тавассути ишора ба номҳои *Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ* ва *Хоҷа Ҳофиз* қадру манзалати образи лирикияшро баён карда, шоирони мазкурро тимсоли беназириву беҳамтоӣ нишон додааст:

Танҳо туӣ, танҳои ман,

Яктои беҳамтои ман.

Эй *Ҳофизу Мавлои* ман,

Танҳо туӣ, танҳо туӣ [13, 55].

Дар байтҳои зерин бошад, устод *Рӯдакӣ, Мавлавӣ* ва *Ҳаким Фирдавсиро* тимсоли мондагории миллати тоҷик, сафодиҳандаи ҷону тани тоҷикон ва махзани забони тоҷикӣ нишон додааст:

Навои уди *Рӯдакӣ* дар анҷуман садо диҳад,

Тавони руҳи *Мавлавӣ* ба ҷону тан сафо диҳад.

Забони *пири Тусро* ману ту ворисӣ кунем,

Шаҳомати худоиро барои мо Худо диҳад [13, 39].

*4.Номи қаҳрамонони ишқномаҳои маъруф*. Дар эҷодиёти Меҳринисо қаҳрамонони ишқномаҳои маъруфи адабиёти классикӣ, монанди: Вомиқу Узро, Юсуф, Зулайхо, Лайлӣ / Лайло, Маҷнун, Қайс, Фарҳод, Ширин ҳамчун талмеҳ истифода гардидаанд. Номҳои мазкур аслан ба ҳайси тимсоли ишқу муҳаббати самимӣ, садоқату вафодорӣ корбурд шуда, шоир матолибу эҳсоси қалбии худро ба василаи онҳо ифода намудааст. Чун шахсони фавқуззикр қаҳрамонон ва тимсолҳои ишқанд, бинобар ин, дар эҷодиёти Меҳринисо онҳо бештар дар ғазалиёти вай мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар як ғазали Меҳринисо якбора чанд номи қаҳрамонони ишқномаҳо: *Маҷнун, Фарҳод (*шоир ӯро киноятан *кӯҳкан* зикр кардааст*), Вомиқ, Узро* ва *Зулайхо* ҳамчун талмеҳ ба кор гирифта шудаанд:

*Маҷнун* зи фироқи ёр месӯхт чу шамъ,

К-эй бехабарон, ҳама муродам ишқ аст.

Меканад ба теша *кӯҳкан* синаи санг,

К-аз ҷони ширин басе муқаддам ишқ аст.

*Вомиқ* ба узри маҳваше чун *Узро*

Дарёфт, ки ҳар нафас Исодам ишқ аст.

Мерафт *Зулайхо* ба ҳарам лобакунон,

Сар то қадаму ҳама ниҳодам ишқ аст [13, 517].

Дар ишорат бар номҳои мазкур шоир баландии мақоми ишқро баён намудааст. Дар байти дуюм *кӯҳкан* киноя аз *Фарҳод* аст. Дар ҳамин байт шоир вожаи *ширинро* низ овардааст, ки ҳарчанд он ба *Ширин* – дӯстдоштаи Фарҳод тааллуқ надорад, бо сабаби он ки ширин (сифат) ва Ширин (исми маҳбуби Фарҳод) – ҳар ду вожаҳои ҳамгунанд, латофати хоссеро ба мазмуни байт ба вуҷуд овардааст.

Дар байти зер Меҳринисо дар баёни матлаби қалбии худ номи *Юсуфро* оварда, тавассути талмеҳи мазкур образи дилро басо таъсирбахш тасвир намудааст:

*Юсуфи* дилро наметонам ба нархи ҷон харид,

Беҳтар он ки ҷону дилро бурда андар чаҳ кунам [12, 201].

Дар байти мазкур ҷуз аз номи Юсуф вожаҳои *нарх, харидан* ва *чаҳ* низ талмеҳанд, зеро онҳо бо Юсуф иртиботи қавӣ доранд.

Номи *Лайло* низ дар ғазали дигари шоир чун Юсуф ҷиҳати офаридани образи дил истифода гардидааст. Меҳринисо талмеҳи *Лайлоро* барои зебоии қалби ошиқ истифода кардааст:

Боз афсун мекунад девонаро *Лайлои* дил,

Боз аз раҳ мезанад эҳсосро мавлои дил [12, 254].

Бояд зикр кард, ки ҷуз аз номи Лайло дар байти боло мавло низ талмеҳ аст, аммо ба навъи қаблӣ тааллуқ дорад.

Дар шеъри «Рӯзе, ки омадӣ» шоир ишорати хубе ба *Фарҳод* ва *Маҷнун* намуда, образи лирикии худро ба онон монанд намудааст:

Рӯзе, ки омадӣ чун соиле ба дар,

Рухсора заъфарон, шайдову хунҷигар.

Бемори бедаво, сар то ба по вафо,

*Фарҳоди худгузар, Маҷнуни дар ба дар*[12, 234].

Талмеҳоте, ки ба василаи қаҳрамонони ишқномаҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, тасвирҳо ва мазомини ишқии ашъори шоирро боз ҳам рангинтару шавқангезтар намуда, бори бадеӣ-эстетикии онҳоро боз ҳам зиёдтар мегардонанд. Тавассути истифода аз талмеҳоти мазкур Меҳринисо як навъ афкори пандуахлоқиро низ баён доштааст ва хонандагони худро ба сабру таҳаммул ва покиву сафо талқин кардааст. Бад-ин ҷиҳат, ин навъ афкори шоирро метавон пандномаҳои ишқии вай унвон дод.

5.Ишорат ба нукоти таърихиву фарҳангӣ. Дар эҷодиёти Меҳринисо талмеҳоте, ки баёнкунандаи мавзуъҳои зиёди таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва нукоти гуногунанд, бисёр ба назар мерасанд. Талмеҳоти мазкур барои баёни мазмунҳо ва матлабҳои мухталиф дар ашъори Меҳринисо истифода шуудаанд.

Аз ҷумла, дар байтҳои зерин дарахти *тубо* киноят аз сояи беду лаби ҷӯ ва *Тури Мусо* киноя аз асрори абру зебоии афсункунандаи маъшуқ мебошад, яъне ҳар ду ҳамчун талмеҳ истифода гардидаанд:

Сояи беду лаби ҷӯ тавъами боғи биҳишт,

Мавҷ-мавҷи хотири ман ёди *тубо* мекунад.

Аз румузу рози абру сояи мижгон мапурс,

Ин ҳикоят ҷовидона *Тури Мусо* мекунад [13, 472].

Дар байти зер бошад, шоир *кӯҳи Қофи* афсонавиро, ки то ҳанӯз касе онро надидааст, ҷиҳати нотавонии худ дар роҳи ишқ тасвир намудааст ва талаб намудааст, ки аҳволи носозгори ӯро ба *кӯҳи Қоф* бубаранд, то дигар бар чунин аҳвол бархӯрд накунад:

Шарҳи ҳоли нотавониро ба пушти *кӯҳи Қоф*

Бо таманнову ҳавасҳои парешонам баред [13, 273].

*Оташи Зардушт* дар байти зер дар маънои фарҳангу тамаддуни қадим истифода гардидааст:

*Оташи Зардушт* нопайдову ман

Ахтарони осмонро бингарам [13, 554].

*Нӯшдору* дар байти зерин ишора бар ҳамон нӯшдоруест, ки бояд барои Суҳроб меоварданд, аммо он киноя аз меҳру муҳаббати маъшуқ аст:

Ту Масеҳои шууру шеъри ман,

*Нӯшдоруи* ман андар ҷоми ту [13, 126].

Нукоти фарҳангиву адабӣ дар эҷодиёти Меҳринисо дар мисоли ишорат бар истилоҳоти хосси мусиқии қадими «Шашмақом» низ ба чашм мерасанд. Меҳринисо дар ашъори худ истилоҳти зиёди соҳаи мусиқиро, ки нишондиҳандаи исми шахсиятҳо ва созҳои мусиқӣ мебошанд, зиёд истифода намудааст. Намунаи беҳтарин дар ин маврид ғазале мебошад, ки ба «Шашмақом» бахшида шуда ва бо ҳамин радиф эҷод шудааст ва матлаи он чунин аст:

Дил ба рақс ояд ба *Талқину навои Шашмақом*,

Бардамад ҷон бар тан аз *Байти* расои *Шашмақом* [13, 394].

Ҳамчунин, дар ғазали мазкур вожаҳои рақс, Талқин, наво, шашмақом, ушшоқ, соз, баёз, базм, зер, Сабо, авҷ, Дугоҳ, Уффар, Наср, чорзарб, Гардун, Саркаш, чанг, Борбад, Накисо ба ҳайси талмеҳ истифода гардида, дар офариниши образҳои шоирона ҳунармандона корбаст шудаанд. Бояд зикр кард, ки дар байти боло вожаи “талқин”, дар навбати худ, санъати таҷнис низ ба ҳисоб меравад.

Ишорат бар нукоти фарҳангӣ дар талмеҳоти Меҳринисо дар мисоли номи китобҳо низ, монанди: «Қуръон», «Яшт», «Авасто», «Занд», «Жанг», «Девони акбар» (/ «Девони кабир»-и Ҷалолуддини Балхӣ), «Шифо» ( / «Китоб-уш-шифо») инъикос меёбад. Масалан, дар байти зер «Девони кабир»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки ҷузъи дувуми онро шоир ба муқтазои вазн дар шакли акбар овардааст, киноя аз махзани давоҳои қалби ошиқон мебошад:

Маро худ содагиҳоям ба гирдоби бало печид,

Давои ин дили девона дар «Девони акбар» нест [13, 207].

Дар мисраъе, ки дар он талмеҳ оварда шудааст, шоир гуфтан мехоҳад, ки давои дили девонагаштаи ӯ, ҳатто, дар “Девони кабир” ҳам, ки махзани розҳову ниёзҳо ва давоҳои қалби ошиқон аст, ёфт намешавад.

Дар шеъри «Танҳоӣ» Меҳринисо ишорат бар китоби «*Занд*» менамояд:

Тавба кардам, накунам фикри баде,

Рӯ ба рӯям вараќи *Зандам* нест [12, 82].

Дар талмеҳоти Меҳринисо ишорат ба давлатҳо, сулолаҳо ё хонадонҳои сиёсии таърихӣ, амсоли: Ғӯриён, Сомониён, Пешдодиён, Самарқанд, Бухоро, Балх ва ғ. ба назар мерасанд. Дар шеъри «Армон», ки ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро бахшида шудааст, шоир дар ишорат ба *Сомонӣ* шукӯҳи таърихии ин ду шаҳри бостониро нишон медиҳад:

Тане ин ҷо ҳамеболад, ки дорад пояҳои тахт,

Саре он ҷо ҳаменолад зи армонҳои *Сомонӣ* [13, 29].

Дар як шеъри беунвоне, ки ба пойтахти Ватани азизамон бахшида шудааст, шоир дар ишорат бар хонадони Сомониён Тоҷикистонро оинадори *Оли Сомон* гуфтааст:

Ин ҷо Душанбе.

Пойтахти Тоҷикистони ман аст,

Беҳтарин оинадори *Оли Сомони* ман аст [13, 23].

Дар яке аз силсилабайтҳое, ки ба мавзуи Ватан бахшида шудаанд, Меҳринисо дар як мисраъ номи се силсилаи сиёсӣ ва давлат: Сомониён, Ғӯриён ва Ориёнро гирифтааст:

Зи қаъри қарнҳои дур, ту пора-пора бо сурур,

Нишонае зи *Сому Ғӯр*, зи *Ориёни* ғарқи нур.

Ба мо расидаӣ, Ватан, ба мисли ношикан булӯр,

Музаффару муборак ин замину халқи боғурур [13, 416].

Дар ҳамин силсилашеърҳо шоир ба *Пешдодиён* низ ишорат намуда, Тоҷикистонро бар он монанд менамояд:

Ту *Пешдодиёни* ман, ту маҳди хусравони ман,

Ту сарзамини орзу ба насли Ховарони ман [13, 416].

Бояд зикр кард, ки *хусравон* ва *Ховарон* ҳам талмеҳ мебошанд: хусравон ишорат бар шоҳони қадими эронӣ ва Ховарон ишорат бар Машриқзамин мекунад.

6. Ишора ба мисраоти шоирон. Дар талмеҳоти бакоргирифтаи Меҳринисо ишора бар нукоти адабӣ, яъне суханони шоирони классик ҳам ба назар мерасад.

Миёни ин навъи талмеҳ ва санъати тазмин шабоҳате вуҷуд дорад, ки дар сари иқтибос аз суханони шоирони дигар нуҳуфтааст. Аммо тазмин чунин навъи санъатест, ки шоир зимни баёни матолиби хеш мисраъе ё байтеро пурра аз шоири дигар меорад ва фикри худро ба василаи он тақвият мебахшад [57, 169]. Масалан, дар ин байти Меҳринисо тазмини мисраи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба назар мерасад:

*Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам*,

Аз оғоз ошнои ман ту бошӣ [12, 105].

Мисраи аввали байти мазкур тазмини ин байти Хоҷа Ҳофиз аст:

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,

Ки бо ман ҳар чи кард, он ошно кард [20, 105].

Аммо дар байти зерин бошад, Меҳринисо ибораҳои маъруфи «*бӯйи ҷӯйи Мӯлиён*» ва «*ёди ёри меҳрубон*» аз қасидаи устод Рӯдакиро талмеҳ кардааст:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён* ояд агар аз кӯйи дӯст,

*Ёди ёри меҳрубон*, ёди Хуросон боду ҳаст [12, 277].

Дар байти зерин аз ғазали дигар бошад, ибораи киноявии «пистаи бемағз» бардоште аз байти Сайидои Насафӣ мебошад:

*Пистаи бемағз* оро медиҳад хони ғазаб,

Саршикаста шохаи пурбори алвонӣ, дилам [12, 206].

Ибораи киноявии мазкурро аввалин бор Сайидои Насафӣ дар ин байташ истифода карда буд:

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,

Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад [16, 234].

Нақши талмеҳ дар ба вуҷуд омадани дигар васоити тасвир, аз ҷумла, киноя, истиора ва ташбеҳ басо назаррас аст. Шоирон, чи классик ва чи муосир, дар тасвири ҳолот ва офаридани мазомин аз санъатҳое, ки ба василаи талмеҳот сохта шудаанд, бисёр истифода намудаанд. Масалан, муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадризо Фаллоҳтафтӣ оид ба киноёти талмеҳӣ дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ таҳқиқот бурда, аз асари мазкур кинояҳои зиёдеро пайдо намудааст, ки нақши талмеҳ дар онҳо басо барҷаста аст [108, 238-240].

Дар талмеҳоти бакоргирифтаи Меҳринисо ҳам на танҳо ишора ба нукоти таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва монанди инҳо ба назар мерасанд, дар онҳо ҳамчунин тарҳрезии дигар навъҳои санъатҳои бадеӣ дида мешавад. Ба дигар маънӣ, қисмате аз талмеҳоти шоир дар ба вуҷуд омадани воситаҳои тасвир амсоли истиора ва ташбеҳот нақши қобили мулоҳиза доранд. Бинобар ҳамин, ба эътибори матраҳ гардидани дигар анвои воситаҳои тасвири бадеӣ, талмеҳоти бакорбурдаи Меҳринисо, дар умум, ба ду навъ ҷудо мешаванд: талмеҳоте, ки дар сохтани истиорот нақш доранд ва талмеҳоте, ки тавассути онҳо ташбеҳот ба вуҷуд омадаанд.

Дар ашъори Меҳринисо талмеҳоте, ки дар сохтани истиора нақши назаррас доранд, бисёр ба чашм мерасанд. Дар чунин талмеҳот бештар номҳои ҷуғрофӣ, номи ашхос ва баъдан номи парандагон истифода мешаванд. Бояд зикр кард, ки бахши талмеҳӣ дар истиораҳое, ки онҳо тавассути талмеҳот сохта мешаванд, дар ҷузъи мулоимот, яъне ваҷҳи шабаҳ, ки қисмати дувумдараҷаи он маҳсуб мешавад, ҷойгир аст. Ба ин тариқ, чун ваҷҳи шабаҳ дар истиора барои сифат ва хусусият бахшидани ашё ва мафҳумҳо хидмат мекунад, талмеҳоте, ки дар ин ҷузъ истифода мегардад, ҷиҳати боз ҳам киноявӣ ва маҷозӣ шудани ашё ва мафҳумҳо ва сохтани мазомини нави шоирона нақши бештар мегузоранд ва таваҷҷуҳи хонандагони худро ба дунёи таъриху фарҳанг ҷалб месозанд, зеро вазифаи аслии талмеҳ ишорат кардан бар нукоти таърихиву фарҳангӣ аст. Ба ин тариқ, чунин навъи талмеҳотро метавон талмеҳоти мустаор ва ё истиораҳои талмеҳӣ ном гирифт. Аммо аз он сабаб  ки омили асосӣ дар ба вуҷуд овардани маҷозу киноя дар чунин навъи ибораҳои маҷозӣ талмеҳ аст ва он дар дараҷаи аввал қарор дорад, *талмеҳоти мустаор* унвон додани онҳо дурусттар аст. Вале бояд дар назар гирифт, ки тавассути талмеҳоти мазкур ибораҳои мустаор, яъне истиораҳо сохта шудаанд ва онҳо аз рӯйи сохтмону шакл ба истиора табдил ёфтаанд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ибораҳои маҷозиеро, ки ба воситаи талмеҳ сохта шудаанд, ба гурӯҳи истиораҳо дохил намудаанд.

Дар иртибот бар ин, дар эҷодиёти Меҳринисо талмеҳоти мустаор дорои навъҳои зерин мебошанд:

а) талмеҳоти мустаоре, ки ба василаи номи инсонҳо сохта шудаанд: Билқиси Сабои ишқ [13, 223], Исои тараб [12, 118], Лайлои дил [12, 254], Мавлои дил [12, 254], Марями навои ишқ [13, 223], Масеҳи шуур [12, 119], Мусии меҳр [12, 189], Сулаймони садоқат [12, 253], Хоҷаи Хизри ошиқон [13, 274], Юсуфи дил [12, 201], Юсуфи ҷон [13, 278]. Чунонки аз мисолҳои мазкур бармеояд, онҳо вобаста ба мавзуъҳои фарққунандаи худ боз ба ду навъ ҷудо мешаванд: 1) талмеҳоте, ки аз намояндагони динӣ сохта шудаанд; 2) талмеҳоте, ки аз қаҳрамонони ишқномаҳо ба вуҷуд омадаанд;

б) талмеҳоти мустаоре, ки ба воситаи номҳои ҷуғрофӣ ва маконҳо сохта шудаанд: Албурзи ҷаҳони модар [9, 95], Бухорои муҳаббат [9, 75], Даҷлаи инсоф [12, 206], Каъбаи дидор [13, 111], Каъбаи дил [13, 17], Каъбаи илм [13, 25], Каъбаи ишқ [13, 143], Каъбаи мақсуд [13, 400], Каъбаи меҳр [13, 155], Каъбаи меҳрубонӣ [13, 152], Каъбаи умед [13, 258; 407], Хуросони сухан [12, 141]. Дар ин навъи талмеҳи мустаор вожаи Каъба нақши назаррастар дорад;

в) талмеҳоти мустаоре, ки аз номи парандагон ба вуҷуд омадаанд. Ин навъи талмеҳ дар ашъори Меҳринисо танҳо як дафъа истифода гардидааст: ҳумои Қофи қурби ноз [12, 291].

Тавассути талмеҳот сохта шудани ташбеҳ низ дар ашъори Меҳринисо зиёд ба чашм мерасад. Ин талмеҳот ҳарчанд номи ташбеҳро гирифтаанд ва агарчи муҳаққиқони муосир бар онҳо унвони изофаи талмеҳӣ низ гузошта, онҳоро яке аз анвои ташбеҳ зикр кардаанд [135, 46], аммо аз он сабаб ки нақши ишорот бар нукоти гуногун дар онҳо бештар аст ва онҳо ба воситаи номҳои таърихиву ҷуғрофӣ ва номҳои ашхос ба вуҷуд омадаанд, унвони талмеҳ ва ё ташбеҳи талмеҳӣ бар онҳо ҷоизтар аст. Меҳринисо ба василаи ишорат кардан ба номҳои гуногун мафҳумҳову ашёро ба ҳамдигар монанд мекунонад. Аз ҳамин сабаб, дар ин қабил ташбеҳот нақши талмеҳ нисбат ба дигар абзори тасвири бадеӣ бештар аст, зеро он омили аввалдараҷаи сохтани шудани ташбеҳ гардидааст. Дар ташбеҳоти талмеҳии Меҳринисо дар ҷузъи талмеҳи он номҳои инсонҳо, махсусан пайғамбарон, бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аммо дар баъзеи онҳо номҳои ҷуғрофӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, дар ин мисраъҳои як шеъри

ошиқонааш Меҳринисо дар ишорат бар Иброҳими Адҳам, ки дар осори тасаввуфиву ирфонӣ ҳамчун Султони ишқ маъруф аст, садоқат ва вафодории ошиқро дар ишқи маҳбубаш ба *Иброҳими Адҳам* монанд менамояд:

Чу *Иброҳими Адҳам* дар раҳи ту
Тамоми мулки султонӣ бибозам [13, 237].

Дар тавсифи шаҳри Душанбе ҳам Меҳринисо ба воситаи ишорати талмеҳӣ пойтахти Тоҷикистонро ба *Бухорову Каъба* монанд менамояд:

Аз азизон ёдгору ворисонро ифтихор,
Чун *Бухорои шарифу Каъбаи* шони ман аст [13, 23].

Дар ғазали зер низ Меҳринисо се талмеҳ (номҳои ҷуғрофӣ) - ро истифода карда, устувории садоқату вафои худро дар роҳи ишқи маҳбуб ба *Албурз* ва меҳри худро ба меҳри муғони *Балху Тироз* монанд кардааст:

Ба сари сидқ чу *Албурзаму* чун меҳри муғон
Аслам аз *Балху Тироз* аст, Худо медонад [13, 156].

Дар ашъори Меҳринисо талмеҳот дар бадеътар ва муассиртар гардонидани сухан нақши қобили таваҷҷуҳ гузошта, тасвирҳои шоиронаи ӯро рангинтару завқбахштар мегардонанд. Агар як вазифаи талмеҳ дар ашъори Меҳринисо ба вуҷуд овардани бори эстетикӣ бошад, вазифаи дигари он хотиррас кардан ва омӯзонидани нукоти таърихӣ низ мебошад. Хонанда бо хондани ашъори шоир агар, аз як тараф, ғизои маънавӣ бигирад, аз тарафи дигар ҷаҳонбинии хешро то ҷое васеътар мегардонад. Вазифаи дигари талмеҳоти бакорбурдаи Меҳринисо, чунонки дар боло зикр шуд, матраҳ сохтани дигар санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ мебошад. Шоир тавассути талмеҳот тавониста ташбеҳотро ҳунармандона ба кор барад ва бо омезиши ду навъи воситаи тасвир мазомини ашъори худро боз ҳам таъсирбахштар гардонад.

### 2.4. Корбурди воситаҳои дигари тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҷуз аз ташбеҳ, истиора ва талмеҳ дигар навъҳои воситаи тасвири бадеии маънавӣ вомехӯранд. Бо вуҷуди он ки мавқеи онҳо дар

қиёс бо санъатҳои дар боло зикршуда дуюмдараҷа ба назар мерасад, онҳо низ дар образнокии мазомини шеърии шоир қобили таваҷҷуҳанд. Ин санъатҳои маънавӣ ташхис, маҷозу киноя, ҳусни мақтаъ ва таҷнис мебошанд.

Ташхис дар маънои истилоҳияш ҷон бахшидан ва сифати одамӣ додан ба ашёву мафҳумҳо мебошад. Нақши ташхис дар таъсирбахштар ифода кардани фикр тавассути «ба забони ҳол овардани предмет ё воқеаҳои табиат ва ҳайвонот» басо барҷаста аст [37, 158]. Ташхис аслан, вобаста ба иштироки мафҳумҳо ва ашё, ба ду навъ ҷудо мешавад: ташхисҳое, ки дар онҳо мафҳумҳои беҷон ҳамчун инсон иштирок мекунанд ва ташхисҳое, ки дар онҳо мафҳумҳои ҷондор, чи ҳайвоноту паррандагон ва чи ашёи мушаххас, монанди одамон ширкат меварзанд ва хусусиятҳои одамиро доро мебошанд. Ташхис ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ дар таъсирбахшу ҷолиб намудани образҳои бадеӣ нақши назаррас дорад. Бо таваҷҷуҳ ба эҷодиёти Меҳринисо ҳам метавон ба он хулоса омад, ки шоир бар ин санъати пардози сухан бетаваҷҷуҳ набудааст. Дар ҳама маҷмуаҳои ашъори Меҳринисо ва дар ҳама анвои шеърии вай намунаҳои зиёдеро аз санъати ташхис метавон пайдо намуд, ки шоир аз онҳо истифодаи басо ҳунармандона кардааст. Дар шеърҳои Меҳринисо ҳам мафҳумҳои мушаххасу конкрет ва ҳам мафҳумҳои ғайримушаххасу абстракт ҳаракат мекунанд ва сифатҳову феъли одамӣ доранд ва монанди инсонҳо рафтори оқилона нишон медиҳанд. Вобаста ба иштироки мафҳумҳо дар ташхисҳои Меҳринисо мо онҳоро ба ду навъ ҷудо намудем:

Ташхисҳое, ки дар онҳо нақши мафҳумҳои мавҳуму абстракт назаррас аст. Дар ин навъи ташхис мафҳумҳои ғайриинсонӣ ва ғайриҷондор чун инсон ширкат меварзанд ва феълу хислати одамиро доро мебошанд. Дар ғазали зерин *ғусса*, ки мафҳуми мавҳуму абстракт аст, ба мисли инсон хоб меравад:

Дар дили шаб *ғуссаҳоро хоб бурд,*
Равшаниву нур мехоҳад дилам [9, 76].

Чунонки аз байти боло бармеояд, *ғусса* ба мисли одамӣ хоб меравад, ҳол он ки ғусса мафҳуми мавҳуму абстракт мебошад ва қобили хоб кардан нест.

Дар шеъри «Дили интизор» *нола*, ки мафҳуми ғайриҷондору абстракт аст, бар тани шоир панҷа мезанад:

*Панҷа мезанад нола* дар танам,

Ё биё ба ҷон, ё маро бубар [12, 56].

Бояд зикр намуд, ки дар ташхисҳо киноя нақши босазо дорад ва дар байти боло низ панҷа задани нола киноя аз доду фиғони шоир дар фироқи маҳбуб аст.

Дар ғазале шоир моҳи дайро чун инсон феъли қадам ниҳодан бахшидааст, ки бар остони умри вай пой мегузорад:

*Моҳи дай по мениҳад* бар остони умри ман,

Ғунчаи нашкуфтаи фасли баҳоронам ҳанӯз [13, 168].

*Фараҳ низ* феъли омадану рафтан ва сухан гуфтанро дорад ва пой бар манзили шоир мениҳад ва бо вай сухан мегӯяд:

*Фараҳ омад, ки дил аз ғам раҳо кун,*

Ба ҳусни хеш оламро намо кун [12, 69].

*Номи маъшуқ* қобилияти гузар карданро дорад, дар шабони умри шоир дар лабонаш қадам мегузорад; *умедҳои шоир* чун инсон барои дидани маъшуқ азми сафар менамоянд:

Азизо, *номи ту бар лаб шаби умрам гузар дорад,*

*Умедам* баҳри дидори ту *оҳанги сафар дорад*[13, 180].

*Сабр* чун инсон сафар менамояд ва *армон* чун инсони бетоқат бесабрӣ мекашад:

*Сабре, ки зи бесабрии армон сафарӣ шуд,*

Завлона надорад, ба Худо, бесару поям [12, 182].

*Хаёл* чун инсони бемадор хастаҳол роҳ меравад:

*Хаёлам хаста меояд зи кӯйи он ки меҷӯям,*

Зи ашки ноумедиҳо даруни сина тӯфон аст [12, 204].

*Хаёли шоир* даст дорад ва китоби қиссаҳои ишқи ӯро варақгардонӣ мекунад ва бо ҳарфҳои хондаи худ шоирро ошуфтаҳол менамояд:

Китоби қиссаҳои ишқи моро

*Варақ чун мезанад дасти хаёлам.*

*Ҳама ҳарфу ҳиҷову нуктаҳояш*

Дубора мекунад ошуфтаҳолам [12, 306].

*Хаёли шоир* барои фаҳмидани аҳволи маҳбуби ӯ бар дараш меравад, то хабари ёрро барои вай биёрад ва *хумор* пой бар дили девонаи шоир мениҳад:

*Хумори* бо ту будан бар дили девона *боз омад,*

*Хаёлам рафта, аз кӯйи ту навмедона боз омад* [12, 287].

*Бахти нопайдои шоир* пой бар дари шоир мегузорад ва бар ӯ бо сабад атри ҳавас мебахшад:

*Бахти нопайдои ман омад ба дар,*

*Як сабад атри ҳавас бахшиду рафт* [13, 401].

Ташхисҳое, ки дар онҳо нақши мафҳумҳои мушаххасу конкрет ва ҳисшаванда назаррас аст. Дар ин навъи ташхис ашёи мушаххас ва қобили эҳсос ба мисли инсон иштирок менамоянд ва феълу хислати одамиро молик мебошанд. Масалан, дар шеъри «Эътироф» қалам қобилияти фаҳмиш дорад ва аз оҳи ногоҳи шоир воқиф аст ва ҳамчун инсон чашм дорад ва монанди шахсони ошиқ аз чашмонаш ашк мебарорад:

Оҳи ногоҳи маро донад *қалам,*

Баски дорад мисли ошиқ чашми нам [12, 63].

*Бод* чун инсон қобилияти қиссагӯйӣ дорад ва *ёсуман* гӯш дорад ва қиссаҳои бодро гӯш мекунад:

*Бод ба гӯши ёсуман қисса бигӯяд аз чаман*,

Боз ба бахти мову ман ёр ба ёр мерасад [13, 274].

*Бод* аз пушти дари шоир пайғоми омадани ёрро медиҳад:

То ба Наврӯз басе фосила боқист, вале

*Бод аз пушти дарам гуфт, ки ёр омадааст* [13, 504].

Чунонки аз мисолҳои зикршуда дида мешавад, дар мардумнамоиии Меҳринисо бештар мафҳумҳои мавҳуму ғайримушаххас иштирок менамоянд ва ашёи қобили ҳиссу мушаххас дар қиёс бо ғайриҳиссӣ басо каманд. Ин яке аз хусусиятҳои назаррас дар ташхисҳои шоир ба ҳисоб меравад.

Дар эҷодиёти Меҳринисо ду унсури муҳимми баёни бадеъ: маҷозу киноя низ иштироки фаъол доранд. Бо ин ки дар таҳлили омории воситаҳои тасвири бакорбурдаи Меҳринисо ин ду унсур ҷойи истиора, ташбеҳ, талмеҳ ва таҷнисро

намегиранд, аммо бо сабаби таваҷҷуҳе, ки шоир бар ин ду унсури ҳунарӣ дорад, нақз ё нодида гирифтани онҳо дар коргоҳи ҳунарии Меҳринисо дур аз инсоф хоҳад буд.

Маҷоз ва киноя, аз ҳайси арзишгузоштти умумӣ, ҳар ду иртиботи мантиқие миёни ҳам доранд, ба эътибори он ки ҳар ду сухани ғайриаслиянд ва маънои дур ва бегона аз аслро ифода мекунанд. Дар китобҳои луғат низ маҷоз ва киноя – ҳар ду ҳамчун маънои ғайриаслӣ нишондод шудаанд, ки гуфтаҳои моро собит месозанд [158, 553; 680]. Дар робита ба ҳамин арзишгузоштти мантиқӣ, ҳам маҷоз ва ҳам киноя бо ҳам наздикӣ доранд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки дар аксари мавридҳо маҷозро бо киноя омехта мекунанд ва ба ҷойи яке дигареро ном мегиранд. Аммо аз ҳайси арзишгузоштти хоссаву алоҳида, унсурҳои мазкур дар илми баён фарқияте аз ҳам доранд, ки вуҷуди ҳамин фарқият хусусиятҳои онҳоро бозгӯйӣ менамояд.

Вожаи маҷоз арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар се маъно шарҳ дода шудааст: 1) маҳалли гузаштан, гузаргоҳ; 2) ғайри ҳақиқат, зидди ҳақиқат; 3) истилоҳи адабиётшиносӣ: кор фармудани ягон калима ба маънои ғайри ҳақиқӣ, ки дар миёни маънои нав (маҷозӣ) ва маънои аслӣ аз ягон ҷиҳат шабоҳате мавҷуд бошад [158, 680].

Дар илми баён муносибатеро, ки дар байни маънои аслӣ ва маънои нав дар маҷоз ба вуҷуд меояд, онро қарина ва ё алоқа меноманд. Вуҷуди ҳамин шабоҳати нисбӣ аст, ки маҷоз аз киноя фарқ менамояд ва дар силсилаи баёни маҷозиву ғайриаслӣ аз он ҷудо мешавад. Дар нигоҳ ба ин, дар ашъори Меҳринисо баёни ғайриаслии мафҳумҳову ашё ба назар мерасад, ки онҳо ба маҷоз тааллуқ доранд, зеро дар онҳо қаринае миёни маънои аслӣ ва маънои нави онҳо вуҷуд дорад. Масалан, дар байти зер феъли *дил гирифтан* маҷоз аст, зеро вожаи *дил* дар он ба ҳайси миёнарав: қарина ва алоқа барои аз маънои аслӣ ба маънои нав (маҷозӣ) кӯчонидан хидмат менамояд:

Эй Худо, болу паре деҳ ба ман,
Ки *дилам дар бари ағёр гирифт* [13, 250].

*Дил гирифтан* маҷозан ғамгин шуданро мегӯянд. Ҳам дар маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ дил ба ҳайси миёнарав хидмат менамояд, зеро танҳо тавассути дил инсон эҳсоси ғамгинӣ менамояд.

Дар байти зерин вожаҳои *сабр* ва *умед* ба ҳайси васлаҳои маънисоз ё воситаҳои кӯчдиҳандаи маъно хидмат кардаанд:

Косаи сабр шикасту нагусаст тори умед,

Ноумедӣ гунаҳу дида барафрӯз, биё [13, 193].

Сабр коса нест, ки шиканад ва умед тор нест, ки қобилияти кандану аз ҳам гусастан дошта бошад. Мақсуди шоир ғояти бесабрӣ ва ноумедӣ аст. Бинобар ин, ҳам вожаи *сабр* ва ҳам *умед* – ҳар ду дар тағйири маънои ибораҳову ҷумлаҳо дар байти мазкур нақши назаррас доранд. Бояд илова намуд, ки маҷози мазкур тавассути истиораи *косаи сабр* ба вуҷуд омадааст. Маънои байт чунин аст: «Дигар сабр карда наметавонам ва ҳанӯз умед ба дидорат дорам, биёву дидагони маро бо рухи хеш равшанӣ бахш».

Дар маҷози мисраи дуюми байти зерин Меҳринисо истиораи *гули табассумро* барои ифодаи феъли маҷозӣ басо ҳунармандона ба кор бурдааст:

Аҷаб ҳоли парешон дорам, эй дӯст,

*Табассум дар лабонам мекунад гул* [13, 186].

Мисраи дуюм пурра дар шакли маҷоз пардохта шуда, маънияш табассум кардан мебошад.

Дар байти зерин ҳам *об шудани умед* дар маънои несту нобуд гаштани умед омадааст:

*Об шуд дар мардумакҳоям умед*,

Гавҳарам бар умқи тӯфон рафт, рафт [13, 190].

Таъсирбахшии байти мазкур иборат аз он аст, ки дар он *гавҳар* ба сифати киноят аз *умед* омадааст, на ифодакунандаи гавҳари чашм, яъне мардумак. Аммо бояд донист, ки вожаи *гавҳар* дар навбати худ бо *мардумакҳо* низ таносуби маъноиву мантиқӣ дорад.

Дар байти поён, ки ба мавзуи модар бахшида шудааст, *ба шодӣ гул кардани ашк* – ин маънои аз шодӣ ашк резонданро дорад:

Бихандад, то *гул кунад ашкам ба шодӣ*

Бихон бар ман суруди нотамомат [9, 86].

*Ашк* миёни маънои аслӣ ва маҷозӣ, яъне маънои нав қарина аст, зеро мавзуъ дар ҳар ду маъно дар гирди вожаи ашк давр мезанад. Маҷози мазкур ҳам тавассути истиораи *гули ашк* ба вуҷуд омадааст.

Дар байти зер *чашмак задани ситора* маҷозан дурахшидани ситораҳои шабонгоҳон ва *дил гум задан* мушаввашу беқарор гардидани он аст:

Шабонгоҳон, ки бар гардун *ситора мезанад чашмак,*

Ба чашми меҳрубони ту *дилам гум мезанад*, модар [9, 46].

Дар бораҳои маҷозии мазкур вожаҳои *ситора* ва *дил* қаринаҳоянд миёни маънои аслӣ ва маҷозӣ.

Яке аз хусусиятҳои маҷоз дар ашъори Меҳринисо иборат аз он аст, ки дар он санъатҳои дигари бадеӣ низ монанди истиора, киноя, тазод ва таҷнис нақш мебозанд, чунонки истифода шудани истиораву киноя дар маҷозро дар мисолҳои фавқ зикр намудем. Дар баъзе аз маҷозҳои шоир мақоми таҷнис низ назаррас аст. Масалан, дар байти зер ҷуз аз истиора тазод низ ба назар мерасад, чун вожаҳои мадору бемадорӣ гунае аз таҷнисро ташкил додаанд, зеро решаҳои онҳо гуногунанд:

Дар мадори орзуи худ намеёбам туро,

Ғарқ дар мавҷи сароби бемадорӣ мешавам [13, 383].

Аммо дар маҷози байти мазкур, ки пурра ҷумлаи дуюмро фаро мегирад, мақоми калидӣ аз они истиора аст, чун *мавҷи сароби бемадорӣ* дар алоҳидагӣ истиораи мураккаби муканния аст. Вале дар нигоҳ бар худи маҷоз вожаи калидии он *бемадорӣ* аст, ки манзури шоир ин сахт беҳолу бемадор будани худи ӯст. Бинобар ин, *бемадорӣ* миёни маънои маҷозӣ ва маънои нав қаринаву воситаи алоқа аст.

Мисолҳое, ки оварда шуданд, танҳо тааллуқ бар он маҷозҳое доранд, ки тавассути ибора ва ҷумла ба вуҷуд омадаанд, ҳол он ки истифода аз калимаҳои маҷозӣ дар ашъори шоир зиёд ба чашм мерасад. Аммо бояд таъкид кард, ки зеботарин навъи маҷоз маҷозҳое мебошанд, ки тавассути ҷумла тарҳрезӣ шудаанд

ва ё шакли ҷумларо доро мебошанд. Ин навъи маҷоз қиёсан комилтару пурмаънитар ва таъсирбахштар буда, андешаи ҳар хонандаро ба манзараи пуртахайюли мафҳумҳову ашё равона месозанд. Дар ашъори Меҳринисо ҳам ин навъи маҷоз ҷилваи махсус доранд.

Агар дар маҷоз қарина ё ягон василаи алоқа ва ё васлаи ба вуҷуд овардани муносибот миёни маънои маҷозӣ ва нав мавҷуд бошад, дар киноя чунин восита вуҷуд надорад. Ин ҷиҳат асоситарин нишони фарқият миёни маҷоз ва киноя аст. Хусусияти дигари фарққунандаи маҷоз дар он аст, ки дар маҷоз метавонад киноя вуҷуд дошта бошад ва ё василаи ҷумлаи маҷозӣ киноя бошад, чунонки чанд намуна аз инро дар мавриди маҷоз оварда будем, аммо дар киноя наметавонад маҷоз (ба сифати як воситаи тасвири алоҳида дар дохили киноя) вуҷуд дошта бошад, зеро киноя худ ҳадди баланди маҷозу рамз аст. Чунонки истиора ҳадди баланди ташбеҳ аст, киноя низ ҳамчун ҳадди баланди суханҳои маҷозӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи эронӣ Ҷамол Алиманиш дар ин мавриද дуруст қайд менамояд, ки «мурод аз киноя фаротар рафтан аз маънои зоҳирӣ ба маънои киноӣ аст» [28, 253]. Ба андешаи мо, доираи иштироки киноя нисбат ба маҷоз тангтар аст, киноя дар бештари мавридҳо дар шакли калимаву ибора ширкат меварзад ва мавзуи матлабро ғайриҳақиқӣ мегардонад.

Бинобар ҳамин хусусияташ, киноя дар китобҳои луғат дар маънои калимаву иборае шарҳ дода шудааст, ки ҷуз аз маънои аслӣ дар маънои маҷозии дигаре кор фармуда мешавад [153, 553]. Ба таъбири Атоуллоҳ Ҳусайнӣ, киноят он аст, ки «чизе гӯянд ва аз ӯ иродаи чизе дигар кунанд» [19, 151]. Агар дар маҷоз қарина ё алоқа вуҷуд дошта бошад, дар киноя макниюн биҳи иштирок мекунад, ки василаи сифаткунии мафҳумҳову ашё ва инсонҳо мебошад. Мафҳумҳову ашёи сифатшаванда дар санъати киноя макниюн анҳу номида мешаванд. Дар киноя макниюн анҳу иштирок намекунад, аммо он ба василаи макниюн биҳи сифат карда мешавад. Сируси Шамисо ҷузъи сифаткунандаро, ки макниюн биҳи мебошад, алфоз ё маънои зоҳирӣ ва ҷузъи сифатшавандаро, ки макниюн анҳу ном дорад ва иштирок намекунад, маънои мақсуд номидааст [130, 93]. Ба андешаи мо,

унвонгузории ҷузъҳои киноя аз ҷониби муҳаққиқи зикршуда дуруст аст, зеро дар киноя ҷузъи макниюн анҳу ҳеҷ гоҳ иштирок намекунад ва сурати зоҳир надорад.

Киноя ба лиҳози чигунагии васфи ҷузъи ғоиби он ва ба гуфтаи Сируси Шамисо, маънои мақсуд, яъне макниюн анҳу ба навъҳои гуногун ҷудо мешавад: киноя аз мавсуф, киноя аз сифат, киноя аз феъл ё масдар. Бинобар ин хусусиятҳои санъати мазкур, мо кинояҳои бакорбурдаи Меҳринисоро аз ҳамин нуқтаи назар мавриди таҳқиқ қарор додем. Дар ашъори Меҳринисо киноят аз сифат дарёфта нашуд, аммо анвои дигар каму беш истифода гардидаанд.

Киноят аз мавсуф дар эҷодиёти шоир як бор ба назар расид. Дар байти зер Меҳринисо тавассути сифате, ки дар макниюн биҳи ба кор гирифта, мавсуф, яъне макниюн анҳуро киноя кардааст:

Як дили дардошноро дил наёфт,
*Ғунчаи сар дар гиребон* рафт, ҳайф [13, 190].

Мақсуд ва ё макниюн анҳу дар кинояи бакоргирифтаи Меҳринисо дил аст, ки ба ҷиҳати ношинохтагиву ноошноӣ шоир онро ба *ғунчаи сар дар гиребон* монанд кардааст. Як хусусияти кинояи мазкур дар он инъикос мегардад, ки он дар навбати худ ташбеҳи пӯшида низ ҳаст, яъне шоир гуфтан мехоҳад, ки дили вай ҳамчун ғунчаи сар дар гиребон аст.

Бар хилофи кинояи навъи боло, киноя аз феъл дар ашъори Меҳринисо басо зиёд вомехӯрад. Дар кинояи навъи мазкур ҷузъи макниюн биҳи ҳамеша дар шакли феъл ё масдар меояд ва воқеӣ аст, ки ҷузъи мақсуди он ҳам, ки макниюн анҳу мебошад, феъл аст. Аслан, ин навъро ба эътибори ҷузъи дуюми он киноя аз феъл меноманд. Тибқи гуфтаи Сируси Шамисо, ин навъи киноя роиҷтарин анвои он ба шумор меравад [130, 95]. Сабаби бештар роиҷ гардидани кинояи навъи мазкур дар он аст, ки он дар забони мардум ҳам мавриди истифода қарор дорад ва мардум чи дар забони адабӣ ва чи дар забони гуфтугӯйӣ ва муҳовара суханҳои кинояviро бо истифода аз феълҳову масдарҳо бештар истифода менамоянд.

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҳам феълҳову масдарҳои зиёде дида мешаванд, ки дар маънои ғайриаслии онҳо, яъне ба тарзи киноявӣ истифода гардидаанд.

Масалан, дар байти зер маънои беэътиноӣ, бепарвоӣ ва беэҳтиромиро тавассути кинояи *пушти по задан* баён намудааст:

Ноумедиро *ба пушти по бизан*, Меҳринисо,

Бо умеди субҳдам ҷон меканад ҷонам ҳанӯз [9, 189].

Дар шеъри «Боз борон асту борон» бошад, Меҳринисо дарду андӯҳи танҳоии худро, ки бар асари бемодарияш бар ӯ ҳуҷум оварда буданд, бо чунин киноя ифода намудааст:

Он замон, бо ҳузн шояд, ӯ ба умқи олами худ дида медӯхт?

Ман ҷудо аз дарди модар, *лойи дегам шуъла мепухт*. . . [9, 21].

Дар шеъри «Кӯчи нур» низ, ки ба фироқу ёди модар бахшида шудааст, Меҳринисо дарду аламҳои хешро тавассути киноявҳои таъсирбахше баён намудааст:

Рӯзгорам сияҳу зиндагӣ берангу фараҳ,

*Ҷигарам об шуду* рехт ба дарё, аламо.

Ҳама ғам *зону занад* пеши ғами рафтани ӯ,

Дили ман *зону зада* пеши тавалло, аламо [9, 59].

Дар абёти мазкур *об шудани ҷигар* киноя аз гирифтории сахт ба дарду алам ва *зону задан* киноя аз тобеъ будан ва ночизу беарзиш будан аст.

Дар байти зерин *ба дандон газидани ангушт* киноя аз дарди зиёд аст:

*Ба дандон мегазам ангушт*, ба дармонам ҳазорон мушт,

Ҳамон рӯзе, ки чун Зардушт рӯ сӯйи Худо кардам [13, 209].

Дандон ба дандон ниҳодан дар байти зер киноя аз хашму ғазаб мебошад:

Ҳарза мегӯям забардасте, ки ошиқ шудааст,

*Мениҳам дандон ба дандону* ғазаб дармекашам [13, 210].

Дар шеъри «Дунёи падар» дучор гаштан ба мушкилоти зиндагии худро Меҳринисо бо чунин киноя баён намудааст:

Он замон, ки *пой дар гил мондаам,*

Хоҷаи Хизри мададгорам туӣ [13, 398].

Дар шеъри «Руҷуъ», ки шоир онро ба бародари кӯҳнаварди ҷавонмаргаш Фотеҳҷон бахшидааст, аз даҳони вай дар хитоб ба модараш мегӯяд:

Марг омад бар суроғам,

Дар фарози кӯҳҳо,

Дар миёни қуллаҳои барфпӯше, ки лабонаш

*Абрҳоро бӯса мекард* [9, 69].

Дар мисраи охири шеър *абрҳоро бӯса кардани лабони қуллаҳо* киноя аз баландии кӯҳҳо мебошад.

Дар ғазали зерин феъли *бӯ бурдан* киноят аз фаҳмидану дарк кардан аст:

Боғҳо ранг ба ранг аз нури хуршеду сабо,

Ту чаро *бӯ набарӣ*, дил, ки баҳор омадааст [13, 504].

Чунонки аз намунаҳои фавқ дида мешавад, ҷузъи макниюн биҳи дар ҳамаи кинояҳои бакорбурдаи шоир дар шакли феъл омада, мақсуд ва макниюн анҳуи онҳо низ ифодакунандаи феълҳоянд.

Яке аз хусусиятҳои назарраси ашъори Меҳринисо ҳусни мақтаъ мебошад. Ҳусни мақтаъ, ки онро ҳусни хитом низ гӯянд, он аст, ки дар байти охири шеър, хусусан ғазал, шоир иборот ва алфози зебову дилнишинро баён карда, ба ин васила дар зеҳни хонанда «асаре хушоянд»-ро барҷой мегузорад [57, 209]. Т. Зеҳнӣ ҳусни мақтаъро ба навъи маънавии санъати бадеӣ марбут дониста, онро дар радифи дигар санъатҳои маънавӣ ҷой додааст [53, 124]. Агарчи ҳусни мақтаъ танҳо ба жанри ғазал хос нест ва чунонки адабиётшинос Р. Мусулмониён мегӯяд, «ҳар як асари барҷастаи бадеӣ ҳусни мақтаъ дорад» [75, 217], аммо аз он ҷиҳат ки яке аз хусусиятҳои ҳусни мақтаъ алоқамандӣ бо тахаллуси шоир аст ва тахаллус махсуси ғазал аст, робитаи мантиқии ин санъат бо жанри мазкур бештар ба назар мерасад. Шоир дар мақтаи ғазали худ бо истифода аз латифбаёнӣ ва ифодаи дилнишин тахаллуси худро тарзе мавриди истифода қарор медиҳад, ки дар хотири ҳар хонанда нақш мебандад ва хонанда аз он як навъ кайфият ва ғизои маънавӣ мегирад.

Бояд қайд намуд, ки ҳусни мақтаъ агар бо тарзи адои шоир иртиботи ногусастанӣ дошта бошад, бо тахаллуси шоир ҳам робитаи мантиқӣ дорад, зеро ба василаи тарзи махсуси корбурд аз тахаллус бори эстетикии мақтаи ғазал вазнинтар мегардад. Аз ин ҷиҳат, мо ҳусни мақтаъро дар эҷодиёти Меҳринисо дар иртибот бар ғазалиёти ӯ мавриди баррасӣ воқеъ гардонидем, зеро зебоии хатми шеър ва тарзи махсусу марғуби тахаллус дар ҳамин навъи шеърии Меҳринисо ба

назар мерасад. Масалан, дар байти зерин, ки мақтаи яке аз ғазалҳои Меҳринисо аст, зебоии байти охир ҳам дар тарзи адо ва ҳам тарзи корбурди тахаллус эҳсос мешавад:

Гарду ғубори роҳам дар раҳгузори будан,

Номам Нисову меҳрам мероси насли оянд [13, 495].

Чунонки дар мисраи дувуми байти мазкур дида мешавад, шоир тахаллуси худро ду қисмат карда, бо истифода аз он фикри худро ба тарзи хоссе адо кардааст.

Ҳусни мақтаъ метавонад, ки бе овардани тахаллус ҳам сомон пазирад. Дар ин маврид тарзи адои шоир дар мадди аввал меистад. Аз ҷумла, дар мақтаи зерини як ғазали Меҳринисо, ҳарчанд ки тахаллус истифода нагардидааст, зебоии тарзи адо эҳсос мешавад:

Бо ёди ту музайян бинмуда шоми торам,

Ин номаро ба номат бо хуни дил навиштам [13, 35].

Дар ҳусни мақтаи мазкур нақши тасвири шоирона назаррас мебошад.

Ҳусни мақтаъро шоир метавонд тавассути истифодаи зебо аз воситаҳои тасвири бадеӣ сомон диҳад. Масалан, дар байти поён ҳам, ки ҳукми байти охирини ғазалро дорад, бе истифода аз тахаллус зебоии махсус эҳсос мешавад, ки он ба тарзи махсуси корбурди санъати талмеҳ, ташбеҳи зимнӣ ва истиораи мураккаб алоқамандӣ дорад:

Мансури туам, сури манӣ, шуҳраи ишқам,

Ҷуз қомати сабзи суханам дор надорам [13, 189].

Дар байти боло *Мансур* ва *дор* талмеҳ, *сури манӣ* – ташбеҳи зимнӣ, *қомати сабзи сухан* истиораи мураккаби муканния мебошад. Дар навбати худ, миёни вожаи *Мансур* ва ибораи *сури ман* як навъ калимабозӣ ва тақобул ба назар мерасад.

Дар байти зерин аз як мақтаи ғазал ҳам Меҳринисо ҳусни мақтаъро бо тарзи адо ба вуҷуд овардааст ва агарчи дар он тахаллус ҳам истифода гардидааст, зебоӣ дар мақтаъ ба он рабт надорад, балки бо шеваи баён эҷоди қофияи дарунӣ дар мисраи якум ва тахайюли шоиронаи муаллиф алоқаманд аст:

Дили Меҳринисо дарё, ки мегунҷад дар он дунё,

Ту дунёи манӣ, бе ту ман огоҳона танҳоям [13, 172].

Дар байти зерин мавқеи дарёфти мазмун ва санъати талмеҳ дар эҷоди ҳусни мақтаъ басо равшан аст:

Ба ӯ гуфтам, тавоноӣ, маро берун бикаш аз ғам,

Нидо омад, ки эй ғофил, ҳама Юсуф паямбар нест! [13, 207]

Дар ғазалҳои Меҳринисо ҳусни мақтаъ ба василаи тасвирҳои зебову хаёлӣ низ ба вуҷуд омадааст, ки ҳамчунин тасвирҳои мақтаӣ дар шеъри муосири тоҷик басо нодиранд. Аз ҷумла, дар мақтаи поён, ки Меҳринисо дар хаёлаш розҳои худро пеши насим мекушояд ва тавассути розҳои хеш акси кабӯтарро тарсим мекунад. Акси кабӯтар ин ҷо кинояте аз василаи мактубрасонӣ ба маъшуқ аст:

Ғунчаосо мекушоям рози худро бо насим,

Аз дили шаб то саҳар акси кабӯтар мекашам [13, 210].

Дар байти мазкур нақши санъатҳои бадеии ташбеҳ, ташхис, истиора ва киноя низ назаррас аст.

Гоҳо дар ғазалҳои Меҳринисо ҳусни мақтаъ тавассути равонии ифода низ ба вуҷуд оварда шудааст, аз ҷумла дар байти зерин:

Гуфтам: Марав, ки бе ту рӯзам шаби сиёҳ аст,

Гуфто ба меҳрубонӣ: «Оҳи саҳар гирифта» [13, 449].

Аммо бояд зикр намуд, ки дар байти мазкур омили зебоии мақтаъ ҷуз аз равонии тарзи адо санъатҳои тазод (шаби сиёҳ /саҳар) ва таҷнис (оҳи саҳар) низ ба ҳисоб хоҳанд рафт.

Дар мақтаи зерин бошад, нақши дарёфти фикр назаррас аст:

Дил гуфт: Бигӯ, Меҳринисо, қиссаи фардо,

Фардо зи Худо бошаду дидан натавонам [12, 284].

Дар мақтаъҳои Меҳринисо авомили зебоӣ ва дилнишинӣ, чунонки зикр гардид, тарзи адои марғубу таъсирбахш, овардани тахаллус ба таври хосса, истифодаи ҳунармандона аз санъатҳои бадеӣ, хаёлбофӣ, дарёфти мазмуни нав ва тасвири шоиронаи ашё ба ҳисоб меравад.

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҷуз аз санъатҳои маънавӣ, ҳамчунин, санъатҳои лафзӣ низ ба назар мерасанд. Аз зумраи санъатҳои лафзии бадеӣ, ки дар ашъори шоир ҷилваи бештар дорад, ин таҷниси лафзӣ мебошад. Таҷнис дар китобҳои

луғат дар маънои ҳамҷинс кардан ва монанд намудан омадааст [154, 358]. Аммо дар маънои истилоҳӣ таҷнис воситаи тасвири маънавиву лафзии бадеиест, ки тавассути бакоргирии вожаҳо ва ибораҳои ҳамшакл, вале дар маъноҳои гуногун шоир мазомини шеърии худро муассиртару зеботар мегардонад.

Яке аз хусусиятҳои таҷниси лафзӣ дар он муайян мегардад, ки ин воситаи тасвири бадеиро метавон аз матн пайдо намуд, яъне агар дар мисраъ ё байт ду ва зиёда вожаи ҳамшакл, аммо гуногунмаъно истифода шуда бошанд, танҳо дар ҳамин сурати гуногунмаъноӣ онҳоро метавон таҷнис ё ҷинос ном гузошт [53, 138]. Тавассути ҳамин вазифаи таҷнис аст, ки шоир бо шинохти маъноии калима иртибот пайдо карда, бори маъноии ашъори худро вазнинтар менамояд ва ин бори маъноиро барои шинохт ба хонандагони худ интиқол медиҳад. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар ҳамин маврид қайд менамояд, ки «дар шинохти шеър фикр дар калима чизи дигар аст ва шинохти маъно дар зеҳни калимаҳо чизи дигар аст” [32, 44]. Вагарна, агар дар мисраъ ё байт ду вожа дар ҳамон як маъно истифода шуда бошанд, онҳо наметавонанд таҷнис бошанд ва ин ҳолат, чунонки муҳаққиқони илми бадеъ мегӯянд, аз уюби сухан, яъне нуқсонҳои шеърӣ ба ҳисоб меравад.

Дар эҷодиёти Меҳринисо аз ду навъи санъати таҷнис, ки яке таҷниси маънавӣ ва дигаре лафзӣ мебошад, таҷниси навъи дувум мақоми аввалдараҷа дорад. Санъати мазкур навъи таҷнисест, ки дар як байт ё мисраъ ду вожаи ҳамшакл, аммо дар маъноҳои мутафовит корбаст мешаванд. Вуҷуди ҳамин маъноҳои фарқкунанда сабабгори ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ дохил кардани он гардидааст. Таҷниси лафзӣ дар ашъори Меҳринисо басо ҳунармандона ба кор бурда шудааст ва дар ҳақиқат василаи образнокии вожаҳову мазомини шеърии вай гардидааст. Масалан дар шеъри «Сароб» вай дастро дар ду маънӣ: 1) дар маъноии аслии худ, яъне узви инсон ва 2) онро дар таркиби феъли номӣ дар маънои ёрӣ додан истифода намудааст:

Бояд, ки равам пешу ба ҷуз фотиҳаи сабр
*Дасти* дигаре *даст нагирад* ману ин дил [12, 115].

Яъне: каси дигаре маро ба ҷуз аз сабру таҳаммул ба ёрӣ намерасад.

Дар байти зерин аз шеъри «Меҳрона», ки ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст, се ҳарфи нахустин дар вожаҳои *додан* ва вожаи *дод* таҷнис ҳисобида мешаванд:

Офтобӣ дар самои сарварӣ,

*Додаӣ доди* адолатгустарӣ [13, 21].

Яъне: бо адолатпарварии хеш дар тамоми олам маъруф гардидаӣ ва ҳеҷ кас дар риояи адолат бар пояи ту намерасад.

Меҳринисо ҷиҳати таъсирбахштар гаштани афкори шоиронаи хеш аз шаклҳо ва навъҳои гуногуни таҷнис истифода намудааст. Аз ҷумла дар шеъри «Файз бирафт», ки Меҳринисо онро ба модараш бахшидааст, тавассути ибораи *ба ҳузур* ва сифати *баҳузур*, ки ҳар ду шаклан яканд, таҷниси навъи мураккабро истифода намудааст:

Ҳайфи ман, к-ин ҳама фурсат боре

Нанишастам *ба ҳузураш баҳузур* [9, 47].

Маънии *ба ҳузур*, яъне: дар пеши модар ва маънои *баҳузур* ин бо роҳату фароғат мебошад. Яъне, шоир чунин гуфтан мехоҳад: «Афсӯс, ки дар айёми дар қайди ҳаёт будани модарам, боре дар пеши ӯ бо роҳат нишаста натавонистам». Шоир дар байти боло ибораро бо вожа ҳамҷинс намудааст.

Ҳамчунин, дар шеъри «Навои Мастона», ки ба ҳофизаи маъруфи шашмақомхони тоҷик бахшида шудааст, тавассути таҷниси навъи том ду вожаи *наво*, аммо дар маъноҳои гуногун корбурд шудааст, ки яке дар маънои истилоҳе марбут бар «Шашмақом», яъне яке аз *пардаҳои* он ва дигаре дар маънои *овозу садо* истифода гардидааст:

Ту, эй Мастона, чун хонӣ Наворо бо навои хеш,

Касе андар мақому соз мисли ту музаффар нест [12, 129].

Дар байти зерин аз шеъри «Роҳи хато норафта беҳ» низ тавассути ибораи пешояндии *аз саргузашт* ва феъли *аз сар гузашт* таҷниси мураккаб истифода гардидааст.

Он чи туро аз сар гузашт, аз саргузашт, аз сар гузашт,

Аз сарнавишт ин қиссаи шабҳои бефардои мо [13, 162].

Зимнан, бояд қайд намуд, ки ду феъли дар як шакл аз саргузашт бо ҳам таҷнис нахоҳанд буд, онҳо танҳо бо ибораи зикршуда аз саргузашт метавонанд таҷнис бошанд.

Дар ғазали зер вожаи *боз* дар як мисраъ ба ду маънӣ кор фармуда шудааст: 1) дар маънои кушодан; 2 ) дар маънои дафъа ва бозпас гаштан ва ҳар ду таҷниси том ҳисобида мешаванд:

*Боз* макун гиреҳи дил, *боз* нагардам ин сафар,
Сӯйи ту, эй азизи дил, сӯйи умеди барҳадар [12, 170].

Яъне: гиреҳи дили маро макушо, ки ман бори дигар назди ту наёям. Ин ҷо *гиреҳ боз кардан* киноят аз илтифоти образи лирикӣ аст. Нақши маҷозу киноя дар таҷнисҳои Меҳринисо басо назаррас аст, тавассути онҳо суханҳои шоир таъсирбахштар ва ҷолибтар мегарданд. Яке аз хусусиятҳои таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо ҳам дар ҳамин таҷнисҳои малеҳу киноявӣ аст, ки бемуҳобо, сарчашмаи онҳо таъсиргирӣ аз тарзи таҷниспардозии классикон аст.

Меҳринисо таҷниси навъи зоидро ҳам ҳунармандона ба кор гирифтааст. Аз ҷумла вожаи *бод* ҳам дар байти зерин дар ду маънӣ: 1) шамол; 2) дуову хоҳиш омада, таҷниси зоид маҳсуб мешавад:

Ман дар ин ҷамъияте, ки *бод бодо* хирманаш,
Хаставу бишкаставу хотирпарешонам ҳанӯз [13, 168].

*Хирманаш бод будан* маънои аз ҳам пошида шудани хирман аст, ки киноят аз вайронӣ аст.

Яке аз хусусиятҳои таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо иборат аз он аст, ки баъзан онҳо дар ашъори вай бозӣ мекунанд ва зимоми маъноҳои байтро дар ихтиёри худ мегиранд. Бар илова, таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо, ғайр аз он ки дар гуногунии маъно нақши босазо мегузоранд, ба туфайли такрори худ як навъ мусиқиро дар ашъори вай ба вуҷуд меоваранд. Ин яке аз хусусиятҳои ҳунари шоирии Меҳринисо дар мавриди истифода аз таҷнис аст. Масалан, дар байти зер ҳам гуногунмаъноии як вожа ва ҳам мусиқиофарии он ба хубӣ эҳсос мешавад:

Баҳори ман *гузашту* рафт, қатори турнаи *гузашт,*
*Гузаштам* аз *гузаштаҳо* ба ҳурмати хазони ту [12, 194].

Вожаи *гузашт* дар байти мазкур, агарчи аз як реша ба вуҷуд омадааст, дар байти фавқ дар чаҳор маънӣ истифода шудааст: якум, маънои феълӣ (дар оғози байт), яъне гузаштан ва сипарӣ шудан; дуюм, дар маънои сифати турна, яъне турнае, ки сифаташ гузаштану рафтан аст; сеюм, дар маънои илтифот накардан ё аз баҳри чизе гузаштан; чаҳорум, дар маънои замони сипаришуда, яъне он чи дар замони гузашта ба амал омадааст. Маънии байт чунин аст: баҳори ман ҳамчун қатори турнаҳои гузаштаистода гузарон аст, аммо ман ба эҳтироми хазони ту аз он чи дар гузаштаҳо бар ман гузаштааст, назару илтифоте надорам ва аз баҳри он мегузарам. *Хазон* дар байти зикршуда киноя аз бори ҳиҷрон ва ғаму андӯҳ дар баробари образи лирикӣ аст. Байти мазкур, бар иловаи истифодаи ҳунармандона аз санъати таҷнис, ба туфайли корбурди ташбеҳи пӯшида (шабоҳати гузаштани баҳор бо турнаи гузашт) ва тазод (баҳор-хазон) низ ҷаззобияти махсусе пайдо намудааст.

Хусусияти дигар таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо он аст, ки корбурди он тавассути вожаҳое, ки аз як реша ба вуҷуд омадаанд, дар ашъори шоир ҷилваи махсус дорад, чунонки намунае аз он дар боло оварда шуд. Дар байти зерин ҳам ду вожаи *қисмат*, ҳарчанд ки аз як реша об хӯрдаанд, ифодакунандаи ду маънӣ мебошад: 1) тақсим кардан; 2) сарнавишт:

Хор шуд дар рӯйи кафҳоям гули дидори ту,<br>
Кошки аз *қисмати қисмат* хабар медоштам [13, 197].

Вижагии дигари таҷнис дар ашъори Меҳринисо иборат аз он аст, ки баъзан он миёни феъли таркибӣ ва феъли сохта низ ба вуҷуд меояд. Масалан, дар байти зер тавассути феъли таркибии *гузашта нест* ва феъли *гузаштанист* шоир ҷиноси лафзиро ба вуҷуд овардааст:

Шикваи мову ман куҷо, ёд надорам он қадар,<br>
Ин ҳама дам гузашта нест, он ҳама ғам гузаштанист [12, 170].

Таҷнисҳои бакоргирифтаи Меҳринисо агар, аз як тараф, бори маъноии байтро таъмин созанд, аз сӯйи дигар, дар мусиқибахшӣ ва хушнавоии шеъри вай ҳиссаи назаррас мегузоранд. Вобаста ба ҳамин нукта таҷнис дар ашъори шоир ду вазифаи бадеиро иҷро менамояд, ки яке ба ҷиҳати маъноии вожаҳо ва дигар ба ҷанбаи мусиқоии байту мисраъ тааллуқ доранд. Вазифаи дигар таҷнисҳои

бакорбурдаи Меҳринисо иборат аз он аст, ки тавассути онҳо дигар васоити тавсири бадеӣ низ корбаст шуда, бори бадеии мисраъ ва байтро вазнинтар намудаанд.

Чунонки қайд шуд, дар ашъори Меҳринисо нақши санъатҳои бадеӣ амсоли истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, маҷоз, киноя, таҷнис ва ҳусни мақтаъ нисбат ба дигар васоити тасвири бадеӣ назаррастар мебошад. Аз навъҳои санъати истиора шоир бештар бар навъи муканнияи тахйилӣ ва аз шаклҳои он ба ҳар ду: ҳам ба сода ва ҳам ба мураккаби он таваҷҷуҳ доштааст. Аз санъати талмеҳ бештар талмеҳоте, ки ишорат бар нукоти таърихӣ мекунанд, дар ашъори шоир назаррастар мебошанд. Дар мавриди ташбеҳ бошад, анвои музмар ва сареҳ ва аз ҳайси сохт ташбеҳи муфрад ва мураккаби он таваҷҷуҳи Меҳринисоро ба худ бештар ҷалб кардаанд. Дар иртибот бо санъати ташхис бошад, дар мазмунофарии Меҳринисо ҳам мафҳумҳои абстракту мавҳум ва ҳам мафҳумҳои мушаххасу ҳисшаванда иштирок менамоянд. Дар бакоргирии маҷоз шоир бештар аз феълҳои маҷозӣ ва халқӣ кумак гирифтааст. Дар мавриди киноя бошад, шоир бештар ҷузъи мавсуфи ибора ва феълҳову масдарҳоро истифода карда, дар киноӣ кардани суханони хешбештар аз онҳо кумак гирифтааст. Ҳусни мақтаъ чун анъана бештар дар ғазалҳои Меҳринисо корбурд шуда, абёти охирини ишқномаҳои ӯро зинат бахшида, бори бадеӣ-эстетикии онҳоро зиёдтар намудааст. Аз санъатҳои лафзӣ бошад, шоир бештар ба таҷиниси лафзӣ ё шаклӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Бад-ин минвол, гуногунии истифода аз воситаҳои тасвир агар аз як тараф сабабгори бадеътар гаштани ашъори Меҳринисо гашта бошад, аз тарафи дигар, муҷиби ғанитар гаштани захираи луғавии ашъори ӯ аз ҳайси маҷоз ва маънию мазмун шудааст. Дар бакоргирии санъатҳои мазкур Меҳринисо аслан анъанаи пешиниён, ба хоса шоирони классикро идома додааст ва аксари онҳо ҳам аз ҳайси навъ ва ҳам аз ҷиҳати шаклу сохтор ҳамон қолабҳои суннатиянд. Аммо дар мавриди баъзе аз истиораҳо ва ташбеҳоти бакорбурдаи шоир навъе аз ибтикорот ба чашм мерасад, ки он бештар ба тарзи адо ва услуби махсуси вай иртибот дорад. Дар эҷодиёти Меҳринисо махсусан намунаҳои зиёде аз истиораро метавон пайдо намуд, ки аз ҳайси мазмун ва дарёфти маъно дар худ тозагие доранд ва далолат бар Истиқлол ва дарёфтҳои ҳунарии вай менамоянд.

## БОБИ III
## ХУСУСИЯТҲОИ САБКИИ АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Бо ин ки Меҳринисо ба таври хоксорона мегӯяд, ки қурби қаламу қимати ашъораш хароб аст [13, 454] ва бо ин ки мегӯяд: “Андалебони фиғонам бесадо афтодаанд” [13, 460], ӯ дорои сабку салиқаи хуби шоирӣ аст ва ашъори дар ҳама мавзуъҳо сурудааш нишондиҳандаи малакаву маҳорати шоистаи ҳунари вай мебошанд. Меҳринисо дар ҷо-ҷойи ашъораш ишоратҳо бар равиши сухансароӣ ва ҳунари шеърпардозии хеш намудааст, ки тавассути онҳо метавон бо сабки вай шинос гардид. Дар онҳо шоир худро «шоири озодаву шоистахаёл» [13, 530] ва шеъри худро «сухани пухта» [12, 60], «қомати сабзи сухан (-ам)» [12, 189], «даричаи умед ба нур» [13, 450], «дунёи савту тарона» [13, 451], «ҳиҷову ҳарфи воло» [13, 444], «ғазалҳои дилангезу равон» [13, 556] қаламдод кардааст.

Ашъори Меҳринисо бо тароват ва хушобии худ ёде аз табиати зебо ва баҳорони сарсабзро медиҳад ва чунонки худи ӯ мегӯяд, бӯйи саҳро, гули хори дараро бар машом мерасонанд ва ҳамовози шаршараҳои кӯҳ мебошанд:

Гулвожаҳои шеъри ман
Бо бӯйи саҳроии худ
Озодаруҳам мекунанд.
Бӯйи гули хори дара
Бо зарбу рези шаршара
Мафтуни кӯҳам мекунанд,
Масти шукӯҳам мекунанд [13, 349].

Меҳринисо дар як ғазалаш тарзи суханпардозии худро бухороӣ ном гирифтааст, ки ин ишора ба сабки мовароуннаҳрӣ ва шоирони ҳавзаи адабии Бухоро мебошад:

Наврӯз муборак бод, эй мардуми озода,
Хонам ғазали тоза бо сабки бухороӣ [12, 106].

Сабки пардози Меҳринисо, дар умум, иборат аст аз вуҷуди мусиқии махсус дар ашъори вай, ифодаи равону дилнишин, истифода аз вожаҳои наву гуворо,

иборaву таркибҳои тоза, корбурди халқиёт ё вожаҳо ва ибораҳои мардумӣ, коргирӣ аз сухани мутаноқиз ё парадокс, каламбур ё калимабозӣ, муҷазбаёниву мухтасаргӯйӣ. Вуҷуди хусусиятҳои мазкур дар ашъори Меҳринисо сухани ӯро басо осонфаҳму наздик ба забони мардум гардонидааст. Дар иртибот бо ҳамин хусусиятҳо мо онҳоро ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додем.

## 3.1. Корбурди вожаҳои нав ва ибораҳою ифодаҳои халқӣ

Дар эҷодиёти ҳар шоири соҳибҳунар ва баистеъдод вожаҳоеро метавон дарёфт, ки қисмате аз онҳо каму беш дар ашъори дигар шоирон ба чашм мерасанд, аммо қисмате аз онҳо маҳсули эҷоди худи ононанд. Шоири эҷодкор ин вожагони нави худро чун тифл парасторӣ мекунад, онҳоро рушду камол медиҳад ва пероҳани нави маъно мепӯшонад. Ба гуфтаи адабиётшинос Умар Сафар, «шоир дар ҷаҳону коргоҳи эҷоди хеш ҳамроҳ бо вожагони забон ба сар мебарад. Танҳо ӯ метавонад бо обу гили ин калимот зебоӣ бисозад, деворҳои нақшини рӯзгори моро бино кунад» [99, 142]. Меҳринисо дар мусоҳибае, ки бо хабарнигори «Паёми донишҷӯ» Б. Абдураҳим ба анҷом расонида буд, дар хусуси шеър ва робитаи вожаҳову калимаҳо бо он чунин баён менамояд: «Шеър чун фарзанд аст ва шоир пайваста мекӯшад, ки фарзандашро бо сару либоси шинаму мувофиқ оро диҳад ва сару либоси шеър калимаю вожа ва ибораю мисраъҳои зебо мебошанд» [40, 12].

Дар адабиёти муосири тоҷик ба эътирофи умуми муҳаққиқон устод Лоиқ Шералӣ ҳунармандтарин шоири вожасозу мазмунофар ва ба гуфтаи муҳаққиқи эронӣ Алиризо Иброҳимӣ, «султони қудратманди вожаҳо» ба шумор меравад [56, 216]. Меҳринисо ҳам дар мавриди бакоргирии вожагони ноб, дар эҷоди баъзе вожаҳои наву тоза саҳм гирифтааст. Дар эҷодиёти Меҳринисо вожаҳои зиёде мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки агарчи қисмате аз онҳо қаблан дар захираи луғавии забони тоҷикӣ вуҷуд доштаанд, ба назар нав ҷилва менамоянд ва нақши онҳо дар таъсирбахштар кардани образҳову мафҳумҳо басо назаррас мебошад. Аз ҷумла, вожаҳое, ки шоир дар ашъори худ ҷиҳати тасвири ҳолоти худ, образҳои лирикии ашъори худ ва дигар мафҳумҳо корбаст кардааст, инҳо вожаҳое

амсоли: беихтиёрӣ [13,109], бенӯш [12, 107], бесӯӣ [12, 83], бехеш [12, 88], бодбодакҳо [9, 72], гулнамо [12, 125], гунаҳрам [13, 166], ғамоғӯш [13, 42], дамгарон [13, 149], дилвопас [13, 53], дилвопасӣ [13, 92], дилгазон [12, 220], дорам [13, 52], кавокибзор [13, 236], каснобадаркор [12, 83], мисраяк [12, 53], мӯидан [12, 49], навандӯзӣ [13, 112], навидак [12, 44], напарвоидан [13, 275], нимараҳ [13, 164], новақтӣ [12, 88], нокуҷо [12, 109], нохондамеҳмон [12, 83], ношикан [9, 50], обитар [12, 48], пояндарӯд [12, 34], пӯпанакбаста [12, 47], равӣ [12, 131], роҳгир [12, 224], силсилаборон [13, 167], сияҳсор [12, 282], сӯяк [12, 30], хардовар [12, 282], хасоташ [13, 93], чашмак [12, 44], чилгиреҳ [12, 241], шакаробод [13, 418], шаҳпарак [12, 227], шӯридасомонӣ [12, 65] мебошанд.

Хусусияти назарраси вожаҳои мазкур, пеш аз ҳама, дар ҷанбаи хушоҳангии онҳо ҷилвагар мешавад. Дар ягонтои ин вожаҳо гӯшхарошиву оҳанги нохуш эҳсос намегардад, дар онҳо ҳамсадои ба табиати забони тоҷикӣ бегона истифода нагардидаанд. Вожаҳои мазкур, бинобар ин, дар матни ашъори шоир вазифаи таъмини як навъ равониву мусиқоии мисраъҳоро иҷро менамоянд. Алиасғари Шеърдӯст дар таҳқиқоте, ки оид ба ашъори шоирони муосир бурда буд, дар қатори дигар ансоири шеърӣ нақши вожаҳоро дар эҷоди оҳангу мусиқӣ дар эҷодиёти шеъри Нодири Нодирпур қайд карда буд [141, 186]. Ҳамин нуктаро метавон дар мавриди вожаҳои мазкур дар шеъри Меҳринисо низ ба хубӣ эҳсос намуд.

Хусусияти вижаи вожаҳои мазкур дар тарзи истифодаи онҳо вобаста ба услуби забони муҳовараи имрӯзи тоҷикӣ инъикос меёбад. Масалан, вожаи *дорам*, ки аз масдари *доштан* ба вуҷуд омадааст, дар байти зерини шоир дар маънои *доро будан* корбурд шудааст, ки ин тарз дар забони муҳовараи тоҷикӣ мустаъмал аст:

Меҳринисо надорад ҷуз меҳр ганҷи дигар,
Бо ганҷи меҳрубонӣ *дорам* будан ғанимат [13, 52].

Бояд зикр кард, ки вожаи *дорам* дар ин маънӣ дар забони классикон истифода нагардидааст ва ин тарзи корбурд ба забони гуфтугӯйии тоҷикӣ хос аст. Хусусияти услубии вожаи мазкур ҳам дар ҳамин инъикос мегардад.

Яке аз хусусиятҳои назарраси истифодаи вожаҳои махсусу дилнишин дар эҷодиёти Меҳринисо – ин ба василаи пасванди тасғир ё хурдсози *–ак* (-як) ба кор гирифтани воҳидҳои мазкур аст, ки вожаҳои амсоли мисраяк [12, 53], навидак [12, 44], сӯяк [12, 30], чашмак [12, 44] аз зумраи онҳо мебошанд.

Хусусияти дигари шаклии баъзе аз вожаҳои бакоргирифтаи шоир дар он инъикос меёбад, ки онҳо тавассути пешвандҳои бе- ва но-истифода гардидаанд, чунончи вожаҳои беихтиёрӣ [13, 109], бенӯш [12, 107], бесӯӣ [12, 83], бехеш [12, 88], новақтӣ [12, 88], нокуҷо [12, 109], нохондамеҳмон [12, 83], ношикан [9, 50] аз ин қабиланд. Пешвандҳои мазкур, агарчи ҳар ду инкорро ифода мекунанд, вазифаҳои услубии ҷудогунаро иҷро менамоянд. Масалан, дар ҷойи вожаи *бенӯш нонӯшро* ва ба ҷойи *нохондамеҳмон бехондамеҳмонро* наметавон ба кор бурд. Аммо баъзан, дар ҷойи яке дигареро метавон истифода кард. Масалан, дар вожаи *новақтӣ* метавон пешванди *но*-ро ба *бе- и*ваз кард.

Бояд зикр кард, ки нақши вожаҳои нав дар эҷоди истиораҳои шоир басо назаррас аст, яъне вожаҳои мазкур дар образофаринии мафҳумҳо ва пероста гардонидани онҳо вазифаи эстетикиро басо муассир иҷро намуда, дар образнокии мафҳумҳо ҷилваи махсус доранд. Аскар Ҳаким ҳам ҳамин вазифаи вожаҳоро дар эҷоди образҳои нави шоирона таъкид карда, ба низоми адабиёт дохил шудани образҳои наву обнашустаро тавассути корбурди ҳамчунин вожаҳо нишон медиҳад [122, 133]. Ин гуфтаҳо дар байти зери Меҳринисо дар мисоли вожаи бодбодакҳо ба назар мерасад, ки шоир ба василаи истиораи нави *бодбодакҳои ёд* образи нави *ёдро* ба вуҷуд овардааст:

*Бодбодакҳои ёдам* то Сурайё меравад,
Турнаҳои меҳри ман рӯ-рӯйи дарё меравад [9, 72].

Дар шеъри зерин ҳам нақши вожаи *хасоташ* дар бадеъ кардани сухан назаррас аст, чун тавассути он шоир истиораи зебои *хасоташи шавқро* сохтааст:

*Хасоташи шавқи* ту шудам ман,
Бо бахти бадам чӣ чора созам?
То кай зи ҳиҷюю ҳарзаи ту
Бо майли дилам ибора созам? [13, 93]

Хусусияти дигари вожаҳои нави бакоргирифтаи Меҳринисо аз ду вожа ба вуҷуд овардани вожаи зебои дигар дар маънои воҳид ва нав аст. Масалан, шоир тавассути вожаи *гунаҳ* ва феъли *рамидан* вожаи зебои шоиронаи *гунаҳрамро*, ки нав аст ва маънои бегуноҳу баиффатро дорад, ба вуҷуд овардааст:

Ба ҷуз аз ҷафо аз ин ишқ набувад, вале ҳанӯзам

Ба сари вафо нишаста, ба Худо *гунаҳрами* ту [13, 166].

Ҳамчунин, дар байти зер шоир ба воситаи вожаҳои *ғам* ва *оғӯш* вожаи дигари бисёр зебои шоиронаи *ғамоғӯширо* ба вуҷуд овардааст, ки маънои ҳадди зиёди ғамгиниву андӯҳмандиро дорад:

Ба оғӯши фаромӯшӣ, ғамоғӯшиву хомӯшӣ,

Ту охир мешавӣ ҷӯё садоям, гуфтугӯямро [13, 42].

Хусусияти дигари бакоргирии вожаҳои нав дар шеъри Меҳринисо дар он инъикос мегардад, ки шоир баъзан аз вожаҳое, ки нав нестанд ва дар забони гуфтугӯйии мардумӣ, яъне забони муҳовара мустаъмаланд ва дар забони классикон мавриди истифода қарор нагирифтаанд, дар ашъори ғиноияш барои баёни ҳолоти ботинии хеш ба кор мегирад. Масалан, дар шеъри «Ҳеҷ андар ҳеҷ» Меҳринисо вожаҳои *каснобадаркор* ва *нохондамеҳмонро*, ки хосси забони гуфтугӯйӣ ва шеваҳои тоҷикиянд, дар баёни ҳамин ҳолот истифода намудааст:

Мани ҳарҷоиву *каснобадаркор*

Туро мисли ҳамеша мепарастам.

. . . Ман он *нохондамеҳмони* ғарибам,

Ки бошам ё набошам бармало, хайр [12, 83].

Вожаҳои нави бакоргирифтаи Меҳринисо дар ашъори вай вазифаҳои гуногуни услубӣ ва бадеӣ-эстетикиро иҷро намуда, дар образнокии мафҳумҳову ашёи тасвирнамудаи вай ва дар бори бадеии бештар пайдо кардани онҳо нақши басо намоён доранд. Нависандаи маъруфи рус М. Горкий нақши забонро дар рушду инкишофи адабиёт басо назаррас баррасӣ намуда, онро ба ҳайси унсури асосии адабиёт ва ҳамчун аслиҳаи каломи бадеӣ эътироф кардааст, ки қобили қабул аст [44, 145]. Шоири хушкалом Мирсаид Миршакар ҳам забонро ҳамчун аслиҳаи тавоно дар дасти шахси адиб қаламдод кардааст, аммо ба шарте ки адиб

тамоми нозукиҳои онро эҳсос карда тавонад [73, 113]. Гуфтаи адибони мазкурро дар иртибот бо таъсири забон ба шеър метавон дар мисоли нақши вожагон дар эҷодиёти Меҳринисо низ собит сохт. Чунонки дар намунаҳои боло дида мешавад, дар шеъри Меҳринисо тавассути вожагон ҷанбаи воқеии рухдодҳову ҳолатҳо бештар гардида, бо ин роҳ таъсирбахшии онҳо боз ҳам афзунтар мегардад ва бо ин тариқ ҳусни забони тоҷикӣ ҷилва менамояд. Агар теъдоде аз вожаҳои мазкур дар забони муҳовараи тоҷикӣ мавриди истифода воқеъ гардида бошанд, теъдоде аз онҳоро чунин ба назар мерасад, ки худи шоир ба вуҷуд овардааст ва маҳсули хаёлпардозиҳои худи ӯ ба ҳисоб меравaнд. Аммо як ҷиҳати назарраси бакоргирии ин вожаҳо дар ашъори Меҳринисо иборат аз он аст, ки шоир тавонистааст, то тавассути онҳо афкору андешаҳои бадеии хешро ба таври басо зебову завқбахш ба силки назм кашад ва дар ин маврид муваффақ ҳам гардад.

Дар ашъори Меҳринисо дар баробари вожаҳои нав, ҳамчунин, теъдоди зиёди ибораҳову таркибҳои нави шоиронаро метавон вохӯрд, ки шоир ба василаи онҳо дар пардозу пироиш ва бадеъ кардани суханони хеш кӯшиши қобили таҳсин намудааст.

Худоӣ Шарифов шоириро иборат аз «зуҳури фаровони фазилат ва ғинои забони миллӣ» тавсиф намуда, бетавофутии шахси шоирро нисбат ба дониши забонӣ барои ҳар шоир хатар маънидод карда буд [139, 104]. Ибораву таркибҳои нави Меҳринисо дорои хусусиятҳои гуногуни услубӣ буда, дар ашъори ӯ агар, аз як тараф, тобишҳои вижаи маъноиро ба вуҷуд оварда бошанд, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи фазилати забондонӣ ва ғановати вай дар ин маврид мебошанд. Яке аз хусусиятҳои назарраси онҳо тобиши зебои шоирона ва бадеъ доштани онҳост, яъне дар онҳо зебоӣ ва малоҳати сухан ба таври хос ҷилвагар гардидааст. Аз ин миён ибораву таркибҳои назири: андешаи гулпӯши ишқ [12, 206], афсонаи умри шоирона [13, 342], беҳтар зи меҳр [13, 255], гулбоғи насринбаста [12, 241], дили боронӣ [13, 156], ёди атромези ҳавасҳо [12, 117], зархаридони муҳаббат [13, 284], илтифоти шабнам [12, 32], куҳаншаҳри хотираҳои ишқ [9, 98], қалби ғамполо [12, 258], қатраборони хамӯш [12, 186], мардумакҳои пушаймон [13, 273], найнавози хотир [13, 108], накҳати пайғоми хуш [12, 40], нафаси атласӣ [13, 92],

рақси борон [13, 298], рӯйи дубаргаи дастони дуо [13, 92], сабзаи фархундапай [13, 386], садои нафасҳои гули маҳтоб [9, 82], садои шукуфтани баҳор [9, 82], сарнавишти хоксор [12, 193], сози борон [13, 294], парвози шоиронаи армон [13, 134], парии шаҳри афсона [12, 282], уммеди гулгунии фардо [13, 33], хоби ноз [12, 29], ҳавасҳои дили боронӣ [12, 170], ҳаҷри сабзпӯши ман [13, 87], ҳофизи ноз [12, 277], ], чашми хазон [12, 241], шаби танҳорав [12, 7], шеъри биҳиштоғӯш [12, 10], шикасти маъсумона [12, 188]-ро метавон ба ҳайси алфози зебои шоирона ва зебо қаламдод кард.

Устод Турсунзода дар яке аз мақолаҳои худ, ки ба услуби шоирони ҷавон бахшида буд, ба Боқӣ Раҳимзода, дар баробари таърифи тарзи баёни вай, ҳамчунин, маслиҳат медиҳанд, ки аз баъзе калимаҳои бегонаву ноошно дурӣ ҷӯяд [94, 99]. Дар ҳамин маврид, бояд қайд намуд, ки вожаҳои андаруни ибораву таркибҳои боло чи дар забони классикон ва чи дар забони муосири тоҷикӣ ҳамагӣ мустаъмал ва ошноянд. Аммо саҳми қаламӣ Меҳринисо дар таҳияву сохтмон ва баҳамоварии ибораҳову таркибҳо тавассути вожаҳои мазкур қобили мулоҳиза аст. Шоир ба василаи ибораву таркибҳои нави худ хонандаро ба олами рӯъёии мафҳумҳо равона сохта, ба вай ғизои лазизи маънавӣ мебахшад. Масалан, дар шеъри «Қодири қудрати танҳоӣ» бо истифода аз ду ибораи зебо – садои шукуфтани баҳор, садои нафасҳои гули маҳтоб зебоии табиатро чунин ба силки назм кашидааст:

Ман *садои шукуфтани баҳорро* мешунавам,
*Садои нафасҳои гули маҳтобро*,
Ки малеҳона ба падруди шафақ механдад [9, 82].

Дар байти зер ҳам бо истифода аз се ибораи шоирона: *гулбоғи насринбаста, чашми хазон* ва *сарсабзиҳои ҳаҷр* мазмунҳои навро ба вуҷуд овардааст:

Аз ҷабру истеҳзои сабр бо *сарсабзиҳои ҳаҷр*,
Мангар ту бо *чашми хазон гулбоғи насринбастаро* [12, 241].

Дар байти боло миёни ибораҳои мазкур дар ибораи *сарсабзиҳои ҳаҷр* таноқузи фикр ба назар мерасад. Бояд зикр кард, ки дар ибораҳову таркибҳои нави Меҳринисо истифода аз тарзи таноқузи фикр, яъне ба ҳам овардани вожаҳое

пиромуни як мафҳум, ки миёни онҳо таносуби мантиқӣ вуҷуд надошта бошад, яке аз вижагиҳои услубӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷиҳат яке аз хусусиятҳои вижаи ибораофаринӣ ва таркибсозии шоир ба ҳисоб меравад. Масалан, дар ибораву таркибҳои амсоли: бахти бадбахт [12, 215], висоли бесарупой [13, 195], ёдбуди ёдҳо [13, 96], қафаси худшиканӣ [12, 284], лаҳзаи беёд [12, 116], мадори бемадори ёдҳо [12, 183], маслаки номардумӣ [12, 217], пояи бепойӣ [13, 110], ранҷи беозор [13, 45], рӯ ба рӯйи хотир [12, 95], тавони бехудиҳо [12, 184], уммеди ноумед [13, 111], ҷамъи хотирҷамъ [13, 97], ҷашни беқарорӣ [13, 109], ҷилваи беорӣ [12, 111] ин ҷиҳат ба назар мерасад, чун дар онҳо як навъ таноқузи фикрӣ ё номутаносибии мантиқӣ-маъноӣ эҳсос мешавад.

Дар тарзи таноқузи фикр воҳидҳо дар аксари мавридҳо бо ҳам таносуби мантиқӣ надоранд, аммо шоир барои таъсирбахш намудани андешаҳои шоиронаи худ воҳидҳои бо ҳам бегонаро ба ҳамдигар пайванд медиҳад ва аз онҳо мафҳум ё образе меофарад, ки андешаи ҳар хонандаро ба дунёи тахайюлот мекашонад. Масалан, Меҳринисо дар байти зерин аз *бепой*, ки мафҳуми абстракту мавҳум аст ва маънои он мухолифи появу такя аст, *поя* сохтааст:

Мегиряму механдам, ҷонкандаву мебандам,
Бо ту сари паймонам дар *пояи бепой* [13, 110].

*Худшиканӣ* маънои аз худ раҳо шуданро дорад. Ин вожа дар луғатномаҳо вуҷуд надорад ва эҳтимол меравад, ки маҳсули хаёли шоиронаи Меҳринисо бошад. Меҳринисо тавассути ин вожа ибораи мутаноқизи *қафаси худшиканиро* сохтааст:

Ту дар он гӯшаи дилхоҳи анӯш,
Дили ман дар *қафаси худшиканӣ* [12, 284].

Хусусияти дигари ибораву таркибҳои мазкур тавассути алфози муҳовара сохта шудани онҳост. Дар онҳо яке аз аҷзо тобиши мардумӣ дорад, яъне дар забони гуфтугӯйии мардумӣ истеъмол мешавад. Масалан, дар ибораву таркибҳои амсоли: абри рав [13, 47], ёди ғампӯш [12, 130], лабханди базӯриву дурӯғин [12, 84], наврӯзи ба дар [13, 112] ин хусусият ба назар мерасад. Вожаҳову ибораҳои навъи мазкур дар ашъори шоир мақоми калидӣ ё ҷанбаи муҳимми тасвиру

образофариниро низ доро мебошанд. Нависандаи маъруфи рус А. Фадеев дар ҳамин маврид дуруст қайд менамояд, ки нависанда барои тасвири мафҳумҳо дар баробари баҳри бекaнораи вожагон қарор гирифта, аз миёни анбӯҳи вожагон яке аз онҳоро, ки ҷиҳати тасвир ва асарбахшӣ мувофиқтар аст, интихоб менамояд ва бо ин роҳ ҷанба ва мавқеи калидии онҳоро фароҳам меоварад [107, 410].

Феъли *рав,* агарчи асоси замони ҳозира аст ва маънои амру фармон дар замони мазкурро медиҳад, дар забони муҳовараи тоҷикӣ дар маънои *раванда* низ истифода мешавад. Меҳринисо ҳам ҳамин тарзи истифода дар забони гуфтугӯйиро ба кор гирифтааст:

Ман аз доғи гули маҳтоб меҷӯям гуноҳамро,
Паси *абри рав* ин фарёди бефарёд мемонад [13, 47].

Иборaи *ба дар* низ дар забони гуфтугӯйии мардумӣ дар маънои *рав* ё *раванда* ва ё *анҷомпазиру нопоянд* истифода мешавад. Ҳамин маъниро Меҳринисо дар иборaи *наврӯзи ба дар* дар маънои *наврӯзи раванда* ва *тезгузар* ба кор бурдааст:

Бемораму бефараҳ зи навандӯзӣ,
*Наврӯзи ба дар* дилам намебардорад [13, 112].

Вожаи *базӯрӣ* дар забони гуфтугӯйии тоҷикӣ дар маънои маҷбурӣ ё иҷборӣ истифода мешавад. Ҳамин маъноро Меҳринисо дар иборaи *лабханди базӯриву дурӯғин* ба кор гирифтааст:

Надорам болу парвозам муҳол аст
Аз ин ғурбатсарои қисмати хеш.
Ба *лабханди базӯриву дурӯғин*
Бипардозам ба таскини дили хеш [12, 84].

Дар таркибу ибораҳои бакорбурдаи Меҳринисо саҳми эҷоди худи шоир бештар ба назар мерасад. Ин равиш мавқеи Меҳринисоро дар сохтмону тарҳрезии ибораҳову таркибҳои нави забони тоҷикӣ тавассути мазмунофаринӣ ва тасвири шоиронаи ашё ва мафҳумҳо нишон дода, аз сӯйи дигар, истеъдоди вожаофаринӣ ва ибораороии ӯро миёни дигар адибони муосири тоҷик дар даврони Истиқлолият бозгӯйӣ менамояд.

Воҳидҳои гуногуни забонӣ дар ашъори шоирон, чунонки Аскар Ҳакимов қайд намудааст, ҷуз аз «типӣ кунонидани образҳо, шароити тасвир» ва дигар вазифаҳои худ, пеш аз ҳама, ҷиҳати «инъикоси таассурот ва тасаввурот аз дунёи хориҷ ва ботин», ҳамчунин, баҳри ифодаи ҷиҳатҳои фардии шахсияти мавриди тасвир ба кор мераванд [123, 68]. Таваҷҷуҳи озоду бетаассуби Меҳринисо ба забони муҳовара ва истиқбол аз услуби гуфтугӯйиву роиҷи тоҷикӣ муҷиби истифодаи вожаҳои зиёде гашта, ки махсуси забони мардуманд ва миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа мавриди корбурд қарор доранд. Яке аз хусусиятҳои махсусу назарраси ашъори Меҳринисо дар истифодаи алфози оммиёна ҷилвагар мегардад, алфозе, ки бештар миёни мардуми одӣ аз онҳо истиқбол мешавад. Ин қабил вожаҳо агар, аз як тараф, ба андешаҳои бадеи Меҳринисо лаззату завқи махсус бубахшанд, аз тарафи дигар, ҳусни суханҳои вайро бештар ва онҳоро заминитару воқеитар ва ба халқ наздиктар мегардонанд.

Истифода аз забони зиндаи халқ ва ё алфози мардумӣ дар ашъори Меҳринисо ба се тарз сурат гирифтааст: 1) тавассути вожаҳо; 2) тавассути ибораҳо; 3) тавассути ҷумла.

1. *Истифода аз вожаҳо*. Дар ашъори Меҳринисо чунин вожаҳои халқӣ корбаст шудаанд, ки дар фазои зиндагонии одии мардумӣ истифодаи рӯзмарра доранд: *алла* [9, 73], *алов* [13, 103, 138], *бадар* [13, 112], *бафурҷа* [9, 118], *бефараҷ* [13, 112], *гушнагург* [12, 210], *кулча* [9, 32], *Лаку Пак* [12, 216], *лахча* [9, 116], *милла* [9, 40], *пуркорак* [9, 47], *пухтупаз* [9, 39], *пӯписа* [9, 118], *садқа* [13, 229, 459; 7, 10, 54], *самбӯса* [9, 116], сандалӣ [9, 116], *сипанд* [12, 190], *танӯр* [9, 32], *тевина* [13, 68], *тӯмор* [9, 11, 46], *фас* [9, 118], *халос* [13, 409], *хасалов* [12, 241; 11, 404], *худоӣ* [13, 251], *чобуқ* [9, 37], *ширмол* [9, 29].

Вожаҳои мардумӣ дар ашъори Меҳринисо дар таъсирбахштар гаштани маънию мазмун нақши барҷастаро барҷой мегузоранд; яъне, ба дигар маънӣ, бори маъноии матни шеърро таъмин менамоянд. Аз сӯйи дигар, вожаҳои мазкур тамоюли халқии шоирро низ нишон медиҳанд. Аз ҷумла, дар намунаи зерин аз шеъри “Дар куҷоӣ, модарам” вожаи *тевина*, ки хосси забони мардум буда, дар

маънои сӯзани бузург истифода мешавад, нишондиҳандаи майлу рағбати шоир нисбат ба забони зиндаи халқ аст:

Шонаву оина бар ҷой,
Сӯзану *тевина* бар ҷой,
Суфраи пашмина бар ҷой,
Дар куҷоӣ, модари ҷон? [13, 68]

Вожаҳои хосси забони мардум дар ашъори шоир дорои вижагиҳои гуногун мебошанд. Яке аз ин вижагиҳо он аст, ки шоир дар як байт ду вожаи хосси забони мардумро истифода намудааст. Дуюм ин ки ин вожаҳо аз нигоҳи истеъмол, дар навбати худ, ба ду навъ ҷудо мешаванд. Навъи якум вожаҳои сирф мардумӣ ё мустаъмал дар забони рӯзмарра буда, навъи дуюм ҳам ба забони халқ ва ҳам ба забони адабӣ тааллуқ дорад. Чунончи, дар шеъри "Дилам намебардорад" вожаи *бефараҳ* сирф хосси забони мардум ва вожаи *бадар* хосси ҳам забони мардум ва ҳам забони адабӣ мебошад:

Бемораму *бефараҳ* зи навандӯзӣ ,
Наврӯзи *бадар* дилам намебардорад [13, 112].

Вожаи *бефараҳ* дар забони мардум дар маънои *хаставу бемадор* истифода мешавад. Аммо дар мавриди вожаи *бадар* бояд қайд кард, ки шоир онро на дар маънои роиҷ, ки дар забони гуфтугӯйӣ ва адабӣ дар маънои баровардан истеъмол мешавад, истифода намудааст; балки муроди шоир аз вожаи *бадар* дар ҳоли гурез ё саросема аст. Яъне, шоир гуфтан мехоҳад, ки дили ӯ Наврӯзеро, ки дар ҳоли гурез аст, намебардорад ё аз Наврӯзе, ки гурезону саросема аст, безор аст. Дар ҳамин маънӣ вожаи *бадар* танҳо дар забони мардум истифода мешавад.

2. *Ибораҳо*. Ҷуз аз вожаҳо дар ашъори Меҳринисо ибораҳои махсуси мардумӣ низ истифода шудаанд, ки услуби онҳо марбут бар тарзи муҳовара ё забони гуфтугӯйӣ аст. Ин қабил ибораҳо дар ашъори Меҳринисо ҳамагӣ феълиянд. Ибораҳои феълии мазкур дар ашъори Меҳринисо, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) ибораҳои феълии озоди орӣ аз маҷоз, ки танҳо маънои аслии феълиро ифода менамоянд. Аз ҷумлаи ин ибораҳои феълӣ *арғушт рафтан* [12, 309], *қаҳрӣ*

*шудан* [13, 96], *пазмон шудан* [12, 308], *тагорӯ кардан* [13, 135], *фараҳ доштан* [13, 246], *яхча бастан* [9, 119].

Иборaҳои феълӣ дар муассиртару тасвиритар шудани мазомини ашъори Меҳринисо нақши қобили таваҷҷуҳ доранд. Аз ҷумла, дар байти зерин аз шеъри "Чароғ дар дил" ибораи *тагорӯ кардан*, ки дар забони халқ маънои вайрону бетартиб карданро дорад, дар тасвиритар гаштани мазмуни мисраи дуюм саҳм гузоштааст:

Ман ба оҳанги дилу дунёи худ хӯ кардаам,

Тираабри хотири танҳо *тагорӯ кардаам* [13, 135].

Вазифаи аслии иборaҳову ифодаҳои халқӣ, дар матни ашъори ҳар суханвар, пеш аз ҳама, таъсир расонидан бар эҳсосоти одамӣ аст. Ҳамин аст, ки шоирон иборaҳои мазкурро бештар дар ашъори ғиноӣ ба кор мебаранд. Аз ҷумла, дар шеъри "Қаҳрӣ мешавам" Меҳринисо ибораи "*қаҳрӣ шудан*"-ро, ки дар забони халқ дар маънои рӯй гардонидан ва ё аҳди дӯстӣ баркандан мебошад, басо зебову таъсирбахш истифода кардааст:

Умедҳоро бохта,

Дилро ба дом андохта,

Аз ғам Худое сохта,

Ман бо ту *қаҳрӣ мешавам* [13, 96];

2) иборaҳои феълии маҷозӣ, ки маънои онҳо тавассути ифодаи киноиву маҷозӣ ба вуҷуд омадааст: *дил гум задан* ё *гум задани дил* [9, 33, 38, 46, 51, 68, 83; 10, 84, 147, 178, 307; 11, 41, 64, 124], *дил кашол будан* [13, 216, 271], *дил таҳ кашидан* [9, 51], *худоӣ кардан* [13, 287], *ҷигар об шудан* [9, 59], *ҷон ба каф гирифтан* [9, 61], *ҷон шудан* [9, 55; 11, 148].

Агар дар иборaҳои ғайримаҷозӣ мазмуну маънӣ аз роҳи озод, яъне бе сухани маҷозӣ сурат бигирад, дар иборaҳои маҷозӣ нақши маҷоз, баръакс, дар муассиртар гардонидани мазмун барҷаста аст. Ин хусусияти иборaҳои мазкур дар байти зерини як ғазали шоир бо радифи "карду рафт" ба таври назаррас мушоҳида мешавад, шоир дар он ибораи феълии *худоӣ карданро*, ки маънои маҷозӣ дорад ва

дар забони мардум дар маънои бепул ё ройгон додан истифода мешавад, истифода кардааст:

Зиндагӣ подоши олии Худо буду дилам

Ҳар нафасро бар ҳавасҳоям *худоӣ карду* рафт [13, 287].

Дар ашъори Меҳринисо миёни ҷамеи ибораҳои маҷозӣ ибораи *дил гум задан* ё *гум задани дил*, ки дар забони мардум дар маънои ҳасрати зиёд ва ё орзуву ҳаваси ниҳоят зиёд истифода мешавад, нисбатан бештар мушоҳида мешавад. Ин ибораро шоир бисёртар дар мавзуи модар ва бузургдошти он истифода кардааст, ки бесабаб нест; зеро дар аксари модарномаҳои шоир ҳасрату орзуи дидори модари аздастрафта эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар шеъри "Хумор", ки ба модар бахшида шудааст, ҳамин хасрату орзуи шоир эҳсос мешавад:

Танҳоӣ аниси мушкиломӯз,

Дар мактаби зиндагии ҳаррӯз.

Гум мезанадо дили ҳазинам,

Бар суҳбати модарам шабу рӯз [13, 124].

3. *Амсолу зарбулмасалҳо*. Дар ашъори Меҳринисо амсол ва зарбулмасалҳо бисёр корбурд шудаанд. Онҳо афкору хаёлпардозиҳои шоирро тақвият бахшида, дар таъсирбахшиву завқбахшии онҳо нақши шоистаро бар ҷой мегузоранд. Аз ҷумлаи амсоли мазкур яке "*бод додани коҳҳои кӯҳна*" мебошад. Маънои ин масал суханҳову гапҳои гузаштаро ба хотир овардан мебошад, ки сабаби ҷангу ҷидоли одамон мегарданд. Масалан, Меҳринисо дар ғазале бо истифода аз амсоли мазкур мегӯяд:

Бар субути бегуноҳии гунаҳкорон басе

*Коҳҳои кӯҳнаро ҳам бод мебояд намуд* [12, 261].

Амсолу зарбулмасал баъзан дар ашъори Меҳринисо нисбат ба дигар васоити тасвир ҷилваи бештар доранд. Масалан, дар шеъри зерин ду амсол истифода гардидааст: «*То шамол / бод набошад, барги дарахт намеҷунбад*» ва «*Аз як каф қарсак набаромадан*»:

Магӯ, ки мардум аз чӣ бевафоянд,

Вафои худ ба кас санҷидаӣ ту?

*Набошад бод то, барге наҷунбад,*

*Куҷо қарсак зи як каф дидаӣ ту*? [12, 265]

«*То шамол набошад, барги дарахт намеҷунбад*» яке аз масалҳои халқии миёни мардум паҳнгашта ба ҳисоб меравад, ки маънои он бесабаб ба амал наёмадани коре мебошад. «*Аз як каф қарсак набаромадан*» ҳам ибораи халқии дигаре мебошад, ки маънои он ба танҳоӣ корношоям будани касе ва чизе аст. Ин ибораи феълӣ ба ҷиҳати серистеъмолияш амсоли сойир гаштааст.

Магӯ, ки мардум аз чӣ бевафоянд,

Вафои худ ба кас санҷидаӣ ту?

*Набошад бод то, барге наҷунбад,*

*Куҷо қарсак зи як каф дидаӣ ту*? [12, 265]

Яке аз хусусиятҳои корбурди амсоли мардумӣ дар ашъори Меҳринисо иборат аз он аст, ки Меҳринисо онҳоро анқариб дар ҳамон шакле, ки дар забони зиндаи мардумӣ истеъмол мешаванд, мавриди истифода қарор медиҳад. Ин агар, аз як ҷиҳат, ба фаҳму дарки афкори бадеи шоир бештар кумак расонад, аз дигар ҷиҳат, дар воқеиву заминӣ гаштани суханони вай таъсири назаррас мегузорад. Тавассути амсоли мардумӣ ашъори Меҳринисо басо дилнишину завқбахш гашта, рӯҳи махсуси халқиро қабул мекунанд ва хусусияти ҷалбкунандагияшон боз ҳам бештар мегарданд.

## 3.2. Нақши таноқуз дар ашъори Меҳринисо

Яке аз хусусиятҳои сабкии ашъори Меҳринисо – ин истифодаи таноқуз ё парадокс ба ҳисоб меравад. Таноқуз ё тарзи бакоргирии мутаноқизи мафҳумҳо дар адабиётшиносии муосир тавассути истилоҳи маъруфи парадокс корбурд мешавад. Вожаи мазкур аз забони юнонӣ paradoxon гирифта шуда, маънои баногоҳ ва ба таври шиддатнок зид будан ба фикри солим ва фарқ кардан аз фикри қабулшудаи умум мебошад. Парадокс – ин назари мутаноқиз ё мухолифи шоир ба мафҳумҳову ашё ва ё муҳокимае мебошад, ки ба ҳақиқати воқеӣ ва арзишгузошти мантиқӣ мувофиқат наменамояд [151, 258].

Ҳамин тарзи номувофиқатии муҳокимарониҳои шоирона бо ҳақиқати воқеӣ, баҳогузории ғайримантиқии ашёву мафҳумҳо ва ба таври қотеъу шиддатнок зид будан бо фикри умум дар эҷодиёти Меҳринисо бисёр ба чашм мерасад. Миёни шоирҳои муосири тоҷик агар ашъори Гулрухсор пур аз афкори парадоксӣ бошанд ва ҳамчунин афкор агар яке аз вижагиҳои шеърҳои ӯро ташкил диҳанд [110, 175], нақши парадокс ва овардани афкори мутаноқиз дар ашъори Меҳринисо ҳам басо назаррас мебошад. Афкори мутаноқиз ё парадоксӣ яке аз вижагиҳои қобили таваҷҷуҳи ашъори Меҳринисо ба ҳисоб рафта, нақши ҳамчунин афкор дар эҷодиёти вай дар тасвири мафҳумҳову ашё басо назаррас аст. Дар тамоми осори дар даврони гуногуни фаъолияти адабии Меҳринисо батабъ расида, дар ҳамаи анвои шеърии вай намунаҳои зиёде аз афкори баҳамзидду мутаноқизро метавон пайдо намуд, ки ба василаи онҳо матолиби гуногун ба тарзи басо таъсирбахш ва зебо мавриди баррасиву тасвир қарор гирифтаанд. Масалан, дар мисраи аввали байти зерин Меҳринисо бо истифода аз ду мафҳуми мутаноқизу зид: сукут ва тӯфон, ки аз ҳайси маънӣ бо ҳам муносибате надоранд ва баръакс, дар тазоди ҳам қарор доранд, мазмуни наве сохтааст ва гуфтааст, ки сукути вай – ин тӯфони дигаре аст:

Бетобии сукути ман тӯфони дигарест,
Осуданам шукуфтани гулҳои интизор [13, 453].

Ҳамчунин, дар ҳамин мисраъ дар ибораи *бетобии сукут* ҳам таноқуз ба назар мерасад, зеро бетобӣ, ки маънои бесабриву беқарориро дорад, аз нигоҳи маъно бо сукут, ки хомӯшӣ аст, тамоман зид аст. Дар мисраи дуюм ҳам таноқузи фикрии шоир эҳсос мешавад, зеро миёни вожаи осудан ва шукуфтан як навъ номутаносибиву тазоди фикр ба назар мерасад, ду вожаи мазкур аз ҳайси маънӣ иртиботи мустақим надоранд.

Дар байти зер ҳам Меҳринисо бо истифода аз вожаҳои ҷабр ва меҳрона фикри мутаноқизро ба вуҷуд овардааст:

Эй дури дур, аз мо мабур, эй ғоиби беҳ аз зуҳур,
Аз ҷабри ту бар ҷони ман меҳрона афзун мерасад [12, 83].

Сababи корбурди вожаи *меҳрона* дар баробари *ҷабр* иборат аз он аст, ки матлаби матн ғиноиву ишқӣ аст ва шоир ҷабри маъшуқро барои хеш ҳамчун меҳру муҳаббат истиқбол менамояд. Ва бояд қайд намуд, ки ин тарзи равиш дар худ кинояе надорад, яъне шоир вожаи меҳронаро ба таври киноявӣ истифода накардааст, зеро ҷабри ёр барои ӯ, дар ҳақиқат, латифу хушоянд аст. Дар мисраи аввали ҳамин байт миёни вожаҳои ғоиб ва зуҳур низ як навъ таноқуз ба мушоҳида мерасад, аммо он бештар бо санъати тазод алоқамандӣ дорад.

Дар байти зерин низ миёни вожаҳои шуҳрат ва эътибор таноқузи фикр мушоҳида мешавад, зеро шуҳрат аслан он вақт ба вуҷуд меояд, ки шахс эътиборе миёни ҷомеа пайдо намояд ва дар акси ин, яъне беэътибор будани шахс, шуҳрат ба вуҷуд нахоҳад омад. Аммо Меҳринисо шуҳрати худро беэътибор хондааст:

Ҳарфе нагӯ зи шуҳрати беэътибори ман,

Қурбе надорад ин ҳама дору надори ман [13, 395].

Зимнан, бояд қайд намуд, ки дар мисраи дувум миёни феъли *қурб надоштан* ва вожаи *дор* ҳам як навъ парадокс мушоҳида мешавад, зеро инсон он вақт дар ҷомеа қурбу арзиш пайдо менамояд, ки чизе дошта бошад (яъне: гавҳар, дониш, хирад, шуҳрати иҷтимоӣ) ва ҳамин ки аз ин арзишҳо чизеро соҳиб гардад, беқурб нахоҳад гашт.

Яке аз хусусиятҳои сабкӣ ва бадеии афкори мутаноқизи Меҳринисо дар он ҷилвагар мегардад, ки онҳо баъзан тавассути корбурди санъатҳои пардози сухан ба вуҷуд оварда шуда, зебоиву дилпазирии худро дучанд намудаанд. Худоӣ Шариф шеърро арсаи завқу руҳоният қаламдод кардааст, ки дуруст аст [135, 5]. Дар ашъори Меҳринисо бо истифода аз таноқузи фикрӣ ва он ҳам бо омезиши дигар санъатҳои бадеӣ завқи баланди шоир эҳсос мегардад. Масалан, дар байти аввали шеъри «Масъулият» ҳамин хусусият ба таври басо равшан инъикос мегардад:

Чароғи хомӯшии ман равшантар аз моҳ,

Ҳарфҳо ахтарони дурахшони вожаҳо [12, 41].

Вожаи *чароғ* дар мисраи нахустини байти боло бо вожаи *хомӯшӣ* аз ҳайси маъно таносуб надорад, бинобар ҳамин шоир сифати равшантарро бар он зам

намудааст ва бо ҳамин роҳ миёни вожагони *чароғ* ва *хомӯшӣ* як навъ робитаи мантиқиро ба вуҷуд овардааст. Дар байти зикршуда истиораҳои *чароғи хомӯшӣ* ва *ахтарони (дурахшони) вожаҳо* ва санъатҳои тафзил (дар мисраи якум) ташбеҳи пӯшида (дар мисраи дуюм) муҷиби зебоии баён дар фикри парадоксӣ гаштаанд.

Дар байти зер ҳам фикри мутаноқизи шоир ба василаи истиораи *шаҳпари идрок* ба вуҷуд оварда шудааст:

Боли парвози уқобон орзуи ҳар касест,
*Шаҳпари идроки* моро орзуи бом нест [12, 60].

Дар байти зикршуда миёни вожагони *шаҳпар* ва феъли *орзуи бом набудан* таноқузи фикр мушоҳида мешавад, зеро шаҳпар бо бом, баръакс, робита дорад, аммо шоир мегӯяд, ки шаҳпари мо орзуи бомро надорад.

Ҷуз аз мисолҳои зикршуда дар эҷодиёти Меҳринисо метавон намунаҳои дигареро аз таноқузоти фикрӣ ё тарзи парадоксии баён пайдо намуд, ки ин тарзи ифода, агар аз як тараф, сабаби образнокӣ ва мазмуннокии сухани шоир гардад, аз ҷониби дигар, барои хонандагони худ завқ ва таъсири бештари бадеӣ-эстетикӣ мебахшад. Аммо бояд дар назар гирифт, ки тарзи баёни мутаноқиз дар эҷодиёти Меҳринисо, пеш аз ҳама, аз ҳунару истеъдоди хоссаи шоирии вай хабар медиҳад ва яке аз хусусиятҳои вижаи суханпардозии ӯро бозгӯйӣ менамояд.

### 3.3. Калимабозӣ дар ашъори Меҳринисо

Яке аз вижагиҳои дигари назарраси суханпардозӣ дар эҷодиёти Меҳринисо – ин калимабозӣ ё бозии калимаҳо мебошад. Калимабозӣ чунин навъи бакоргирии вожаҳо мебошад, ки шоир ҷиҳати хушоҳанг гаштани мисраъ ва байти худ ду вожаи аз ҳайси оҳанг ба ҳам наздикро дар шафати ҳам, дар фосилаи наздик ба ҳам ва ё дар ҳудуди ду мисраъ мавриди истифода қарор медиҳад, ки ҳангоми хондани он байт дар гӯши хонандагон як навъ хушоҳангӣ эҳсос мешавад. Бояд қайд намуд, ки калимабозӣ бо оҳангу талаффуз робитаи мустақим дорад, зеро шоир онро маҳз ҷиҳати тараннумнокӣ ва хушоҳанг гаштани мисраъ ва ё байт ба кор мегирад. Бинобар ин, калимабозӣ, пеш аз ҳама, аз ҷанбаи оҳангу мусиқӣ бархӯрдор аст.

Ҷанбаи хушнавоӣ ва мусиқоии калимабозӣ он аст, ки дар талаффузи ду ва зиёда вожаҳо як навъ ҳамоҳангӣ, якнавохтӣ ва тараннуми монанд ба гӯш мерасад. Калимабозиро дар истилоҳи адабиётшиносии муосир каламбур низ мегӯянд. Каламбур аз забони франсавӣ гирифта шуда, чунин тарзи гуфтор аст, ки ба ҳамоҳангии вожаҳо ва ибораҳои дорои маъноҳои гуногуну аз ҳам фарққкунанда асос ёфтааст [99, 119]. Каламбур бо сабк роибтаи мустақим дорад, зеро он нишондиҳандаи тарзи суханпардозии адиб ва равиши хоссаи бакоргирии воҳидҳои забонӣ дар эҷодиёти вай ба ҳисоб меравад.

Каламбур ё калимабозӣ бо таҷнис ё ҷинос шабоҳат дорад, зеро асоси ба вуҷуд омадани он омонимҳо ва омографҳо мебошанд. Аммо калимабозӣ чизи дигарест, чун он хусусиятҳои вижаи худро дорад. Дар таҷнис як вожа бо вожаи дигар ё ду вожа бо як вожа аз ҳайси оҳангу талаффуз пурра якнавохту ҳамоҳанг аст. Ин ҳамоҳангиву якнавохтии пурра дар таҷнис ба василаи ҳамшаклии ду ва ё зиёда вожаҳо дар матни шеър ба вуҷуд меояд. Аммо дар калимабозӣ наздикии оҳангӣ ва якнавохтии вожаҳо ба пуррагӣ сурат намепазирад, дар он ҳуруфи алоҳида дар ду ва ё зиёда вожа бо ҳам аз ҳайси оҳанг шабоҳате пайдо менамоянд. Бинобар ин, вожаҳое, ки шоир онҳоро ба ҷиҳати ҳамоҳангӣ ва якнавохтӣ ва ё ба хотири эҷоди мусиқиву тараннумнок гаштани онҳо ба кор мегиранд, пурра ҳамшакл нестанд. Истифода аз вожаҳои шаклан мушобеҳ дар шеъри шоирони муосири тоҷик бисёр ба чашм мерасад ва дар эҷодиёти чанде аз онон аз вижагиҳои сабкӣ низ ба ҳисоб меравад. Масалан, Шаҳлои Тоҳириён, муҳаққиқи ҷавони тоҷик, ки оид ба ашъори Бозор Собир таҳқиқоти арзишманд бурдааст, қайд менамояд, ки Бозор дар қатори дигар шоирони соҳибистеъдод воситаҳои забониро дар ашъори хеш басо ҳунармандона истифода намудааст [105, 359-360]. Дар ашъори Меҳринисо ҳам яке аз нишонаҳои муассири васоити забонӣ дар мисоли каламбур ё вожаҳои мушобеҳ бисёр ба чашм мерасад. Аз ҷумла дар ин байти Меҳринисо миёни феълҳои *бигзор* ва *бигзар* як навъ бозии калимаҳо ба назар мерасад:

*Бигзору бигзар* аз ҷафо, аз хонаат берун наё,
Девонагӣ аз ҳад гузашт, бар худ биё, бар худ биё [13, 162].

Агар садонокҳои дувуми ҳар ду вожаи мазкур як мешуданд (яъне: ё садоноки *а*, ё *о*), дар ин сурат ҳар ду вожа бо ҳам таҷнис мешуданд, аммо вуҷуди фарқият дар садонокҳои мазкур сабаб гардид, ки дар ҳар ду вожа бозии калимаҳо ба вуҷуд ояд

Дар байти зерин низ дар вожаи *баҳона* ва феъли *баҳо макун* ва вожаҳои *риёву кибриё* якнавохтии ифода эҳсос мешавад:

Азизи ман, хато макун, *баҳонаро баҳо макун,*

Ба ҷони ман ҷафо макун, риё ба кибриё макун [13, 192].

Дар байти дигар аз як ғазали Меҳринисо миёни вожаҳои *тоқат, тоқ* ва *муштоқ* як навъ ҳамоҳангӣ ва бозии калимаҳо ба назар мерасад:

*Тоқати* Меҳринисо *тоқ* асту *муштоқи* ту аст,

Эй анису меҳрубону дӯстдорам, модарам [12, 156].

Дар байти зер бошад, миёни вожаҳои безор ва бозор калимабозӣ ба назар мерасад:

Чи дилтангӣ, чи берангӣ дар ин қайд,

Ки *безорам* зи *бозори* мағалҳо [12, 84].

Дар калимабозии Меҳринисо вожаҳое ҳам истифода шудаанд, ки баромади онҳо аз решаҳои гуногун ва, ҳатто, забонҳои гуногунанд ва боиси ба вуҷуд омадани тараннум ва оҳангнокии махсус гардидаанд. Масалан, дар шеъри «Танҳо дили ман» ин гуфтаҳо дар мавриди вожаҳои *замзам* ва *замзама* ба назар мерасад:

Ҳамагон бо ҳаму танҳо дили ман,

Ташнаам, *замзами* дилхоҳ куҷост?

Укдаам во нашавад аз назаре,

Нолаам, *замзамаи* оҳ куҷост? [13, 250]

Вожаи *замзам* арабӣ буда, номи чоҳ ва чашмаест дар Макка ва *замзама* вожаи форсӣ-тоҷикӣ буда, оҳангу садои зери лабро гӯянд. Дар ашъори Меҳринисо калимабозӣ ба василаи таъмин намудани оҳангнокии вожаҳо, яъне саҷъи манзум низ ба назар мерасад. Р. Мусулмонқулов саҷъеро, ки дар шеър истифода мешавад, чун воситаи ба вуҷуд овардани мусиқии махсуси он қаламдод кардааст, ки қобили қабул аст [76, 89]. Назири ҳамин гуна вожаҳои саҷъшуда ва ё то ҷое

наздикталаффуз дар абёти фавқуззикри Меҳринисо дар мисоли вожагони баҳона ва баҳо, бигзор ва бигзар, замзам ва замзама ба назар мерасад.

Калимабозӣ дар ашъори Меҳринисо баъзан бо каму зиёд будани як ҳарф дар вожагон мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар байти зер миёни вожаҳои *қадр* ва *қадар* ин ҳолат ба назар мерасад:

Гуфтам дигар нагӯям ман шеъри ошиқона,
Дар ин замон, ки ошиқ *қадр* он *қадар* надорад [13, 380].

Вожагони мазкур бо ҳам ҷинос нестанд, балки дар онҳо калимабозии шоир эҳсос мешавад.

Вазифаи ба бозӣ кашидани калимаҳо ва ё калимабозӣ дар ашъори Меҳринисо, пеш аз ҳама, таъмини хушоҳангиву ҷанбаи мусиқоии матни шеър аст, ки он иборат аз мисраъ ва байт аст. Ин вазифаи бадеӣ ва шеърии калимабозӣ дар ашъори Меҳринисо, ки сабабгори ба вуҷуд омадани равонӣ ва салосати сухани ӯ мегардад, ба ҷанбаи сабку ҳунари шоирии вай робита пайдо мекунад. Рустами Ваҳҳоб қайд кардааст, ки агарчи нақши сурати зоҳири шеър нисбат ба дарунмояи он дар таъсирбахшии он камтар ба назар мерасад, аммо бешубҳа, таъсири бештари шеър ба василаи мусиқӣ ва оҳанги он фароҳам мешавад [44, 126]. Вазифаи дигари калимабозӣ дар эҷодиёти шоир таъмини ғановати маънӣ дар матни шеър мебошад, чун ба василаи истифода аз вожаҳои шаклан наздику ҳамоҳанг вай бар захираи луғавии ашъори хеш афзуда, дар интиқоли маонии гуногуни вожаҳо бар хонандагони худ саҳме низ гузоштааст. Вобаста ба ҳамин ҷиҳатҳо, метавон гуфт, ки Меҳринисо аз чунин корбурди вожагону ибораҳо истифодаи ҳунармандона намуда, ашъори худро ҳамчун захираи ғизои маънавиву эстетикӣ ва луғавӣ-маъноӣ дар маърази нуктабинону хонандагони закӣ гузоштааст.

## 3.4. Муҷазбаёнӣ дар ашъори Меҳринисо

Муҷазбаёнӣ ё эҷоз ҳарчанд аз навъҳои санъатҳои бадеӣ ба шумор меравад, аммо он яке аз василаҳои муайян кардани сабки шоирӣ ва услуби суханпардозии

ҳар шоир ҳисобида мешавад. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки Т. Зеҳнӣ дар «Санъати сухан»-и худ эҷозро дар радифи дигар санъатҳои бадеӣ ҷой надодааст. Бинобар ин, мо ин мавзуъро дар фасли марбут бар сабки Меҳринисо ҷой додем, на дар фасле, ки ба санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти шоир бахшида шудааст. Эҷоз чунин навъи санъати маънавӣ аст, ки дар матни шеър, чунонки муҳаққиқи эронӣ Муаззама Иқболӣ гуфта, «тартиби маонӣ беш аз алфоз бошад» ва шоир маъниро «ба камтарин лафз ва кӯтоҳтарин иборат, аммо равшан ва расо адо бикунад» [57, 211].

Як вижагии қобили мулоҳиза дар эҷодиёти Меҳринисо – ин муҷазбаёнӣ ва ё мухтасаргӯйӣ мебошад. Ин хусусият дар ҳар суханвар аз истеъдод ва ҳунари вижаи сабкии вай дарак медиҳад. Эҷоз ё тарзи баёни муҷаз дар ҳама анвои шеърии Меҳринисо нақши намоён дорад, чи дар жанрҳои суннативу анъанавии шоир ва чи дар ашъори ба тарзи нав сурудааш намунаҳои зиёде аз мухтасарбаёнӣ ба чашм мерасанд, ки шаҳодат аз хусусияти вижаи ҳунари вай медиҳанд.

Яке аз хусусиятҳои муҷазбаёнии Меҳринисо дар он таҷассум мегардад, ки вай ба василаи ин тарзи гуфтор мазомини зебову дилнишини ишқиро ба вуҷуд овардааст. Эҷоз ва баёни матолиби ишқӣ дар эҷодиёти Меҳринисо гӯё тавъаманд, зеро миёни ҳама мавзуъҳо ва мазомине, ки шоир дар ашъори хеш корбаст намудааст, маҳз дар мавзуи ғиноӣ-ишқӣ муҷазбаёниву мухтасаргӯии шоир бештар ҷилва мекунад. Масалан, дар байти зерин аз як ғазали шоир агар, аз як сӯ, эҷоз ба назар расад, аз сӯйи дигар, тарзи адои дилнишини ошиқона бар муҷазбаёнӣ ҳусни махсусе бахшидааст:

Бар остони лутфи худ гарди ғуборам кардаӣ,
Ин гард пеш аз моҷаро бонуи хушрӯйи ту буд [13, 191].

Баёни авотифи ошиқона ва аҳволи ошиқ ба василаи корбурди эҷоз боз ҳам таъсирбахштару дилнишинтар гашта, ба хонандаи худ як навъ лаззати маънавиву эстетикӣ мебахшад. Аз ҷумла, дар байти зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад:

Ғам аз ману ранҷ аз ману хорӣ ҳама аз ман,
Бемори туам, аз дили бишкаста чӣ хоҳӣ [12, 182].

Таъсирбахшӣ дар муҷазбаёнии байти боло боз дар он аст, ки дар он санъати лафзии ҷамъ низ истифода гардидааст. Санъати ҷамъ чунин воситаи тасвири бадеӣ аст, ки дар он чанд чиз барои як ҳукм корбурд мешавад [57, 188].

Дар муҷазбаёнии Меҳринисо хаёлпардозӣ низ нақши босазо дорад ва дар суханони вай ҷанбаи андешавиву тааммулпазирии онро таъмин менамояд. Дар ин маврид бояд зикр кард, ки дар шеъри Меҳринисо тарзи ифодаи муҷазу хаёлпардозона бар он ҷанбаи махсус мебахшанд ва омили тезтар қабул гардидани он аз ҷониби хонандаи худ мегардад. Дар байти поён ҳам Меҳринисо эҷозро ҷиҳати баёни ҳолоти ошиқона ба кор гирифтааст, аммо он тавассути хаёлпардозии шоирона сурат пазируфтааст, зеро нақши тахайюл дар он басо назаррас аст:

Чашмҳои ту зи ёдам рафтаанд

Бо сиришкам лаҳзаи фарёдҳо [12, 183].

Мазмуни байти мазкурро на ҳар шоир метавонад бо ин содагиву равонӣ ва бо ин мухтасаргӯйӣ баён бикунад. Дар ин байт омили муассирии маънӣ ҷуз аз эҷоз содагии тарзи баён низ гаштааст, ки дар саропои ашъори Меҳринисо ҷилваи махсус дорад. Агарчи тарзи баёни Меҳринисоро наметавон саҳли мумтанеъ унвон гузошт, аммо дар баъзан дар эҷодиёти вай осонбаёниву равшангӯйӣ ба таври равшан мушоҳида мешаванд.

Дар байти зер ҳам ҳолоти ишқӣ ба воситаи муҷазбаёнӣ басо марғуб мавриди тасвир қарор гирифтааст:

Душман он ҷӣ ки ту кардӣ, накунад бо ману лек

Дӯст ғайри ту касеро нашуморам ба Худо [13, 268].

Дар байти зерин эҷози муассире истифода гардида ва дар ин муҷазбаёнӣ нақши санъатҳои тазод ва истиора, ҳамчунин, тахайюли шоирона басо назаррас аст:

Фарёдҳои бесадоямро нуҳуфтам дар варақ,

Андар варақҳои хаёлам ёди дилҷӯи ту буд [12, 199].

Меҳринисо эҷозро ҷуз аз баёни матолиб ва ҳолоти ишқӣ дар дигар мавзуъҳо низ ба кор бурдааст. Яке аз мавзуъҳое, ки шоир дар баён ва тасвири он бештар муҷазбаёнӣ кардааст, ин мавзуи модар ва бузургдошти зан аст. Дар мавзуи мазкур

муҷазбаёнии Меҳринисо ҷилваи махсус дорад, он омехта бо аҳволи ботинӣ ва ҳузну андуҳи қалбии шоир мебошад. Масалан, дар байти поён аз як силсилашеъри ба модар бахшидааш Меҳринисо фикри худро ба таври басо муҷаз баён карда, ки қобили ситоиш аст:

Модар, ту он қадар бимон, то ман раҳо шавам,

Аз қайди ин ҷазо, ки варо ном зиндагист [13, 87].

Дар байти зерин мазмуни муҳаббат ба модар ва ғояти ишқи шоир нисбат ба вай ба таври бисёр муҷаз баён ёфта, ки баёни он дар маҳдудаи ду мисраъ барои на ҳар суханваре дастрас аст:

Эй ту ягона мӯнису ғамхори беҳтарин,

Шеъри ман аз муҳаббати ту гашта дилнишин [9, 43].

Дар муҷазбаёнии Меҳринисо дар иртибот бар мавзуи модар нақши дигар санъатҳои бадеӣ ва дигар васоити тасвири бадеӣ низ басо намоён аст. Масалан, дар байти зер аз як ғазали шоир санъати ҷамъ, тазод ва такрори вожаҳо истифода гардидаанд:

Ба лолаҳои рӯям, ба ҳалқаҳои мӯям,

Бигӯяму нагӯям, фидо, фидо, фидо ту [9, 42].

Дар байти зерин аз шеъри «Шигифт», ки шоир онро бар асари марги модар суруда, муҷазбаёнӣ тавассути санъатҳои тазод (андак-ҳазор), муболиға (мисраи дуюм-пурра) ва истиора (рагҳои ҷон) сурат пазируфтааст ва мазмуни он ба василаи васоити бадеии мазкур боз ҳам таъсирбахштар гардидааст:

Ғам андак буд, ғамхорам ҳазорон,

Кунун ғам мехӯрад рагҳои ҷонам [9, 50].

Эҷоз дар эҷодиёти Меҳринисо дар мавзуъҳои дигар ҳам ғайр аз мавзуи ғиноӣ-ишқӣ ва зан–модар ба таври вижа корбурд шудааст, аммо дар мавзуъҳои ғиноӣ-ишқӣ ва мавзуи модар нақши он басо назаррастар аз ҳар мавзуи дигар аст. Ба ҳар ҳол, муҷазбаёнӣ дар шинохти аслии шеъри Меҳринисо ва муқаррар кардани пояи ҳунари шоирии вай кумаки хубе хоҳад кард. Тавассути муҷазбаёниву мухтарсаргӯӣ ҷанбаи таъсирбахшоиву шӯрангезии суханони

Меҳринисо бештар мегардад. Ин тарзи адои сухан, пеш аз ҳама, аз табъи баланди шоирӣ ва завқу салиқаи вай дарак медиҳад. Дар мавриди шеъри баланд ва завқу салиқаи расо бошад, муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Сулаймон Анварӣ бар он ақида аст, ки он боиси сайқал додани табъу шуури мардум ва ба шӯр овардани хонанда мегардад [29, 48]. Муҷазбаёнӣ суханони шоирро ба ҳайси яке аз намунаҳои қобили таваҷҷуҳи ҷумлапардозӣ ва кӯтоҳбаёнӣ дар матни шеърӣ муаррифӣ карда, таваҷҷуҳи муҳаққиқони риштаҳои ҳам забон ва ҳам адабиётро ба худ ҷалб месозад.

Сабки шеърпардозии Меҳринисо умуман дар корбурди вожаҳову таркибҳои нав, ифодаҳову таркибҳои халқӣ, истифода аз таноқузоти фикрӣ, бакоргирии калимабозӣ ё вожаҳои шаклан монанду ҳамоҳанг ва муҷазбаёнӣ ё баёни мухтасари матолиб инъикос гашта, ба ин восита ҳунари вижаи вай дар дарёфти мазомини нави шеърӣ ва роҳҳои муассиртар гаштани афкори шоирона таҷассум мегардад.

# ХУЛОСА

Натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада моро ба ин хулосаҳо мерасонанд:

1. Меҳринисо Бобобекова яке аз адибони пурмаҳсули адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб рафта, тавассути ашъори пурмазмуну пурмуҳтавои хеш дар таърихи адабиёти мазкур дорои мақоми хосса мебошад. Ба ин шоҳид шуда метавонанд чандин маҷмуаҳои ашъори шоир, ки дар муддати фаъолияти эҷодии худ зери унвонҳои «Замзамаи зебоӣ», «Исми шаби ишқ», «Марде аз табори равшанӣ», «Меҳроби меҳр», «Меҳроби розам – модарам», «Оини Хуршед», «Шароби нур», «Нафаси субҳ», «Хӯшаи парвин» ва куллиёти охирини вай зери унвони «Оҳанги зиндагӣ» ба табъ расонидааст. Танҳо дар охирин маҷмуаи ашъори Меҳринисо – «Оҳанги зиндагӣ» зиёда аз 500 шеъри ӯ иборат аз 226 ғазал ва дигар шеърҳои суннативу анвои нави шеърии шоир мушоҳида мешаванд, ки ин далолат аз серкорӣ ва пурмаҳсулии вай мекунанд [3-М].

2. Эҷодиёти Меҳринисо аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа басо пурғановат буда, аксари мавзуъҳои марказии шеъри муосир дар он ба назар мерасанд. Аммо миёни ҷамеи мавзуъҳое, ки дар эҷодиёти шоир вомехӯранд, таваҷҷуҳи вай ба мавзуъҳое амсоли Ватан ва ватандӯстӣ, зан–модар ва вижагии тасвири он, афкори гуманистӣ ва инсонпарварона, мавзуи ишқу муҳаббати самимӣ бештар аст. Мавзуъҳои мазкур дар эҷодиёти Меҳринисо ба таври махсус мавриди қаламфарсоӣ қарор гирифтаанд ва шоир дар тасвиру баёни ҳар кадоме аз онҳо ҳунари махсус ва тарзи нигариши вижаи хешро нишон медиҳад [1-М].

3. Дар ашъори шоир намунаҳои зиёде аз санъатҳои бадеӣ амсоли: истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, маҷозу киноя, ҳусни мақтаъ ва навъи лафзии таҷнис корбурд шудаанд, ки миёни онҳо нақши ташбеҳ, истиора, талмеҳ ва ташхис барҷастатар аст. Тавассути санъатҳои мазкур Меҳринисо мазомини ашъори хешро зинати бештар дода, ҷанбаи тасвириву бадеии онҳоро қавитар мегардонад. Ин се воситаи тасвири бадеиро метавон сутунҳои устувор дар зинаткориҳои шоиронаи Меҳринсо эътироф намуд [5-М].

4. Дар ашъори Меҳринисо вожаҳо ва ибораву таркибҳои нав, ки аксаран маҳсули эҷоди худи вай ҳастанд, ибораҳову таркибҳои халқӣ, корбурди таноқузоти фикрӣ, калимабозӣ ва муҷазбаёнӣ хусусиятҳои сабкии ӯро муаррифӣ менамоянд. Вижагиҳои мазкур дар ҳама анвои шеърӣ ва дар ҳама маҷмуаҳои

шеърии Меҳринисо мушоҳида гашта, дар қиёс бо дигар хусусиёти забонии ашъори ӯ ҷилваи бештар доранд [2-М].

5. Зимни таҳқиқ маълум карда шуд, мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ бо ҷилваҳои вижаи худ тамоми маҷмуаҳои ашъори Меҳринисоро оро медиҳанд ва дар сархатти ҳама мавзуъҳои интихобнамудаи вай қарор мегирад. Шеърҳои дар мавзуи Ватан эҷоднамудаи Меҳринисо сар то интиҳо аҳаммияти тарбивӣ дошта, дар ниҳоди хонандаи худ эҳсоси баланд ва олии ватандӯстиро тавлид месозанд, дар онҳо ишқу муҳаббат нисбат ба Меҳанро ба вуҷуд оварда, дар қалбашон нури муқаддаси ватандӯстиро ҷилвагар менамоянд. Ба василаи шиносоӣ бо афкори ватандӯстонаи Меҳринисо хонанда дар ниҳоди хеш эҳсоси шукру сипос аз ин беҳтарин ҳадяи Худованд – Ватан пайдо менамояд [6-М].

6. Мавзуи зан–модар дувумин мавзуи марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо маҳсуб мешавад. Меҳринисо ба ин мавзуъ дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолияти шоирии худ ва дар ҳамаи анвои бакоргирифтаи шеърии худ дахл намудааст. Чи дар жанрҳои суннатӣ мисли ғазал ва рубоӣ ва чи дар ашъори тарзи наваш Меҳринисо ба мавзуи зан–модар руҷуи самимона ва содиқона кардааст. Вижагии ашъори ба зан–модар бахшидаи шоир дар тарзи баёни онҳо ҷилвагар мешавад, зеро онҳо забони басо сода ва тарзи адо ё услуби баёни дилнишин доранд. Дар иртибот бо ҳамин хусусияташон хонанда онҳоро метавонад зуд ҳифз намояд ва дар зеҳни худ маҳфуз дорад. Дар ашъори ба мавзуи зан–модар сурудааш Меҳринисо равонтарин ва хушоҳангтарин вазнҳоро интихоб намудааст, ки ин муносибати ӯ агар, аз як тараф, баҳри тараннумнокӣ ва оҳангнокии бештари матнҳои шеърии ӯ кумак намояд, аз ҷониби дигар, таносуберо миёни оҳанг ва мавзуи интихобнамудаи вай ба вуҷуд овардааст [5-М].

7. Дар эҷодиёти Меҳринисо афкори инсондӯстона ва ё гуманистӣ низ аз мавзуоти аввалдараҷа маҳсуб мешавад, ки он дар ҳамаи маҷмуаҳои шеърии вай ҷилваи махсус дорад. Гуманизми Меҳринисо вижагии махсуси худро дорад: он пайванди инсону табиат ва дӯст доштани ҳар ду аст. Дар гуманизми Меҳринисо ашёву мафҳумҳо, ҳар чизе, ки қобили ҳаёт ва нишони зиндагии моддӣ мебошад, якҷо ширкат мекунанд. Ин ҷиҳат бозгӯкунандаи як навъ фалсафаи гуманизм ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншинохтии шоир аст, чун дар чунин навъи гуманизм дӯст доштани инсон бо ҳусни таваҷҷуҳи меҳрбор нисбат ба табиат ва унсурҳои он ва

ҳаёту муҳит якҷо буда, қариб як мафҳумро ифода менамоянд. Хусусияти назарраси афкори гуманистӣ дар ашъори Меҳринисо он аст, ки дар онҳо инсонҳо иштироки умумиву куллӣ доранд ва маҳдуд бар миллату халқ ва ё синфу гурӯҳе нестанд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки дар ақоиди инсонпарваронаи шоир шахсиятҳои алоҳида мавриди тасвир қарор нагирифта, назаргоҳи шоир басе васеътар аз он аст, ки маҳдуд бар афроди ҷудогуна бошад. Чунин навъи гуманизм ба тамоми инсонҳо ва ҷамеи халқҳои дунё равона карда шудааст ва агар, аз як сӯ, нишондиҳандаи назари таҳаммулгароёнаи Меҳринисо нисбат ба муҳиту ҷамъият бошад, аз сӯйи дигар, диди васеътар ва паҳномандтари ӯро дар нигоҳ ба инсонҳо ва башарият бозгӯйӣ менамояд [4-М].

8. Мавзуи ишқу муҳаббати самимӣ аз мавзуоти дигари марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо маҳсуб мешавад. Ин мавзуъ фарогири ҳама мавзуъҳои асосии шоир аст ва дар батни худ ҳамаи онҳоро ҷамъ овардааст, зеро нуқтаи назари шоиронаи Меҳринисо дар баррасии аксари мавзуъҳо дар гирди ҳамин мавзуъ мутамарказ мегардад. Ашъори Меҳринисо, аслан, сухани ишқ ва ормонҳои қалбии инсон аст. Мавзуи ишқ дар ҳама маҷмуаҳои шеърии Меҳринисо мақоми меҳварӣ дорад ва таваҷҷуҳи шоир ба мавзуи мазкур аз тариқи ҳама навъҳои шеърӣ, чи жанрҳои суннатӣ ва чи ашъори тарзи нав, сурат пазируфтааст. Аз назари Меҳринисо ишқ ҳамин хел як мафҳуми нисбӣ ва дӯстдории одӣ набуда, олами покиву иффат ва махзани авотифи зебои инсоният аст. Дар ишқномаҳои Меҳринисо шахси зан қаҳрамони асосӣ маҳсуб мешавад ва он ба ҳайси тимсол ва рамзи иффату покӣ, махзани розу ниёз ва ормонҳои қалбии инсонӣ баромад менамояд. Омезиши табиат ва аносири он бо мафҳуми ишқ яке аз вижагиҳои дигари барҷаста дар ишқномаҳои шоир ба ҳисоб меравад. Яке аз ҷанбаҳои таъсирбахштар гаштани мавзуи мазкур дар ашъори Меҳринисо ҳам ҳамин омезиши табиату унсурҳои он бо ишқ ва ҳолоти ботинии инсон ба ҳисоб мерасад. Ширкати табиат ва аносири он дар мавзуи ишқ тасвирҳои Меҳринисоро дар иртибот бо эҳсосоти қалбиву ботинияш бисёр мароқовару ҷолиб намудаанд [5-М].

9. Санъати истиора миёни ҷамеи воситаҳои тасвири бакорбурдаи Меҳринисо мақоми аввалдараҷаро ишғол менамояд. Меҳринисо дар ашъори хеш бештар ба истиораи навъи муканнияи тахйилӣ (бо тарҳи ***мулоимот (ваҷҳи шабаҳ) + мустаорун лаҳу (мушаббаҳ)***) таваҷҷуҳ дошта, зиёда аз 1150 адади

истиораро дар ашъори хеш истифода кардааст. Дар ашъори Меҳринисо ташбеҳ пас аз истиора мақоми босазоро ишғол намуда, дорои хусусиятҳои вижаи шакливу навъӣ мебошад. Ташбеҳҳои бакоргирифтаи Меҳринисо навъи сареҳ, пӯшида (музмар) ва ташбеҳи талмеҳӣ мебошанд ва дар рангиниву образнокии мазомини ашъори ӯ нақши қобили таваҷҷуҳ доранд. Санъати талмеҳ дар эҷодиёти Меҳринисо фарогири мавзуъҳои гуногун аст. Онҳо вобаста ба мавзуъ, умуман, ишорат ба шахсиятҳои таърихӣ, ҳодисаҳои таърихӣ, динӣ, фарҳангиву адабӣ ва ҷуғрофӣ. Тавассути санъати ташхис мафҳумҳои мушаххасу конкрет ва ғайримушаххасу абстракт дар ашъори Меҳринисо ба ҳаракат давроварда шуда, дорои сифатҳову феъли одамӣ мегарданд ва инсонвор рафтори оқилона нишон медиҳанд. Дар иртибот бар ин бояд қайд намуд, ки санъати мазкур дар ашъори Меҳринисо ду вазифаро иҷро менамоянд: 1) мафҳумҳои мавҳуму абстракт ё ғайриқобили ҳиссро сифати одамӣ ва ҷонварӣ мебахшанд; 2) бар ашёи мушаххас ва қобили ҳисс сифати инсонӣ мебахшанд. Аммо бояд зикр кард, ки дар ташхисҳои бакорбурдаи Меҳринисо бештар мафҳумҳои мавҳуму ғайримушаххас иштирок менамоянд ва ашёи қобили ҳиссу мушаххас дар қиёс бо ғайриҳиссӣ камтар ба назар мерасанд [6-М].

10. Нақши вожаҳову ибораҳои нав ва ифодаву таркибҳои халқӣ дар эҷодиёти Меҳринисо басо назаррас аст. Вожаҳову ибораҳо ва таркибҳои мазкур агар, аз як тараф, барои боз ҳам таъсирбахштар гардидани мазомини ашъори шоир хидмат кунанд, аз ҷониби дигар, дар ғаномандтар гаштани захираи луғавии хонандагони худ нақши босазо мегузоранд. Ибораву таркибҳои нави шоир аз хусусиятҳои гуногуни услубӣ бархӯрдор буда, бар шеърҳои вай тобишҳои зебои шоирона ва бадеъ ато менамоянд ва ҷанбаи малоҳату фасоҳати онро зиёдтар мегардонанд. Агар қисмате аз ибораву таркибҳои бакорбурдаи Меҳринисо ҷанбаи такрориву тақлидӣ дошта бошанд, дар қисмати намоёни он саҳми шоир бараъло эҳсос мешавад, ки ин далолаткунандаи ҳунару истеъдоди вай дар иртибот бар созмондиҳии луғоту мазомини нав мебошад [5-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Таҳқиқоте, ки мо ба анҷом расонидем, бар эҷодиёти шоир Меҳринисо Бобобекова дахл мекунад. Бинобар ин, интихоби мавзуъ дар рисолаи мавриди назар дар робита ба ҳаёту фаъолияти эҷодиёти Меҳринисо, ба хусус вижагиҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори гуногунжанри вай дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз мубрамияту аҳаммияти хосса иборат буда, боварӣ аст, то ҷое адабиётшиносии тоҷикро дар ин бобат пурра менамояд:

– Дар таърихи адабиёти охирҳои аҳди шуравӣ ва даврони Истиқлоли тоҷик шоироне ба арсаи фаъолияти адабӣ қадам гузоштанд, ки таҳқиқи аҳвол ва осори онҳо дар адабиётшиносии тоҷик аз аҳаммияти махсус бархурдор буда, боиси кушода шудани паҳлуҳои гуногуни шеъру шоирӣ ва раванди тадриҷии такомули адабиёт хоҳад гашт.

– Агарчи аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик рӯзгор ва осори қисмате аз шоирони давраҳои мазкур мавриди таҳқиқу тадқиқи ҷиддӣ қарор гирифтаанд, вале боз ҳам дар таърихи адабиёти муосир шоирону адибоне вуҷуд доранд, ки то ба ҳол эҷодиёти онон аз ҷониби муҳаққиқе ба таври бояду шояд таҳқиқ нашуда, адабиётшиносии тоҷик ба ҳалли ин мавзуъ ниёзи зиёд дорад.

– Чун таҳқиқот дар мавзуи эҷодиёти Меҳринисо аввалин кори илмии алоҳида аст, маводи онро дар ҳама корҳои минбаъдае, ки иртибот бо назми охирҳои даврони шуравӣ ва даврони Истиқлолияти адабиёти тоҷик доранд, метавон чун намунаи боэътимоди кори илмӣ истифода кард.

– Дар замина маводи рисола мавзуоти таҳқиқотӣ барои навиштани рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, докторӣ ва дигар навъи корҳои илмии макотибҳои олии касбӣ пешниҳод ва роҳнамоӣ карда мешаванд.

– Натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи маводи таълимӣ аз фанҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик, назарияи адабиёт, курсҳо ва семинарҳои илмӣ ҳамчунин барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ истифода карда мешаванд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

I


1. Барги сабз (Намунаҳои ашъори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик). Муқаддимаи Гулрухсор. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
2. Бобобекова, Меҳринисо. Хӯшаи парвин [Матн] / Меҳринисо Бобобеко ва / Навниҳолони боғи адабиёт. – Душанбе: Адиб. – 1989. – С. 127–165.
3. Меҳринисо. Аз сулҳ то бунёди Роғун [Матн] / Меҳринисо /Адабиёт ва санъат. – 15-уми ноябри соли 2018. –№ 46 (1965). – С. 11.
4. Меҳринисо: Дастони ман – дармони ту [Матн] / Меҳринисо /Занони Тоҷикистон. – 1989. –№ 4. – С. 20-21.
5. Меҳринисо. Замзамаи зебоӣ [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Б. Юсуфов. – Душанбе: Адиб, 2001. – 95 с.
6. Меҳринисо. Исми шаби ишқ [Матн] / Меҳринисо. – Душанбе, 1999. – 95 с.
7. Меҳринисо. Марде аз табори равшанӣ. – Душанбе, 2013. – 311 с.
8. Меҳринисо. Меҳроби меҳр [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Гурез Сафар. – Душанбе: Адиб, 2006. – 159 с.
9. Меҳринисо. Меҳроби розам – модарам [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Аламхон Кӯчаров. – Душанбе: Адиб, 2019. – 133 с.
10. Меҳринисо. Нақши зан дар раванди демократӣ[Матн] / Меҳринисо. – Душанбе, 1998. –104 с.
11. Меҳринисо. Нафаси субҳ [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Г. Сафаров. – Душанбе: Адиб, 1992. – 57 с.
12. Меҳринисо. Оини Хуршед [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Гурез Сафар. – Душанбе: Адиб, 2011. – 319 с.
13. Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Алишер Мирраҳим. – Душанбе, 2019. – 579 с.
14. Меҳринисо. Таронаи ҳастиву рӯҳ [Матн] / Меҳринисо / Оҳанги зиндагӣ. Муҳаррир: Алишер Мирраҳим. – Душанбе, 2019. – С. 3-4.
15. Меҳринисо. Шароби нур [Матн] / Меҳринисо. Муҳаррир: Б. Юсупов. – Душанбе: Адиб, 1996. – 158 с.

16. Насафӣ, Миробид Сайидо. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Миробид Сайидои Насафӣ (Тартибдиҳанда: Ҷ. Шанбезода). – Душанбе: Ирфон, 1977. – 700 с.
17. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-мӯъҷам [Матн] / Шасми Қайси Розӣ. (Муаллифи сарсухану тавзеҳот: Урбатулло Тоиров). – Душанбе: Адиб, 1991. – 463 с.
18. Румӣ, Ҷалолиддин. Куллиёт [Матн] / Ҷалолиддини Румӣ. – Душанбе, 2007.
19. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоуллоҳ Ҳусайнӣ. (Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов). – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.
20. Шерозӣ, Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофиз. Девон [Матн] / Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Абдурраҳими Халхолӣ). – Теҳрон: Интишороти «Ҳофиз», 1369 ҳ. – 440 с.

II

21. Абдуманнонов, А. Таҳаввули шеър ва фардияти шоир [Матн] / Абдураҳмон Абдуманнонов // Садои Шарқ. –1986. №2. – 1986. – С. 90-101.
22. Акбарзод, Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър [Матн] / Юсуф Акбарзод. – Душанбе: Дониш, 1980. – 195 с.
23. Акбарзод, Ю. Марҳилаи нав дар шинохти шеъри тоҷикӣ[Матн] / Юсуф Акбарзод // Садои Шарқ. – 2013. –№10. – С. 270-274
24. Акбарзод, Ю. Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX [Матн] / Юсуф Акбарзод // Садои Шарқ. – 2011. – №6. – С. 264-267.
25. Акбаров, Ю. Ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ [Матн] / Юсуф Акбаров. Муҳаррир: Х. Шанбезода. – Душанбе: Адиб, 1990. – 240 с.
26. Акбарзод, Ю. Шеъри эҳсосу хирад [Матн] / Юсуф Акбарзод // Садои Шарқ. – 1981. –№9. – С. 149-155.
27. Алиакбарзода, М. Ашъори ошиқонаи сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Марҷон Алиакбарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2012. – № 4 /6(97). – С. 234-237

28. Алиманиш, Ҷамол. Киноя дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ҷамол Алиманиш /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2015. –№ 4/6(97). – С. 253-257.
29. Анварӣ, Сулаймон. Нақди масоили суханшиносӣ [Матн] / Сулаймон Анварӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – 118 с.
30. Асозода, Х. Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Адиб, 1996. – 208 с.
31. Афғонов, А. Назари шоирон ба шеъри маснӯъ [Матн] / А. Афғонов /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2017. – № 4/12. – С. 11-117.
32. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Нақши маънӣ дар сохтори шеър [Матн] / Муҳаммадалии Аҷамӣ // Садои Шарқ. – 2015. –№4. – С. 82-88.
33. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис [Матн] / Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе, 2008. – 250 с.
34. Белинский, В.Г. Пол. собр. соч. [Текст] /А. Белинский. – М. – Л. – Т. 10. – 1956. – 230 с.
35. Бобоев, Ю. Мирзо Турсунзода. Ҳаёт ва эҷодиёти ӯ [Матн] / Ю. Бобоев. – Сталинобод: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1961. – 273 с.
36. Бобоев, Юрий. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Юрий Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 239 с.
37. Бобоев, Юрий. Назарияи адабиёт. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Юрий Бобоев. – Қисми якум. – Душанбе: Маориф, 1992. – 379 с.
38. Бобоев, Юрий. Эстетика ва қадамҳои назму наср [Матн] / Юрий Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 604 с.
39. Брагинский, И.С. О возникновении газели в таджикской и персидской литературе [Текст] /Советское востоковедение / Брагтнский И. С. М.: АН СССР. – XX 533 [Матн] / 19, 1958. – С. 94-100.
40. Ваҳдати миллат таманнои дили Меҳринисо (Мусоҳибаи хабарнигор Б. Абдураҳим бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Паёми донишҷӯ, июни соли 2011. – № 10. – С. 10-12.

41. Ваҳҳоб, Рустам. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2012. – 134 с.
42. Ваҳҳоб, Рустам. Меъёрҳои шеърият [Матн] / Рустами Ваҳҳоб // Садои Шарқ. – 2009. –№ 11. – 250 с.
43. Ваҳҳоб, Рустам. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 199 с.
44. Горький, М. Собр соч. В 30 т. [Текст] / М. Горький. – М. , 1953. – Т. 27, 1953. – 589 с.
45. Гулрухсор. Муқаддима [Матн] / Гулрухсор [Матн] /Барги сабз (намунаи ашъори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик). – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
46. Гулрухсор. Муқаддима [Матн] / Гулрухсор /Навниҳолони боғи адабиёт. – Душанбе: Адиб, 1989. – 173 с. – С. 125-126.
47. Давлатов, М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов: Рис. . . . ном. илм. филол. – Душанбе, 1965. – 228 с.
48. Давронов, Абдувалӣ. Адабиёт ва маърифати инсон [Матн] / Абдувалӣ Давронов. – Душанбе, 2006. – 300 с.
49. Давронов, Абдувалӣ. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт [Матн] / Абдувалӣ Давронов /Маърифати шеър ва шахси шоир: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – С. 90-98.
50. Дунёи меҳр (Мусоҳибаи Султон Ҳамад бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Нури зиндагӣ, 9 декабри соли 2010. –№ 44 (121). – С. 8-9.
51. Дунёи меҳр (Мусоҳибаи Султон Ҳамад бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Нури зиндагӣ, 16 декабри соли 2010. –№ 45 (122). – С. 9-10.
52. Жирмунский, В. М. Теория стиха[Матн] /В. М. Жирмунский. –Л. , 1975. – 664 с.
53. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 395 с.
54. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – 259 с.

55. Ибодиён, Маҳмуд. Даромаде бар сабкшиносӣ дар адабиёт [Матн] / Маҳмуди Ибодиён. – Теҳрон: Овои нур, 1372. – 146 с.
56. Иброҳимӣ, Алиризо. Муруре бар аҳвол ва мавзуоти шеърии устод Лоиқ Шералӣ [Матн] / Алиризо Иброҳимободӣ /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. –№ 4/5(143). – С. 215-218.
57. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ [Матн] / Муаззама Аъзами Иқболӣ. – Теҳрон, 1363. – 253 с.
58. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хиёл [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.
59. Каримова, Миҷгона. Истифодаи орояҳои адабӣ дар ашъори ба васфи Зан–Модар бахшидаи адибони муосири тоҷик [Матн] / Миҷгона Каримова /Паёми Донишгоҳи миллӣ. –2017. –№2-3(26-27). – С. 68-76.
60. Кӯчаров, А. Модарномаҳои устод Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ [Матн] / А. Кӯчаров /Турсунзода. Маҳорат ва садоқат. – Душанбе: З. Камолиддин, 2011. – 192 с.
61. Кӯчаров А. Оинаи дил. А. Кӯчаров [Матн] /Садои мардум, 23 июли соли 1999. –№ 7. – С. 3.
62. Қандил, Асъод Абдулҳодӣ. Фунуни шеъри форсӣ [Матн] / Асъод Абдулҳодии Қандил. Тарҷумаи Фотима Сӯҳонфикр. – Теҳрон: Андешаи ҷавон, 1369. – 302 с.
63. Маликушшуаро, Муҳаммадтақӣ Баҳор. Сабкшиносӣ [Матн] / Муҳаммадтақӣ Баҳор, Маликушшуаро. - Ҷилди аввал. – Теҳрон: Амири Кабир, 1375 ҳ. – 467 с.
64. Маликушшуаро, Муҳаммадтақӣ Баҳор. Сабкшиносӣ [Матн]/ Муҳаммадтақӣ Баҳор, Маликушшуаро. – Ҷилди дуввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1375 ҳ. – 432 с.
65. Маликушшуаро, Муҳаммадтақӣ Баҳор. Сабкшиносӣ [Матн] / Муҳаммадтақӣ Баҳор, Маликушшуаро. – Ҷилди саввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1375 ҳ. – 448 с.

66. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. – Ҷ. I. Адабиётшиносӣ ва танқид. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 363 с.
67. Меҳринисо: Барои сурудҳоям пул талаб накардаам! (Мусоҳибаи рӯзноманигор Одил бо шоир, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ Меҳринисо) [Матн] /Оила, 26 июни соли 2019. –№ 26 (1007). – С. 12.
68. Меҳринисо: «Ба ҷуз Худо нозбардоре надорам»(Мусоҳибаи Шаҳрбону Тошева бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Зан ва мард,4 сентябри соли 2008. –№ 36 (141). – С. 4.
69. Меҳринисо: «Беҳтарин ганҷ барои инсон сухан аст» (Мусоҳибаи Гулноза Бобомуродова бо шоир Меҳиринсо) [Матн] /Бонувони Тоҷикистон, сентябри соли 2015. – С. 11-13.
70. Меҳринисо:Соли Робиа соли зан ва шеър хоҳад буд (Мусоҳибаи Анзурат бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Адабиёт ва санъат, 1 октябри соли 2009. –№ 40 (1491). – С. 12.
71. Меҳринисо: Шоиру нависандагон аз уҳдаи роҳбарӣ хуб мебароянд, пас чаро... (Мусоҳибаи Шаҳрбону Тошева бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Чархи гардун, 2 июли соли 2009. –№ 27 (670). – С. 8.
72. Мирзоев, А. М. Рудаки и развитие газели. [Матн] / А. М. Мирзоев; перевод Н. Османова. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1958. – 71 с.
73. Миршакар, Мирсаид. Сухане аз сухан [Матн] / Мирсаид Миршакар // Садои Шарқ. – 1981. –№11. – С. 111-118.
74. Моҳавзӣ, Маҳдӣ. Баргузидаи назм ва насри форсӣ ё форсӣ ва нигориш [Матн] / Маҳдии Моҳавзӣ. – Ҷилди 1 ва 2. –Теҳрон: Асотир, 1371 ҳ. – 402 с.
75. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён: муҳаррир: Ҳ. Имодӣ. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
76. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 152 с.
77. Мусулмонқулов, Раҳим. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 87 с.

78. Мусулмонқулов, Раҳим. Шеър машъал аст [Матн] / Раҳим Мусулмонқулов // Садои Шарқ. – 1976. –№2. – С. 116-122.
79. Набиев, Абдухолиқ. Шеър гар эъҷоз бошад. . . [Матн] / Абдухолиқ Набиев // Садои Шарқ. – 1976. –№10. – С. 113-121.
80. Насрулло, Камол. Покиза будан суннат аст [Матн] / Камол Насрулло /Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ. – Душанбе, 2019. – С. 3-14.
81. Насрулло, Камол. Ҳунар пероҳани шеър аст [Матн] / Камол Насрулло // Садои Шарқ. – 2017. –№4. – С. 250-256.
82. Наҷмонов, Ф. Паёми шоири тоҷик [Матн] / Ф. Наҷмонов [Матн] // Садои Шарқ. – 1991. –№9. – С. 125-127.
83. Нозимова, Гулрухсор Саидисломовна. Пайдоиш ва рушди тамсил дар адабиёти форсу тоҷик (асри X ва нимаи авали асри XI): рис. ном. илми филол: 10. 01. 03[Матн] / Гулрухсор Нозимова. –Душанбе, 2011. – 200 с.
84. Одинаев, Н. Шеъру шоирӣ аз назари Абдулбаракоти Котибӣ [Матн] / Н. Одинаев/Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. –№ 2. – С. 250-253.
85. Оне, ки дили пок дорад, зиндагии ширин мебинад (Мусоҳибаи хабарнигор Валиҷон Баёнӣ бо шоир Меҳринисо) [Матн] /Ҷавонони Тоҷикистон, 11 июли соли 2007. –№ 28 (8987). – С. 8.
86. Расулов, Алидод Бобоевич. Персидская газель в XX веке. автореф. дис. докт. филол. наук [Матн] / Алидод Бобоевич Расулов. – Душанбе, 2009. – 269 с.
87. Раҳимов Х. Б. Мазмун ва мундариҷаи ғоявию бадеии «Дасти дуои модар»- и Лоиқ Шералӣ [Матн] / Х. Б. Раҳимов /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №4(65). – С. 189-192.
88. Рустамзода М. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии занону модарон дар давраи соҳибИстиқлолӣ [Матн] / М. Рустамзода /Нақши ВАО дар таҳкими ваздати миллӣ (маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ», 18 ноябри соли 2017). – Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 51-56.
89. Саидджафаров, Озод Шахвалиевич. Стиль персидско-таджикской газели в XVI- XVII вв. ( на примере творчества Фигани, Назири и Саиба): дис. . . . докт.

филол. наук: 10. 01. 03 [Текст] / Озод Шахвалиевич, Саидджафаров. – Душанбе: ТНУ, 2015. – 300 с.

90. Саидҷаъфаров О. Ш. Анвои истиорот дар ғазалиёти Соиби Табрезӣ [Матн] / О. Ш. Саидҷаъфаров /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 4/2 (163). – С. 139-144.
91. Сайфуллоев А. Дунёи шеър [Матн] / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. –1980. – №9. – С. 122-136.
92. Сайфуллоев А. Мулоҳизаҳо оид ба лирика [Матн] / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1966. – №3. – С. 119-133.
93. Сайфуллоев А. Тафаккур ва образ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 168 с.
94. Сайфуллоев, Атахон. Шеъри эҳсосу андеша [Матн] / Атахон Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1982. – №12. – С. 99-105.
95. Сайфуллоев, Атахон. Шеър нидои зиндагист [Матн] / Атахон Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1971. – №5. – С. 97-116.
96. Сарвистон, Беҳрӯз. Баён дар шеъри форсӣ [Матн] / Беҳрӯзи Сарвистон. – Теҳрон: Барг, 1369 ҳ. – 157 с.
97. Сатторов, Абдунабӣ. Шеър ва зиндагӣ [Матн] / Абдунабӣ Сатторов // Садои Шарқ. – 1975. –№10. –С. 116-136.
98. Сатторов, Абдунабӣ. Нуқтаи пайванд [Матн] / Абдунабӣ Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 210 с.
99. Сафар, Умар. Шеър, шоир ва баёни шоирона [Матн] / Умар Сафар /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – № 3. –С. 250-253.
100. Сидельников В. М. Поэтика русской народной лирики [Текст] / В.М. Сидельников. – М. : Учпедгиз, 1959. – 128 с.
101. Сиёсӣ, Муҳаммад. Тамсил дар шеъри Соиб [Матн] / Муҳаммад Сиёсӣ/Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиши ва таълифи Муҳаммадрасули Дарёгашт. – Чопи аввал. – Теҳрон: Қатра, 1371 ҳ. – С. 137-217.
102. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он [Матн] / Солеҳов Ш. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.

103. Солис, Ахвони Маҳдӣ. Шеър, яъне . . . [Матн] / Ахвони Маҳдии Солис // Садои Шарқ. – 2015. –№8. – С. 280-284.

104. Тимофеев, Леонид Иванович. Вопросы теории литературы [Текст] / Леонид Иванович Тимофеев. – М. , 1950.

105. Тохириён, Шахлои Абдуализода. Теоретические проблемы поэтичес– кой речи в творчестве Бозора Собира (лексико-семантический аспект) Шахлои Абдуализода, Тохириён [Текст] /: Дисс. . . . канд. филол. наук (10. 02. 19). – Душанбе: Институт языка и литературы им. Рудаки, 2017. – 151 с.

106. Ту бузургтарин саволӣ, ки ҳанӯз беҷавобӣ (Мусоҳибаи Робия бо Меҳринисо – шоири ширинкалому содабаён ва ошиқу шӯридаи олами шеъру шоирӣ) [Матн] /Адабиёт ва санъат, 26 июли соли 2002. –№ 29-30 (1116). – С. 12.

107. Фадеев А. Язык художественного произведения [Текст] / А. Фадеев /Русские писатели о языке. – Л. , 1954. – С. 409-422.

108. Фаллоҳтафтӣ, Муҳаммадризо. Кинояҳои талмеҳӣ дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Фаллоҳтафтӣ /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2012. – № 4/6(97). – С. 238-240.

109. Фарзона. Иксири ҷавонӣ. Муқаддима [Матн] / Фарзона /Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ / Меҳринисо. Муҳаррир: Алишер Мирраҳим. – Душанбе, 2019. – С. 15-16.

110. Фурӯғ, Х. Ғазал – гунаи фарогир [Матн] / Х. Фурӯғ /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. –№ 4/1(159). – С. 171-175.

111. Хали, Ходжа Алтаф Хусейн. Поэтика [Текст] / Ходжа Алтаф Хусейн Хали. Перевод с урду: Ш. Пулатовой. – Душанбе: Дониш, 1989. – 241 с.

112. Хамраев, Д. Таджикская литературная критика в 60-80-х годах XX века [Текст] / Д. Хамраев. – Душанбе, 2006. – 51 с.

113. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Ҳафтод сухан. – Ҷилди аввал. Шеър ва ҳунар [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1377. – 439 с.

114. Хоҷамуродов, Олимҷон. Лоиқ Шералӣ ва «шеъри нав»- и Эрон [Матн] / Олимҷон Хоҷамуродов/Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. –№ 4/3(113). – С. 182-184.

115. Худоёрзода Р. Ваҳдат дар шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Р. Худоёрзода/Нақши ВАО дар таҳкими ваздати миллӣ (маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ», 18 ноябри соли 2017). – Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 277-285
116. Хуҷамқулов А. , Саидов С. Назари устод Айнӣ ба анъана ва навоварӣ [Матн] / А. Хуҷамқулов, С. Саидов/Образ ва маҳорат (маҷмуаи илмӣ). – Душанбе, 1979. – С. 127-136.
117. Ҳазратқулиён, Дилшод. Баъзе хусусиятҳои бадеиву услубӣ дар шеъри сафеди Фарзона [Матн] / Дилшода Ҳазратқулиён // Садои Шарқ. – 2018. –№11. – С. 147-154
118. Ҳазратқулов, Муҳаммадқул. Қалб сухан мегӯяду забон хомӯш аст [Матн] / Муҳаммадқул Ҳазратқулов // Садои Шарқ. – 2018. –№8. – С. 123-134.
119. Ҳаким, А. Дар қаламрави сухан [Матн] / А. Ҳаким // Садои Шарқ. – 1973. – №11, С. 132-142
120. Ҳакимов, А. Масъалаҳои тадқиқи шеъри ғиноӣ [Матн] / А. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №6 (67). – С. 143-151.
121. Ҳакимов, Аскар. Мухтассоти шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ [Матн] / Аскар Ҳакимов /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 418(83). – М. 250-253.
122. Ҳакимов, Аскар. Обшори шеър [Матн] / Аскар Ҳакимов // Садои Шарқ. – 1977. – №6. – С. 115-139.
123. Ҳакимов, Аскар. Шеър ва замон [Матн] / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Маориф, 1978.
124. Ҳиравӣ, Маҳдӣ. Авзони арӯз дар шеъри муосир [Матн] / Маҳдии Ҳиравӣ // Садои Шарқ. – 2016. – №3. – С. 114-116.
125. Ҳодизода, Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз [Матн] / Р. Ҳодизода. Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.
126. Ҳусейнзода, Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода/Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 225-243.

127. Ҷомӣ,Салоҳиддин. Сохтори ғазал дар асри Ҷомӣ [Матн] / Салоҳиддин Ҷомӣ /Илм ва фановарӣ: маҷаллаи илмӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 157-168.

128. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик (маҷмуаи мақолаҳо). – Қ. 2. – Душанбе: Дониш, 1988. – 248 с.

129. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1376. – 343 с.

130. Шамисо, Сирус. Баён ва маонӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1378. – 254 с.

131. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1378. – 428 с.

132. Шарифзода, Худой. Сездаҳ мақола (маҷмуи мақолаҳо) [Матн] / Худой Шарифзода. – Душанбе. – 2013. – 271 с.

133. Шарифов, Боймурод. Ҳунарварзии Хоқонӣ дар санъати ташбеҳ [Матн] / Боймурод Шарифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – № 4/2 (133). – С. 140-147.

134. Шарифов, Худой. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Худой Шарифов. – Душанбе, 2002. – 278 с.

135. Шарифов, Худой. Сухан аз меҳру вафо [Матн] / Худой Шарифов /Ашӯр Сафар. Девон. – Душанбе: Адиб. – 2018. – С. 3-8

136. Шарифов, Худой. Шоир ва шеър [Матн] / Худой Шарипов /Мазмун ва шакл дар шеъри имрӯзаи тоҷик: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1998. – С. 118-126.

137. Шариф, Худой. Инсон дар марзҳои шеъру шоирӣ [Матн] / Худой Шариф // Садои Шарқ. – 2009. –№1. – С. 250- 261.

138. Шариф, Худой. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Худой Шариф // Садои Шарқ. – 1983. –№3. – С. 107-113.

139. Шариф, Худой. Ташаккули услуб ва камолот [Матн] / Худой Шариф // Садои Шарқ. – 1982. –№8. – С. 96-104.

140. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 187 с.

141. Шеърдӯст, Алиасғар. Шеъри муосири Эрон [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст/Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 476 с.
142. Шикебо, Парвин. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз. Таърихи ҳазорсолаи шеъри форсӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1373. – 355 с.
143. Шодиқулов, Ҳамроқул. Ду мавзуи муҳими шеъри имрӯз [Матн] / Ҳамроқул Шодиқулов // Садои Шарқ. – 1976. – №3. – С. 127-141.
144. Шоев, Абдулҳамид, Саидов, Саидраҳмон. Тафсири шеър, моҳият ва асолати он [Матн] / Абдулҳамид Шоев, Саидраҳмон Саидов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 86 с.
145. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
146. Шукуров, М. Современность и классическая почва поэзии [Текст] / М. Шукуров /Дружба народов. – №11, 1963. – С. 251-259.
147. Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1965. –№2. – С. 78-105
148. Эшонова, М. Инъикоси образ ва характери миллӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода [Матн] / М. Эшонова /// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – № 4/1(159). – С. 203-212.

III

149. Баранов, Х. К. Арабско-русский словарь. Около 42 000 слов. - Москва: Русский язык, 1984. – 942 с.
150. Мирзозода, Холиқ. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Холиқ Мирзозода. – Душанбе, 1992. – 240 с.
151. Словарь литератураведческих терминов; редакторы- составители: Л. И. Тимофеев и С. В. Тураев. - М.: Просвещение, 1974. – 507 с.
152. Тимофеев, Л.И. , Венгров, М.П. Краткий словарь литературо– ведческих терминов [Текст] / Л. И. Тимофеев, М. П. Венгров. – М. , 1963. – 192 с.

153. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Муҳаррирон: М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ- М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 1, 951 с.

154. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ- М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 2, 948 с.

155. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. – Ҷ. 1. Мураттиб: Фозилов М. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 368 с.

156. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.– Ҷ. 1. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 997 с.

157. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ. 2. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 1095 с.

158. Ҳодизода, Р. ва дигарон. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 187 с.

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Бекназарова, Н.У. Ватандорӣ ва ишқи Ватан – яке аз мавзуъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо (дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон) / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – №2. – С. 239-242.

[2-М]. Бекназарова, Н.У. Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои Меҳринисо – дар мисоли истиора / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – №6. – С. 262-268.

[3-М]. Бекназарова, Н.У. Нашри ашъори Меҳринисо дар матбуоти тоҷик/ Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2019. – №7.– С. 257-264.

[4-М]. Усмониён, Н.У. Ҷойгоҳи мавзуи ишқу муҳаббат дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – №4. – С. 198-203.

[5-М]. Усмониён, Н.У. Нақши зан–модар дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – №5. – С. 267-272.

[6-М]. Усмониён, Н.У. Мавқеи талмеҳ, навъҳо ва хусусиятҳои он дар ашъори Меҳринисо/ Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе Матбааи ДМТ, 2021. – №1. – С. 256-261.